Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

У. ҒАФУРОВ, Қ. ШАРИПОВ

# АСОСҲОИ ТАДБИРКОРӢ 11





*Китоби дарсӣ барои синфи 11-и мактабҳои таълими миёна*

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ кардааст

Нашри 1



ТОШКАНД
«O‘ZBEKISTON»
2018

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 338.22(075.32)
КБК 65.290-2я721
Т 14

Тақриздеҳандагон:

**А. Сатторов** – методисти фанни «Асосҳои донишҳои иктисоди»-и Маркази таълими республика;

**Ш. Олимҷонова** – дотсенти кафедраи «Назарияи иктисод»-и Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек, номзади фанҳои иктисод;

**У. Мухторова** – омўзгори калони кафедраи «Тиҷорат ва тадбиркорӣ»-и Донишкадаи молияи Тошканд

## Ишораҳои шартӣ:

 – Савол ва супоришҳои фаъолгардонӣ

 – Донишатонро санҷед!

 – Супориш ва машқҳои амалӣ доир ба мавзўъ

 – Ин шавқовар...

 – Оё медонед?

## Ихтисороти шартӣ

| | |
|---|---|
| БСТИ | Банки саҳҳомии тиҷорати иноватсионӣ |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |
| ҶММ | Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд |
| ҚРЎ | Қонуни Республикаи Ўзбекистон |
| КО | Корхонаи оилавӣ |
| ТО | Тадбиркории оилавӣ |
| ФП | Фармони Президент |
| КХ | Корхонаи хусусӣ |

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп гардид.**

ISBN 978-9943-25-610-1

© У. Ғафуров, Қ. Шарипов, 2018
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2018

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ I

# ТАДБИРКОРӢ, НАМУД ВА ШАКЛҲОИ ОН

## МАВЗӮИ 1

## МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ТАДБИРКОРӢ

Боз як вазифаи муҳими мо – дастгирӣ ва рағбатноксозии соҳаи тиҷорати хурд ва тадбиркорӣ, мустаҳкамсозии қудрати иқтисодии мамлакат, сулҳу ваҳдати диёр, тифоқии иҷтимоӣ, муҳайё намудани шарту шароитҳои мувофиқ барои зиёд намудани ҳиссаи соҳаи мазкур иборат аст. Зеро тадбиркор на танҳо худ ва оилаашро, балки ҳам халқ ва ҳам давлатро таъмин месозад. Ман агарчӣ такрор аст, аз гуфтан монда намешавам, яъне халқ бой бошад, давлат ҳам бой ва боқудрат мешавад.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***













ИМА




Мадагаскар




Малайзия

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Тарзи зисти одамоне, ки дар суратҳои 1–4 ифода ёфтаанд, бо чӣ фарқ мекунад?
2. Ба фикри Шумо аз рӯйи суратҳои 5–6 дар кадом мамлакатҳо фаъолияти тадбиркорӣ бисёртар ривоҷ ёфтааст? Барои чӣ?
3. Дараҷаи ривоҷёбии фаъолияти тадбиркорӣ бо муҳити атроф ва шарту шароитҳо чӣ гуна вобастагӣ дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАДБИРКОРӢ ЧИСТ?

Шумо бо мафҳуми тадбиркорӣ (соҳибкорӣ) ҳанӯз дар синфи 9 тавассути фанни «Асосҳои дониши иқтисодӣ», хуб огоҳед. Дар он маънии тадбиркорӣ бо мақсади фоида гирифтан, дар асоси таваккал маблағ, мулк, дониш ва имкониятҳои худро ба кор андохта, маҳсулот истеҳсол намудан ва хизматрасонӣ фаҳмида мешавад. Аз ин бармеояд, ки тадбиркорӣ асоси иқтисодиёти бозорро ташкил намуда, фаъолияти ба ҳаракат водоркунандаи иштирокдорони он ба шумор меравад.

Фаъолияти тадбиркорӣ (тадбиркорӣ) аз ҷониби субъектҳои фаъолияти тадбиркорӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонун амалӣ гардида, он ташаббусест, ки ба фаъолияти худ таваккал намуда ва дар зери ҷавобгарии мулкии хеш соҳиби даромад (фоида) шуданро ба назар гирифтан аст.

***Таҳрири нави Қонуни Республикаи Ӯзбекистон аз 2-юми майи соли 2012 зери рақами 328 ҚРӮ «Дар бораи кафолатҳои озодии фаъолияти тадбиркорӣ», моддаи 3-юм***

Омилҳои дигари асосии истеҳсолоти тадбиркор – замин (ресурсҳои табиӣ), капитал (воситаҳои истеҳсолот) ва якҷоягии ресурсҳои меҳнат, таъмини ҳаракати мувофиқати ҳамдигарии онҳо, истеҳсоли маҳсулоти нав ё худ амалисозии хизматрасонӣ.

**Тадбиркор** – шахсе, ки дар боби истеҳсоли ягон навъи маҳсулот, ташкили чораёни хизматрасонӣ соҳиби лаёқати тадбиркорӣ, яъне дониш, ихтисос ва таҷриба мебошад.

## ҶИҲАТҲОИ АСОСИИ ТАДБИРКОРӢ

Агар тадбиркор шуданро хоҳед, шумо дар тинати худ ҷиҳатҳои асосии тадбиркориро шакл доданатон зарур аст. Онҳо чунинанд:

**1. Ташаббускорӣ.** Маҳз тадбиркор ғояи худро амалӣ намуда, бо мақсади фоида гирифтан ба воситаи якҷоягии ресурсҳои иқтисодӣ ташаббуси истеҳсоли маҳсулот ва фароҳам овардани хизматҳои навро пеш мебарад.

**2. Таваккалкорӣ.** Тадбиркор қатъи назар аз чӣ гуна пухта ба нақша гирифтани фаъолияти худ, барои бомуваффақият анҷом додани он нақша кафолате нест. Дар давоми фаъолияти тадбиркор эҳтимоли



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хавфу хатар (таваккал)ҳои зиёде ҳастанд, ки ба натиҷагирии ӯ таъсири манфӣ мерасонанд. Тадбиркор шахсест, ки аз ин гуна хавфу хатар, муаммо ва ғавҷӯбҳо наҳаросида, дар роҳи мақсади худ ба таваккалкорӣ рӯй меорад

**3. Масъулият.** Дар замири ташаббус ва таваккалнамоии тадбиркор масъулияти он, яъне барои ҳатту ҳаракаташ, ҷавобгарӣ ба молу мулк ва захираҳояш меистад.

**4. Нававар будан.** Дар мазмуни тадбиркорӣ нававар будан, яъне дар ташкил ва амалигардонии фаъолияти худ барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дохил намудани навигарӣ ва дигаргуниҳои муайян мавқеи муҳим дорад.

## АҲАМИЯТИ ТАДБИРКОРӢ

Оё шумо мехоҳед, ки шароити зисти аъзоёни оилаатон дар дараҷаи баланд бошад? Оё фикр кардаед, ки аксар қисми ин шароит ва имконият ба воситаи фаъолияти тадбиркорӣ фароҳам оварда мешавад?

Тадбиркорӣ имкон медиҳад, ки ҳар як инсон бо даромади муайян таъмин бошад, эҳтиёҷашро пурратар таъмин намояд, дараҷаи зисташро баланд бардорад. Агар дар ҷамъият инсонҳои тадбиркор бисёр бошанд, ҳамон қадар тинҷиву осоиштагӣ ва ҳаракат ба барқарорӣ меафзояд. Дар ҷамъияте, ки тадбиркорӣ хуб ривоҷ ёфтааст, офарандагӣ, илму маърифат ва саховат роҳбалад мешавад. Ба воситаи супоридани андоз ва дигар пардохтҳои аз фаъолияти тадбиркорӣ буҷети даромади давлат ҳам таъмин мегардад. Маблағи буҷет чӣ қадар зиёд бошад, имкони боз ҳам беҳгардонии шарту шароитҳои ба аъзоёни ҷамъият хизматрасон (хонаву ҷойҳо, роҳҳо, муассисаҳои тиббӣ, марказҳои ҳунаромӯзӣ ва ғайра) пайдо мешавад. Хуллас, аҳамияти тадбиркорӣ ба воситаи васеънамоии имконияти ҳар як шахс, ҷамъият ва давлат намоён мешавад. Аз ин рӯ, дар мамлакатамон фаъолияти табиркорӣ аз ҷониби давлат муҳофиза ва дастгирӣ карда мешавад.

## КӢ ТАДБИРКОР ШУДА МЕТАВОНАД?

Ҳамаи шаҳрвандоне, ки хоҳиши тадбиркор шуданро доранд, тадбиркор шуданашон мумкин. Вале барои ин шаҳрванд дорои лаёқати муомила, яъне бояд ба синни ҳаждаҳ даромада бошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар шахси ба воя нарасидаи шонздаҳсола дар асоси шартномаи меҳнатӣ меҳнат карда истода бошад, ёки бо ризоияти падару модар, ба фарзандӣ қабул кардагон ё худ ба ҳомигӣ гирифтагон ба фаъолияти тадбиркорӣ машғул бошад, ӯро пурра ба муомила болаёқат гуфта эълон кардан мумкин.

***Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 28-ум***

Баробари ин бо баъзе сабабҳо барои аксар шахсон ё гурӯҳҳо бо фаъолияти тадбиркорӣ машғул шудан мумкин нест. Инҳо:

– идораҳои давлатӣ;

– шахсони мансабдори идораҳои давлатӣ;

– шахсони дар ҳуҷҷатҳои қонун бо фаъолияти тадбиркорӣ шуғлварзиашон манъгаштаро дохил кардан мумкин.

## БАРОИ ТАДБИРКОРӢ ЧИҲО ЗАРУР?

Барои амалигардонии фаъоляити тадбиркориатон зеринҳо тақозо карда мешаванд:

– соҳиби бизнес-ғоя будан;

– кор кардани нақшаи муайяни ҳатту ҳаракатҳо (бизнес-нақша) барои амалинамоии бизнес-ғоя;

– барои ба роҳ мондани фаъолияти тадбиркорӣ соҳиби нахустин (сароғоз) капитали зарурӣ будан;

– барои амалинамоии фаъоляити тадбиркорӣ доштани ресурс ва шарту шароитҳои зарурӣ.



## ИН ШАВҚОВАР...

Соли 1997 дӯстони дар коллеҷ якҷоя таҳсил гирифта ба ғояи офаридани алгоритм, ки аз интернет ҳар гуна маълумотро ёфта медиҳад, шавқтмандӣ намуда, ҳатто тасаввур намекарданд, ки он бо чӣ анҷом меёбад. Он вақт онҳо донишҷӯёни ташнаи илм буданд. Аз сабаби нарасидани вақт барои бурдани кор аз рӯйи офаридани алгоритм онҳо қарор доданд, ки коркарди худро ба ивази 1 млн. доллар ба компанияи «Yahoo» фурӯшанд. Савдои хариди фурӯш бо компанияи то 500 ҳазор доллар расид, дар охир онҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

алгоритмро нафурӯхтанд. Ҷавонон кори худро аз болои алгоритм давом доданд. Дар натиҷа компанияи ба 250 млрд. доллар арзишдори «Google» ташкил ёфт.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Мафҳуми тадбиркорӣ чиро дарк менамояд?
2. Чаро тадбиркорӣ фаъолияти иштирокдорони бозорро ба ҳаракат ҳидояткунанда ба шамор меравад?
3. Лаёқати тадбиркорӣ ба воситаи чӣ гуна хислатҳо намоён мегардад?
4. Чаро байни омилҳои истеҳсолот тадбиркорӣ аз ҳама муҳим ба ҳисоб меравад?
5. Ҷиҳатҳои асосии тадбиркориро эзоҳ диҳед.
6. Тадбиркорӣ ба шахсони ҷудогона, ҷамъият ва давлат чӣ хел манфиат оварда метавонад?
7. Киҳо метавонанд тадбиркор шаванд?
8. Барои оғози тадбиркорӣ чиҳо зарур?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

**Тест: «Оё Шумо соҳиби лаёқати тадбиркориед?»**

Тести мазкур имкони баҳогузории дараҷаи лаёқати тадбиркориатонро медиҳад. Ба саволҳо «Ҳа» ё «Не» гуфта ҷавоб гардонед.

1. Кори саркардаатонро ба ҳар гуна монеаҳо нигоҳ накарда ба охир расонида метавонед?
2. Ба қароратон қатъӣ меистед ё шуморо осонакак аз фикратон гардонидан мумкин?
3. Шумо ба худ масъулиятро гирифтан, идоракуниро дӯст медоред?
4. Оё ба ҳурмат ва боварии атрофиён сазоворед?
5. Солимед?
6. Дарҳол ба натиҷа ноил нагардед ҳам аз саҳар то шом ба меҳнат кардан тайёред?
7. Ба шумо бо дигарон мулоқот кардан ва дар ҳамкорӣ меҳнат намудан маъқул аст?
8. Дигаронро ҳам ба дуруст будани роҳи интихобкарда бовар кунонида метавонед?
9. Ба шумо ғоя ва фикри дигарон фаҳмост?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

10. Барои оғози кори соҳаи дилхоҳатон таҷриба доред?

11. Шумо бо амалҳои ба андоз кашидан, ҳисобкунии музди меҳнат, идоракунии ҳисоби бухгалтерӣ ошноед?

12. Ба маҳсулот ё хизмати шумо таклифкарда дар шаҳр ё вилояти истиқоматиатон талаб ҳаст?

13. Шумо дар соҳаи маркетинг ва молия соҳиби дониши ибтидоӣ ҳастед?

14. Дар шаҳр (вилоят)-и истиқоматиатон корҳои тадбиркорон дар самти интихобкардаи шумо пешрав аст?

15. Ягон биноро барои ба иҷорагирӣ мӯлҷар кардаед?

16. Оё дар соли аввали фаъолият корхонаатон барои таъмир маблағи молиявии кофӣ дорад?

17. Барои молиягардонии корхонаи ташкил мекардаатон имконияти ҷалбнамоии хешу табор ва шиносҳоро доред?

18. Оё таъминотчиёни маводи заруриро ба шумо дастраскунанда ҳастанд?

19. Оё мутахассисони соҳиби дониш ва таҷрибаи ба шумо заруриро мерасонида ҳастанд?

20. Оё боварӣ доред, ки соҳиби кори шахсӣ будан – орзуи асосии шумост?

**Калид**

Ба ҳар як ҷавоби мусбӣ ба худ як холӣ гузоред. Ҷамъи холҳоро ҳисоб кунед.

**Натиҷа**

**Агар ҷамъи холҳо 17 ва аз он зиёд бошад,** шумо барои тадбиркор шудан дорои тамоми сифатҳоед. Сӯйи мақсад ҳаракатнамоиатон, бовариатон, қувва ва муваффақият барои амалинамоии ҳар гуна ғоя ёрӣ медиҳад.

**Агар ҷамъи холҳо аз 13 то 17 бошад,** ҳамчун тадбиркор барои ба муваффақият ноил гардидан боварии қатъӣ надоред. Вале Шумо корчаллони хуб шуданатон мумкин аст.

**Агар ҷамъи холҳо аз 13 кам бошад,** барои тадбиркор шудан шумо бояд бисёртар таҷриба ҷамъ намоед ва ҳаракат кунед. Пеш аз оғози тадбиркорӣ хоҳиш, шавқмандӣ ва имкониятатонро қиёс намуда, бояд сӯйи мақсади муайян қадам гузоред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 2 НАМУД ВА ШАКЛҲОИ ТАДБИРКОРӢ

Тадбиркори фаъол инсони корчаллонест, ки ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок қодир, аз ҳама муҳимаш ҷойи нави корӣ фароҳам оварда, на танҳо худ ва оилаашро мепояд, балки ба ҷамъият фоидаи калон меоварад.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***







### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Дар суратҳои болоӣ кадом намудҳои тадбиркорӣ ифода ёфтааст? Фикратонро асоснок кунед.
2. Дар як вақт бо намудҳои гуногуни тадбиркорӣ машғул шудан мумкин аст? Мисолҳо оред.

### НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ТАДБИРКОРӢ

Фаъолияти иқтисодӣ бо намудҳои гуногун амалӣ мегардад. Мисол, мо маҳсулоти гуногуни истеҳсолот (нон, либосворӣ, ашёҳо, автомобил, хона ва дигарҳо)-ро аз хизматрасонӣ (хизмати маишӣ, хизмати таълимӣ, ҳифзи тандурустӣ, маслиҳатхона ва дигарҳо) фарқ мекунем. Мувофиқи он, аз рӯйи хусусияти соҳаи иқтисодӣ ва сатмҳо намуди фаъолияти тадбиркорӣ бо ҷараёни шаклу мазмун ва усулҳои амалинамоии онҳо тавофут доранд. Дар фаъолияти тадбиркорӣ нисбат ба фаъолияти соҳаҳои хизматрасонӣ, фаъолияти воситачигӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, оператсияҳои молиявӣ босамар амалӣ мегардад. Намудҳои тадбиркорӣ бо самти тадбиркорӣ, объекти дохилкунандаи капитал ва натиҷаҳои муайян фарқ мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Намуди тадбиркорӣ** – сохтори нишони фарққунанда аз рӯйи самти фаъолияти тадбиркорӣ, соҳаи сармоягузорӣ ва натиҷаи фаъолият.

## ТАДБИРКОРИИ ИСТЕҲСОЛНАМОӢ

Пеш аз оғози тадбиркорӣ шумо бояд аввал намуди ба худатон мувофиқро интихоб кунед. Гирем, шумо сехи хурди қаннодӣ кушоданиед. Барои ин шумо бино, асбобу ускунаи зарурӣ, таҷҳизот ва маблағи молиявии даркорӣ бояд дошта бошад. Фаъолияти тайёрнамоии маҳсулоти қаннодии шумо тадбиркории истеҳсолнамоӣ номида мешавад.

**Тадбиркории истеҳсолнамоӣ** – фаъолиятест, ки бо истеҳсол намудани маҳсулот ба мақсади фурӯш ба истеъмолгарон ёки хизматрасонӣ пешбинӣ шудааст.

Тадбиркории истеҳсолот хизматрасониро низ дар бар мегирад. Мисол, хизматрасонии техникӣ ба автомобилҳо, тозанамоии кимёвии либосҳо (хушкашӯӣ), дар масъалаҳои гуногун маслиҳатдиҳӣ (маслиҳатхонаҳо), хизмати таълим ва ғайра аз он ҷумла аст.

Интихоби соҳаи тадбиркории истеҳсолнамоӣ ба воситаи ресурсҳои молиявӣ ва моилии шахсии тадбиркор қайд карда мешавад. Аввало, тадқиқоти маркетинг бурда мешавад, бозорро меомӯзанд, зарурияти дараҷаи маҳсулоти таклифшаванда ба истеъмолгар, дараҷа ва тағйирёбии талабот, омилҳои таъсиррасон ба дараҷаи талабот, хароҷоти тахминӣ ва ҳаҷми фурӯш муайян мегарданд.

## ТАДБИРКОРИИ ТИҶОРАТӢ

Шояд, барои тадбиркории истеҳсолнамоӣ дар шумо захираи кофӣ набуданаш мумкин. Дар ин ҳолат шумо метавонед бо тадбиркории тиҷоратӣ, ки дар он мисли захираи истеҳсолот эҳтиёҷи калон талаб наменамояд, бисёртар маблағи гардиш нақши муҳим дорад, шуғл варзед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Тадбиркории тиҷоратӣ** – муносибатҳои пуллию молӣ ва савдою мубодилаи муомилаи мубодила, яъне аз фаъолияти дигарбора фурӯхтани хизматҳо ва маҳсулот асосёфта.

Дар савдои чакана ва яклухти мол ва мулкҳои гуногун аз ҷумла дар савдои мулки манқул воситагарӣ кардан, ба тиҷорати тадбиркорӣ мисол шуда метавонад.

Дар тадбиркории тиҷоратӣ нархи фурӯши маҳсулот аз хариди он бояд баланд бошад. Ин қоидаи асоӣ ҳисобида мешавад. Мувофиқи ҳамин барои дар амал амал тадбиқ намудани тадиркории тиҷоратӣ бояд аввал ҳолати бозор пухта таҳлил карда шавад.

## ТАДБИРКОРИИ МОЛИЯВӢ

Шумо ҳамчунин метавонед ба тадбиркории молиявӣ, ки дониши махсус ва малака талаб мекунад машғул шавед.

**Тадбиркории молиявӣ** – фаъолиятест, ки бо пул ва хариду фурӯши коғазҳои қимматнок вобастагӣ дорад.

Дар тадбиркории молиявӣ шуғл варзидан ба хариду фуруши коғазҳои қимматнок (аксияҳо, обликатсияҳо ва дигарон) қимматҳои валюта ва пулҳои миллӣ хусусияти хос ба шумор меравад.Инчунин барои ташкил намудани тадбиркории молиявӣ ба роҳ мондани фаъолияти бонкҳои тижоратӣ, ширкатҳои молиявию кридетӣ, биржаҳои валюта ва дигар чунин муассисаҳои махсус талаб карда мешавад.

## ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА

Ҳаёт аз тасодуфҳои гуногун ва ҳодисаҳои ногаҳонӣ пур аст. Ҳар як инсон тасодуфан аз саломатиаш, ба туфайли ҳодисаи ногаҳонӣ ёки офатҳои табиӣ аз молу мулки худ ҷудо мешавад. Инчунин дар шароити иқтисоди бозоргонӣ фаъолияти ҳеҷ кас пурра кафолат дода нашудааст. Корхонаҳо ҳам ба инқирози молиявӣ рӯ ба рӯ шуданашон мумкин.

Дар чунин ҳолат ба фаъолияти суғурта эҳтиёҷ пайдо мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Суғурта** – фаъолиятест, ки аз ҳар гуна ҳолатҳои ғайричашмдошти ба вуқӯъ омадаи муаммоҳои молиявӣ ҳифз менамояд.

Фаъолияти суғурта ҳам яке аз намудҳои махсуси тадбиркорӣ ба шумор меравад. Ба он суғуртаи мулк, суғуртаи ҳаёт ва тандурустии шахсӣ, суғуртаи таваккал, суғуртаи ҷавобгарӣ баринҳо дохил мешаванд. Дар ҳолати умумӣ тадбиркории суғуртаро ба сифати харидуфурӯши хизматҳои суғурта тавсия намудан мумкин.

## ТАҲЛИЛИ УМУМИИ НАМУДҲОИ ТАДБИРКОРӢ

Барои интихоб намудани тадбиркорие, ки Шумо машғул шудан мехоҳед, маълумоти умумиро доир ба нишони хусусияти ҳар як намуди тадбиркорӣ бо ёрии ҷадвали умумӣ таҳлил намудан мумкин. Дар ин ҳолат барои ба дараҷаи мураккабӣ баҳо додан, баҳои «паст» – 1 хол, «дорои аҳамият» 2 хол, «баланд» 3 хол ифода менамоем.

| **Нишони хусусият** | **Намудҳои тадбиркорӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Тадбиркории истеҳсолӣ** | **Тадбиркории тиҷоратӣ** | **Тадбиркории молиявӣ** | **Фаъолити суғурта** |
| Дараҷаи талабот ба захираҳои моддӣ | Баланд (3) | Паст (1) | Паст (1) | Паст (1) |
| Дараҷаи талаб ба захираҳои молиявӣ | Аҳамиятнок (2) | Баланд (3) | Баланд (3) | Баланд (3) |
| Дараҷаи таваккалӣ | Паст (1) | Аҳамиятнок (2) | Аҳамиятнок (2) | Баланд (3) |
| Дараҷаи талабот ба саводи махсус ва рухсатнома | Аҳамиятнок (2) | Паст (1) | Баланд (3) | Баланд (3) |
| **Дараҷаи умумӣ** | **8** | **7** | **9** | **10** |

Масалан дар тадбиркории истеҳсолӣ талаб ба захираҳои моддӣ (бино, иншоот, линияҳои технологӣ дастгоҳҳо, хомашё ва материалҳо) нисбати дигар намудҳои тадбиркорӣ баланд мешавад. Талаби ба захираҳои молиявӣ буда ҳам дар дараҷаи аҳамиятнок, аммо тиҷорат нисбати тадбиркории молияви ва суғурта нисбатан пасттар мешавад. Ҳамин тавр ҷамъи холҳои доир ба намуди тадбиркорӣ ва нишони аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хусусияти он ҳосилгашта дараҷаи гуногуни мураккабии онҳоро нишон медиҳад. Мувофиқи ҳамин шумо ҳам бо нишонаҳои баҳогузорӣ намуди тадбиркорие, ки дар оянда машҳур шудан мехоҳед, интихоб кардан мумкин.

## ШАКЛҲОИ ТАДБИРКОРӢ

Дар баробари намудҳои тадбиркорӣ шаклҳои тадбиркориро ҳам интихоб намудан хеле муҳим аст. **Шаклҳои тадбиркорӣ** – сохтори нишонаҳои аз ҷиҳати муносибат бо идораҳои давлатӣ ва тадбиркорони дигар фарққунанда, ҳамкорон аз рӯйи фаъолият.

Шакли муайяни тадбиркорӣ тавассути мавҷудияти сармояи ихтиёрии тадбиркор ва ҳолати бозор интихоб мешавад. Ба шаклҳои асосии тадбиркории тартиби якка, тадбиркории ҷамоавӣ тадбиркории коорперативӣ дохил мешавад. Дар бораи хусусиятҳои хоси ҳар як шакли тадбиркорӣ дар мавзӯҳои оянда маълумот медиҳем.

### ИН ШАВҚОВАР...

Берто Ҷекобс ва додари ӯ Ҷон ба қароре омаданд, ки муносибати мусбии ба ҳаётбударо ҳам фурӯхтан мумкин аст. Барои ин онҳо бренди «Life is good»-ро офариданд. Нахуст соли 1984 48 то футболкаи чунин лагатипдошта бароварда шуд. Онҳоро дар шаҳри Бостон дар автофургон ба фурӯш бароварданд. Дар 45 дақиқа ҳамаи либосҳо фурӯхта шуд. Аз ин бародарон фаҳмиданд, ки ба одамон зиндагидӯстиро тарғиб кардан ҳам боигарӣ меорад. Ҳоло маҳсулоти брэнди «Life is good» дар 4500 растаи савдои худи ИМА фурӯхта мешавад ва дар 27 мамлакати дунё шӯъбаҳо дорад. Шумораи дӯконҳояш аз сад адад зиёд аст. Даромади компания соли 2007 ба 100 миллион доллар расида буд.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Тадбиркорӣ ба кадом намудҳо тақсим мешавад?
2. Барои интихоби намуди муайяни тадбиркорӣ чиҳо ба ҳисоб гирифта мешавад?
3. Нишонаҳои ба худ хоси тадбиркории истеҳсолӣ кадом аст?
4. Дар кадом ҳолат тадбиркории истеҳсолиро интихоб намудан мумкин?
5. Ҷиҳатҳои асосии тадбиркории тиҷоратиро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 3 ТАДБИРКОРИИ ТАРТИБИ ЯККА





## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Кадом намуди фаъолиятҳоеро, ки дар расмҳо ифода ёфтааст, дар шакли тадбиркории тартиби якка ташкил кардан мумкин аст?
2. Дар асоси тардибкории тартиби якка амалӣ кардани ин намудҳои фаъолиятро чӣ гуна эзоҳ медиҳед?
3. Ба фикри шумо киҳо тадбиркори тартиби якка шуда метавонанд?

## МАЗМУНИ ТАДБИРКОРИИ ТАРТИБИ ЯККА

Шумо пеш аз он ки фаъолияти тадбиркории худро оғоз кунед, дар кадом шакл амалӣ намудани онро бояд муайян созед. Барои ин нахуст шакли оддитаринро интихоб кардан мувофиқи мақсад аст. Ин тадбиркории тартиби якка ба шумор меравад.

Тадбиркории тартиби якка – шакли амалисозии фаъолияти тадбиркории хусусиест, ки аз ҷониби шахси юридикӣ ташкил нагардидааст. Барои амалӣ намудани чунин фаъолият ба сифати «тадбиркори тартиби якка» аз рӯйихати давлатӣ гузаштан лозим аст.

Тадбиркории тартиби якка фаъолияти тадбиркорие мебошад, ки дар ҳолати шахси юридикӣ ташкил накардани фаъолият аз ҷониби шахси ҷисмонӣ (тадбиркори тартиби якка) амалӣ мегардад.

***Таҳрири нави қонуни Республикаи Ўзбекистон аз 2-юми майи соли 2012 таҳти рақами ҚРЎ-328 «Дар бораи кафолати озодии фаъолияти тадбиркорӣ», моддаи 6***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ШАХСИ ҶИСМОНӢ ВА ЮРИДИКӢ

Дар таърифе, ки ба тадбиркории тартиби якка дода мешавад, истилоҳҳои шахси ҷисмонӣ ва юридикӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, донистани маънои истилоҳҳои мазкур барои маълумоти бештар пайдо кардан дар бораи шаклҳои тадбиркорӣ хизмат мекунад.

**Шахси юридикӣ** – корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки субъектҳои ҳуқуқ ва маҷбуриятҳои шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи қонунгузории Республикаи Ӯзбекистон ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯйи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Шахси ҳуқуқӣ бояд баланс ё сметаи мустақил дошта бошад.

**Шахси ҷисмонӣ** – ифодакунандаи мавҳуми шаҳрванди алоҳида аст, ки иштироккунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ӯ аз шахсони юридикӣ, ки сохтори ҷамоавӣ ба шумор меравад, фарқ мекунад: шахси ҷисмонӣ бевосита аз номи худ кор мебарад – барои пешбурди фаъолият сохтори ҷамоавӣ – ширкат ва корхонаи дахлдорро дар асоси тартиби қонун аз рӯйихат гузарониданаш шарт нест.

| ТАДБИРКОРИИ ТАРТИБИ ЯККА: | |
|---|---|
| **БАРТАРИЯТҲО** | **КАМБУДИҲО** |
| ***Соҳиби ҳуқуқи идораи мустақили фаъолияти худ мебошад.*** Тадбиркории тартиби якка дорои сохтори мураккаби идоракунӣ нест. Яъне дар он монанди корхона директор, ҳисобчӣ барин вазифаҳоро ташкил кардан зарурият надорад. Тамоми ин вазифаҳоро тадбиркори тартиби якка худ иҷро мекунад. | ***Барои натиҷаҳои фаъолияти хуб ба ҷавобгарии бемаҳдуди шахсӣ соҳиб аст.*** Масалан шумо чун тадбиркори тартиби якка зарар дидед. Ин дар чӣ гуна ҳолат рух додааст, беаҳамият буда, шумо маблағеро, ки барои ин фаъолият сарф кардаед, аз ҳисоби молу мулки худ пардохт менамоед. |
| ***Пешбурди фаъолият осонтар аст.*** Масалан корхонаҳое, ки дар шакли шахси юридикӣ кор мебаранд, дар ҳолати зарурӣ муваққатан фаъолияти худро нигоҳ дошта наметавонанд. Тадбиркори тартиби якка идораи дахлдори андозро хабардор карда, ба мудда- | ***Дар васеъ намудани доираи фаъолият маҳдудияти истифода аз меҳнати коргарони зиёд.*** Яъне, мувофиқи қонунгузорӣ ба намуди фаъолият нигоҳ карда, аз як нафар то се нафар коргарро киро карданаш мумкин аст. Ин ҳолат ба тадбиркори |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | |
|---|---|
| ти муайян фаъолияти худро боздоштанаш ва барои ин давр андоз ва пардохтҳои маҷбурии дигарро насупурданаш мумкин аст. | тартиби якка имкон намедиҳад, ки технологияҳоеро, ки коргари зиёдро талаб мекунад, ҷалб созад. |
| ***Ташаккули хазинаи низомӣ (устав) талаб карда намешавад.*** Яъне шумо ҳеҷ гуна маблағро алоҳида ҷамъ накарда, бемонеият истифодаи онро оғоз намуданатон мумкин аст. | ***Маҳдудияти намудҳои фаъолияте, ки машғул гардидан мумкин аст.*** Шумо ба сифати тадбиркори тартиби якка танҳо бо намудҳои фаъолияте, ки рухсат дода шудааст, кор бурданатон мумкин аст. |
| ***Манзили юридикии алоҳида талаб карда намешавад.*** Шумо метавонед, манзили доимии зисти худро нишон дода, тадбиркории тартиби яккаи худро аз рӯйихат гузаронед. | ***Зиёд набудани маблағҳо барои амалӣ сохтани лоиҳаҳои бузург монеъ мешаванд.*** Шумо монанди ширкати саҳҳомӣ аксияи иловагӣ бароварда наметавонед, ҳамкорони бузург, маблағҳои иловагиро ҷалб карда наметавонед. |
| ***Аз тартиби соддакунонидашудаи супоридани ҳисоботҳо истифода намуданатон мумкин аст.*** Масалан, мувофиқи қонунгузорӣ субъектҳои тадбиркории хурд ба органҳои статистикаи давлатӣ ва идораҳои хизмати андози давлатӣ, тадбиркорони тартиби якка бошанд ба органҳои хизмати андози давлатӣ дар шакли муқаррарӣ ҳисобот медиҳанд. | |

## ОЁ МЕДОНЕД?

Дар Ӯзбекистон барои дастгирию ҳимояи манфиати тадбиркорон ташкилотҳои ҷамоатии зиёде фаъолият пеш мебаранд. Дар ин ҷо бо баъзеи онҳо шуморо шинос менамоем.

**Палатаи Савдою саноати Республикаи Ӯзбекистон**

Палатаи Савдою саноати Республикаи Ӯзбекистон мувофиқи фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 7-уми июли соли 2004 ташкил ёфтааст. Мақсади ассо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сии Палатаи Савдою саноат барои боз ҳам ривоҷёбии тадбиркорӣ шароитҳои мусоид фароҳам овардан ва такомулбахшии муҳити корчаллонӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин, яке аз вазифаҳои асосии Палата дар республика ривоҷдеҳии фаъолияти тадбиркорӣ, аввало, тиҷорати хусусӣ ва хурд, ба шаклдарории синфи мулкдорони ҳақиқӣ, дар ҳаёти иқтисодии мамлакат барои боло бардоштани аҳамият ва нақши сектори хусусӣ кӯмак расонидан аст.

Барои тадбиркороне, ки ба палата аъзо шудаанд, як қатор бартариятҳо ва имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла онҳо барои таъмини ҳимояи ҳуқуқи тадбиркорон, дастгирӣ намудани экспорти маҳсулоту хизматҳо, ҷалби сармояҳо ва минитехнологияҳои хориҷӣ, хонондан ва бозомӯзонидани кадрҳо ва дар як қатор соҳаҳои дигар ёрдаму хизматҳо расонида метавонанд. Шумо маълумотҳои зиёди дигарро доир ба Палатаи савдо ва саноат аз саҳифаи электронии ташкилот http://www.chamber.uz гирифта, ва мунтазам баҳравар шуда метавонед.

### Иттиҳоди «Ҳунарманд»-и Республикаи Ӯзбекистон

Иттиҳоди устоҳои халқ, ҳунармандон ва мусаввирони Республикаи Ӯзбекистон мувофиқи фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон аз 31-уми марти соли 1997 таҳти рақами 1741 «Дар бораи чораю тадбирҳои дастгирию қувватбахшии ҳунармандии бадеӣ ва санъати амалии халқ ривоҷбахшии он бо роҳи давлат» ташкил ёфтааст. Мақсади иттиҳод пурра ҳифз кардан ва зиёд намудани мероси бойи маданӣ ва анъанаҳои таърихии халқи Ӯзбекистон, дастгирию қувватбахшии шаҳрвандоне, ки ба ҳунармандии миллӣ ва санъати амалӣ машғуланд. Дар натиҷаи амалӣ намудани чораю тадбирҳои комплексӣ, аҳолӣ, алалхусус ҷавонон, занону духтарон ва оилаҳои камбизоатро бо шуғл таъмин намудан аз вазифаҳои муҳими палата мебошад.

Дар аксари вилояту ноҳияҳо садорат (13) ва шӯъбаҳои (159) иттиҳод мавҷуд аст.

Шумо доир ба фаъолияти иттиҳоди «Ҳунарманд» маълумотҳоро метавонед аз саҳифаи электронии муассиса http://handicraftman.uz гиред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**«Тадбиркор аёл» иттиҳодияи занони тадбиркори Ӯзбекистон**

Иттиҳодияи занони корчаллони Ӯзбекистон соли 1991 ташкил ёфта, барои васеънамоии ҳуқуқҳои ичтимоию иқтисодии занон ва ҳимояи он машғул аст.

Вазифаи иттиҳодияи «Тадбиркор аёл» ҳуқуқҳои ичтимоию иқтисодӣ ва имкониятҳои занонро васеъ намуда, ҳимоя кардан, дастгирӣ ва қувватбахшии тадбиркорию ташаббусҳои ҳуқуқҳои ҷамоатӣ, молиявӣ, таълим, истифода аз захираҳои ахбор кӯмак намудан мебошад.

Шумо доир ба Иттиҳодияи «Тадбиркор аёл» маълумотҳои зиёди иловагиро аз саҳифаи электоронии муассиса http://adju.uz гирифта метавонед.

## ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАДБИРКОРИИ ТАРТИБИ ЯККА

Ба тадбиркории тартиби якка мувофиқи намуди фаъолият ва ҷойи корбарӣ аз рӯйи музди ақали меҳнат дар миқдорҳои гуногун андозҳои муқаррарии қатъӣ ситонида мешавад.

**Музди ақали меҳнат** – аз ҷониби давлат миқдори камтарини пардохт барои даври муайяни меҳнат (масалан, соат, рӯз, ҳафта, моҳ ё ки сол) дар мамлакат.

Барои мисол, ба ҳуҷҷатҳои қонунӣ асосан тадбиркорони тартиби яккае, ки бо фаъолияти фурӯши маҳсулотҳои чаканавии хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ машғуланд, ба миқдори 7 баробари музди ақали меҳнат андози муқаррарии қатъӣ ва ба миқдори 1 баробари музди ақали меҳнат бадали суғурта месупоранд. Мувофиқи ҳолати 1-уми январи соли 2018, музди ақали меҳнат 172240 сӯмро ташкил мекунад. Барои ин давр барои тадбиркорони тартиби якка андози муқаррарии қатъӣ 1 205 680 сӯм (172 240×7)-ро ва бадали суғурта 172 240 сӯм (172 240×1)-ро ташкил мекунад.

Тадбиркори тартиби якка мувофиқи тартибе, ки аз ҷониби Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон муайян шудааст, коргаронро ҷалб мекунад. Низоми Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон аз 31-уми июли соли 2015 таҳти рақами 219 «Дар бораи тартиби ама-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лисозии фаъолияти тадбиркорӣ бо роҳи ҷалб намудани коргарон аз ҷониби тадбиркорони хусусӣ» дар ин бобат чун асос хизмат мекунад.

Ҳангоми ҷалб кардани коргарон аз ҷониби тадбиркорони тартиби якка барои ҳар як ходими ҷалбшуда доир ба фаъолияти амалинамудааш ба миқдори 30 фоиз маҷбурияти пардохти андози муқаррарии қатъӣ гузошта мешавад.

Тадбиркорони тартиби яккае, ки фаъолияти ҳунармандиро амалӣ месозанд, барои омодасозии маҳсулотҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) на беш аз панҷ нафар шогирдро бо таъмини музди меҳнат, ҷалб карда метавонанд.

***Таҳрири нави қонуни Республикаи Ӯзбекистон аз 2-юми майи соли 2012 таҳти рақами ҚРӮ-328 «Дар бораи кафолати озодии фаъолияти тадбиркорӣ», моддаи 6***

Тадбиркори тартиби якка дар як вакт бо якчанд намуди фаъолият машғул гардиданаш мумкин аст. Мувофиқи моддаи 375-и Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон андоздиҳандагоне, ки бо якчанд намуди фаъолият машғуланд, андози муқаррарии қатъиро барои ҳар як намуди фаъолияти худ доир ба нархномаҳои муайян алоҳида-алоҳида месупоранд.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Тадбиркори тартиби якка кист?
2. Истилоҳи шахсони ҷисмонӣ ва юридикиро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
3. Бартарият ва камбудиҳои тадбиркории тартиби якка дар чӣ намоён мешавад?
4. Дар тадбиркории тартиби якка бо якчанд намуди фаъолият машғул гардидан мумкин аст?
5. Истилоҳи музди ақали меҳнатро шарҳ диҳед.
6. Андози муқаррарии қатъӣ чиро ифода мекунад?
7. Ба тадбиркории тартиби якка ҷалб кардани коргарон дар асоси кадом ҳуҷҷатҳои қонунӣ ба тартиб дароварда мешавад?
8. Дар тадбиркории тартиби якка роҳҳои ба андоз ҷалб кардани онҳоро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 4 ТАДБИРКОРИИ ОИЛАВӢ

1

2

3

4

5

6


### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Дар кадом расмҳо ресурсҳои иқтисодии дар ихтиёри аъзоёни оила шуданаш мумкин ифода гардидааст?
2. Дар оилаи шумо дар якҷоягӣ кадом ресурсҳои иқтисодии ба фаъолияти тадбиркорӣ ҷалб намудан мумкин мавҷуд аст?

### ТАДБИРКОРИИ ОИЛАВӢ ЧИСТ?

Шумо баъзе норасоиҳои тадбиркории ба тартиби якка фаъолиятбарандаро бо воситаи машғул шудан бо тадбиркории оилавӣ ҳал карданатон мумкин. **Тадбиркории оилавӣ** – фаъолияти тадбиркориест, ки аз ҷониби аъзоёни оила ва хешовандони наздик ташкил мешавад.

Тадбиркории оилавӣ фаъолияти ташаббускориест, ки бо мақсади гирифтани даромад (фоида) аз ҷониби аъзоёни оила бо таври таваккал дар зери ҷавобгарии мулки худӣ амалӣ мегардад. Тадбиркории оилавӣ ба ихтиёри иштирокдорони худӣ асос меёбад.

***Моддаи 3-юми Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи тадбиркории оилавӣ» аз 26-уми апрели соли 2012 таҳти рақами ҚРӮ-327***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар шакли тадбиркории оилавӣ ташкил намудани фаъолият барои шумо озмуни мақбул ба ҳисоб меравад. Чунки, бо воситаи ташкили тадбиркории оилавӣ дар ҳудуди истиқоматкардаистодаатон фаъолият нишон доданатон ва маҳсулоти истеҳсолшударо фурӯхтанатон мумкин. Дар ин ҷойи истиқоматии худро ба манзили ғайриистиқоматӣ мубаддал гардонтанатон шарт нест. Инчунин, шумо фаъолияти тадбиркориро дар манзилатон ташкил намуда, ҳаққи қувваи барқ, таъминоти об, канализатсия, таъминоти газу гармидиҳӣ барин хизматҳои коммуналиро дар тарифи барои аҳолӣ муайяншуда пардохтанатон мумкин. Ин бошад, нисбати корхонаҳои шакли дигар сабукӣ ва имтиёзи калон аст.

## ИН ШАВҚОВАР…

Фаъолияти бисёр ширкатҳои калони ба назари ҷаҳониён афтода аз тиҷорати оилавӣ асос ёфтааст. Масалан, ширкатҳое, мисли «Walmart» (ИМА), «Samsung Group» (Кореяи Ҷанубӣ) ва «Tata-Group» (Ҳиндустон) аз ҳамин ҷумлаанд.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Шартҳои амалигардонии фаъолияти корхонаи оилавӣ аз чиҳо иборат аст?

Баъзе навъҳои фаъолияти корхонаи оилавиро танҳо дар ҳолати мавҷуд будани рухсатномаи махсус (литсензия) амалӣ гардонидан мумкин.

Корхонаи оилавӣ ба амалигардонии фаъолияти истеҳсол кардани маҳсулоти андози аксиздошта, барои истофодабарию кофтани боигариҳои зеризаминии фоидаовар, инчунин, амалигардонии фаъолияти ба шахсони ҳуқуқӣ пардохти ба таври андоз қатъӣ ё ин ки андози ягонаи замин ба назар гирифташуда мумкин нест.

Дар фаъолияти корхона ба истифодабарии модда ва материалҳои заҳрдор ва радиоактивӣ, инчунин, ба истифодабарии асбобу ускунаҳои баландфишори дигари барои инсон ва атрофу муҳит хавфнок роҳ дода намешавад. Рӯйхати моддаҳо, материал ва асбобу ускунаҳои истифодабариаш мумкин набудаи корхонаи оилавӣ бо Қарори Девони Вазирони РеспубликаиЎзбекистон аз санаи 13-уми сентябри соли 2012 таҳти рақами 269 тасдиқ гардидааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Инчунин, аз ҷониби корхонаи оилавӣ амалигардонии фаъолияти шакли саноат дар истиқоматгоҳҳои биноҳои бисёрквартирагии бисёрошёна роҳ дода намешавад.

***http: qoraqalpoq. adliya. uz/ qoraqalpoq./ uz/interfrtivnye-uslugi/ sizning-savolingiz /questions.php? ELEMENT ID// 12342***

## ШАКЛҲОИ ТАДБИРКОРИИ ОИЛАВӢ

Тадбиркории оилавиро дар ҳолати шахси ҳуқуқӣ ташкил накардан ва ё шахси ҳуқуқӣ ташкил намудан ба роҳ мондан мумкин.

Тадбиркории оилавии дар ҳолати шахси ҳуқуқӣ ташкил накарда тадбиркори оилавӣ (ТО), тадбиркории оилавии дар ҳолати шахси ҳуқуқӣ ташкил карда корхонаи оилавӣ (КО) ном мегирад.

Ба монанди дигар шаклҳои фаъолияти тадбиркорӣ дар тадбиркории оилавӣ ҳам ҷиҳатҳои афзалнокӣ ва норасоиҳо мавҷуд аст. Ба асоситарини онҳо истода мегузарем.

| **ТАДБИРКОРИИ ОИЛАВӢ** | |
|---|---|
| **БАРТАРӢ** | **НОРАСОИҲО** |
| Боварии байниҳамдигарии аъзоёни оила самаранокии баланди фаъолияти ҳамкориро таъмин менамояд. | Мавҷуд будани таъсири манфии муносибатҳои оилавии вобаста ба муносибатҳои меҳнат |
| Хуб донистани имкониятҳои ақливу ҷисмонии ҳар як аъзои оила ба тақсимоти босамари меҳнат замина пайдо мекунад. | Дар баъзе ҳолатҳо кофӣ набудани маҳорат ва таҷрибаи аъзоёни оила ба сифати мутахассис |
| Дар фаъолияти тадбиркорӣ истифодабарӣ аз захира ва имкониятҳои иловагии мавҷудаи оила. | Маҳдудияти имкониятҳо барои дар шакли корхонаи бузург ташкил намудани тадбиркории оилавӣ |
| Оила барои омӯхтани асрори тадбиркорӣ ба ҷавонон имкон муҳайё мекунад. | |
| Бо воситаи имконияти меросгузорӣ оянддаи тадбиркории оилавӣ таъмин мегардад. | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАДБИРКОРИИ ОИЛАВӢ

Амалигардонии фаъолияти шакли тадбиркории оилавӣ бо қатори хусусиятҳои худ тавсиф кунонида мешавад. Дар фаъолияти тадбиркории оилавӣ танҳо аз аъзоёни оила истифода бурдан имкон дорад ва ҳуқуқи аз берун ҷалб намудани ходимонро соҳиб нест.

Дар ин ҷо аъзоёни оила асосан зану шавҳар, падару модар ва фарзандон ба ҳисоб мераванд. Тадбиркори оилавӣ моҳе ба миқдори на кам аз ду маоши ҳадди ақал, аъзоёни дигари оила бошанд, ба миқдори 50 фоизи маоши ҳадди ақал бадали суғурта месупоранд.

## ХУСУСИЯТҲОИ КОРХОНАИ ОИЛАВӢ

**Корхонаи оилавӣ** – шакли тадбиркории оилавии дар ҳолати шахси ҳуқуқӣ ташкил гардида амалӣ мешавад. Адади иштирокдорони корхонаи оилавӣ аз ду нафар кам набуда, онҳо дар фаъолияти меҳнатии корхона бо фаъолияти шахсӣ иштирок карданашон шарт. Сардори оила, завҷаи ӯ, фарзанд ва набераҳояш, падару модараш, дигар хешовандони ба синни лаёқати меҳнатӣ расида иштирокчии корхонаи оилавӣ шуда метавонанд. Иштирокчии як корхона ҳамзамон ҳуқуқи иштирокчии корхонаи дигари оилавӣ шуданро надорад.

Адади умумии иштирокчиёни корхонаи оилавӣ ва ходимони ба кор ҷалбнамудаи он аз адади миёнаи солонаи дар ҳуҷҷатҳои қонун барои ходимони субъектҳои тадбиркории хурд муайянгардида бояд зиёд набошад.

Корхонаи оилавӣ субъекти тадбиркории хурдест, ки иштирокдоронаш дар истеҳсоли маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасонӣ) дар асоси ихтиёрӣ барои амалигардонии истеҳсолот ва паҳннамоии он ҳиссаи аъзоёни корхонаи оилавӣ, ёки дар мулки якҷоябудаи молу мулки умумӣ, инунин, аз молу мулки ҳар як иштирокдори он ташкил мегардад. Фаъолияти корхонаи оилавӣ аз меҳнати шахсии иштирокчиёни он асос меёбад. Корхонаи оилавӣ яке аз шаклҳои ташкиливу ҳуқуқии субъектҳои тадбиркорӣ аст.

***Моддаи 4-уми Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи тадбиркории оилавӣ» аз 26-уми апрели соли 2012 таҳти рақами ҚРӮ-327***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳуҷҷати таъсиси корхонаи оилавӣ Шартномаи таъсис ба ҳисоб меравад. Миқдори минималии фонди устави корхонаи оилавӣ аз 10 баробари музди ҳадди ақали меҳнат кам нашуданаш лозим.

Корхонаи оилавӣ супорандаи андози ягона ба шумор меравад. Баъди супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ ба маблағе, ки дар ихтиёри иштирокдорони корхонаи оилавӣ мемонад андоз ситонида намешавад.

Дар асоси қонунгузорӣ навъҳои фаъолияте низ ҳаст, ки корхонаи оилавӣ ба он шуғл варзида наметавонанд. Масалан, вай ба фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти андози аксизӣ дошта ва кофтани бойигариҳои фоиданоки зеризаминӣ машғул шуда наметавонад.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Кадом шаклҳои ташкил намудани тадбиркории оилавӣ мавҷуд? Тафовути онҳоро фаҳмонида диҳед.
2. Чӣ гуна бартарият ва камбудиҳои тадбиркории оилавӣ мавҷуд аст?
3. Тадбиркори оилавӣ ва корхонаи оилавӣ аз якдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
4. Хусусиятҳои хоси фаъолияти тадбиркории оилавиро эзоҳ диҳед.
5. Кадом хусусиятҳои ба худ хоси корхонаи оилавӣ мавҷуд аст?
6. Миқдори камтарини фонди устав дар корхонаҳои оилавӣ чӣ миқдор аст?
7. Киҳо иштирокчиёни корхонаи оилавӣ шуда метавонанд?
8. Дар корхонаи оилавӣ миқдори камтарини коргарон чӣ қадарро ташкил менамояд?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Бародарон Анвар ва Асқар Сатторовҳо иштирокчиёни корхонаи оилавии «SEHRLI BO‘YOQ» ба шумор меравaнд. Бо мақсади ҷалбсозии манбаҳои молиявӣ ба таркиби иштирокчиёни корхонаи оилавӣ Акмал Собировро, ки аъзои оила нест ҳамроҳ карданиянд. Дар асоси кадом дигаргуниҳо Анвар Собиров иштирокчӣ шуда метавонад?

2. Санҷар Файзуллоев бо 3 нафар фарзандаш тадбиркории оилавиро ташкил намуд. Дар асоси қонунгузории дар амал буда онҳо дар ҳар моҳ ба кадом миқдор бадалҳои андоз ва суғуртаи қатъии муайяншуда месупоранд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 5 МИКРОФИРМА ВА КОРХОНАИ ХУРД





## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Кадом намуди фаъолиятҳоро, ки дар расмҳо ифода карда шудааст, дар шакли тадбиркории хурд ташкил намудан мумкин аст?
2. Дар асоси тадбиркории хурд имконпазирии амалӣ кардани ин намудҳои фаъолиятро чӣ гуна эзоҳ медиҳед?
3. Аз назари Шумо фаъолияти худро дар шакли микрофирма ташкил кардан самаровар аст ё дар намуди корхонаи хурд?

## СУБЪЕКТҲОИ ТАДБИРКОРИИ ХУРД

Дар амалиёти ҷаҳон субъектҳои тадбиркории масъулияташ маҳдуди хоҷагидориро аз рӯйи доираи фаъолият ҷудо намудан мумкин аст. Чунки агар ин субъектҳои тадбиркорӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ карда нашавад, барои онҳо шароитҳои зарурӣ муҳайё карда нашавад, онҳо дар назди корхонаҳои дигари бузург рақобатпазирии худро гум карда, барои қатъ намудани фаъолияти худ маҷбур мешаванд. Онҳоро субъектҳои тадбиркории хурд ё ки тиҷорати хурд ном мебаранд. Ба мезонҳои асосие, ки субъектҳои тадбиркории хурдро аз ҳам ҷудо мекунанд, омилҳои зерини дар ҷаҳон васеъ паҳншударо овардан мумкин аст:

– адади миёнаи солонаи коргарон;
– ҳаҷми маблағҳои асосӣ ва дар гардиш буда;
– ҳаҷми фоида(даромад);
– даромади нисбӣ аз фурӯши маҳсулот ва ғайра.

Дар Ӯзбекистон шакли фаъолияти субъектҳои тадбиркории хурд аз рӯйи адади кормандони ин соҳа муайян карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Намуди асосии фаъолияти корхона** – фаъолиятест, ки доир ба анҷоми даври ҳисобот устувории қисми фоида аз ҳаҷми реализатсияи умумӣ.

Масалан дар як корхона фаъолиятҳои истеҳсолӣ, хизматрасонии нақлиёт, ба иҷора додани мулк амалӣ мегардад. Дар соли ҳисоботӣ фоида доир ба намудҳои фаъолият дар ҳаҷми реализатсияи умумии корхона чунин мешавад:

| **Намудҳои фаъолият** | **Фоидаи нисбӣ, ҳазор сӯм** | **Фоида, дар фоиз** |
|---|---|---|
| Истеҳсолот | 250 000 | 53,2 |
| Хизматрасонии нақлиёт | 135 000 | 28,7 |
| Ба иҷора додани мулк | 85 000 | 18,1 |
| **Ҷамъ** | **470 000** | **100** |

Аз ин аён мегардад, ки дар соли ҳисоботӣ намуди фаъолияти асосии корхона истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

## МИКРОФИРМА

Дар Ӯзбекистон як намуди субъектҳои тадбиркории хурдро **микрофирмаҳо** ташкил мекунанд.

**Микрофирма** – субъекти тадбиркории хурдест, ки дар шакли шахси юридикӣ аз рӯйи соҳаи муайян, бо миқдори ками коргар кор мебарад.

Миқдори миёнаи солонаи коргарони микрофирмаҳо аз миқдори зерин набояд зиёд шавад:

| | |
|---|---|
| Дар соҳаи истеҳсолот | 20 нафар |
| Дар соҳаи хизматрасонӣ ва дигар соҳаи ғайриистеҳсолӣ | 10 нафар |
| Дар соҳаи савдои чакана ва хӯроквории умумӣ | 5 нафар |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз ин бармеояд, ки агар шумо дӯкони китоб кушоед ва дар он 3 нафар фурӯшанда кор кунад, дар ин ҳол корхонаи шумо микрофирма ҳисобида мешавад.

## КОРХОНАИ ХУРД

Субъекти тадбиркории хурде, ки аз ҷиҳати теъдоди коргарон аз микрофирма клаонтар аст, **корхонаи хурд** ба шумор меравад.

Миқдори миёнаи солонаи коргарони корхонаи хурд аз рӯйи миқдори зерин муқаррар карда шудааст:

| | |
|---|---|
| Дар саноати сабуки хӯрокворӣ ва материалҳои бинокорӣ | то 200 нафар |
| Дар саноати шакл додан ба металл ва асбобсозӣ, кандакорӣ ва мебелсозӣ | то 100 нафар |
| Дар саноати мошинасозӣ, металлургия, сӯзишворӣ-барқ ва кимё, соҳаҳои парвариш ва аз нав коркарди маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои дигари истеҳсолӣ | то 50 нафар |
| Дар соҳаҳои илму фан, хизматрасонии илмӣ, наклиёт, алоқа, хизматрасониҳо (ғайр аз ширкатҳои суғурта), савдо ва хӯроквории умумӣ, инчунин соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | то 25 нафар |

Барои дуруст муайян намудани субъектҳои тадбиркорие, ки микрофирма ва корхонаи хурд ба ҳисоб меравнд, ҳисоби миёнаи адади ходимоне, ки дар онҳо дар давоми сол банд гардидаанд муайян карда мешавад.

## АДАДИ МИЁНАИ СОЛОНАИ КОРМАНДОН

Адади миёнаи солонаи кормандони корхона бо роҳи ҷамъ кардани теъдоди миёнаи ходимоне, ки дар ҳар як моҳ фаъолият бурдаанд ва ба 12 моҳ тақсим намудани он муайян карда мешавад.

Барои муайян намудани ин нишондод адади миёнаи моҳонаи ходимонро дар давоми сол ҳисоб кардан лозим аст. Адади миёнаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

моҳонаи ходимон аз рӯйи адади ҳаррӯзаи онҳо бармеояд. Ин миқдор ба рӯзҳои календарии моҳ тақсим карда мешавад. Адади коргарон дар рӯзҳои истироҳатӣ ва ҷашнвораҳо баробари адади коргарон дар рӯзҳои пешинаи корӣ қабул карда мешавад. Масалан, то санаи 25-уми моҳи январ дар корхона 22 нафар корманд кор мекард. Рӯзи 26-уми январ 4 нафар коргар аз вазифа озод карда шуд. Миқдори миёнаи кормандон дар моҳи январ ба таври зайл ҳисоб карда мешавад:

$$\frac{22\times25+18\times6}{31}=21 \text{ нафар}$$

Бо ҳамин роҳ барои моҳҳои дигар низ адади миёнаи моҳонаи коргарон ҳисоб гардида, натиҷаи ҳаммаи моҳҳо ҷамъ карда мешавад ва ҳосили ҷамъ ба 12 тақсим гардида, адади миёнаи солонаи коргарон муайян мегардад.

| Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | 41 | 50 | 89 | 87 | 88 | 120 | 118 | 90 | 45 | 32 | 16 |

$$\frac{21+41+50+89+87+88+120+118+90+45+32+16}{12}=66 \text{ нафар}$$

Аз ин бармеояд, ки аз рӯйи мисол адади миёнаи солонаи кормандон 66 нафарро ташкил мекунад.



## ИН ШАВҚОВАР...

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка беш аз 30 млн.корхонаи хурд ба рӯйихат гирифта шудааст. Ин нишондод аз адади ширкат ва фирмаҳои хурду калон 2000 баробар зиёд аст. 70 фоизи аҳолии Америка дар ташкилотҳои тиҷоратии хурд меҳнат мекунанд. Ин маълумот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар як инсон соҳиби имкони оғоз намудани фаъолияти тиҷоратии худро дорад.

Танҳо 55 фоизи корхонаҳо беш аз чор сол фаъолият мебаранд. Тахминан 55 фоизи корхонаҳои хусусӣ пас аз рӯйхат гузаронида шудан дар давоми панҷ сол баста мешавад. Сабаби ин дар он аст, ки дар зинаи аввали ташкил гардидани корхона тадбиркорон ба дараҷаи болои рақобат тоб оварда наметавонанд, ба хатоиҳои муайян роҳ медиҳанд ва ғайра. Барои ҳар як фирма давомдории як давраи мураккабтарини сикли ҳаёт зинаи нахустинест, ки аз се сол то ба ҳафт сол давом меёбад. Агар корхонаи ин зинаро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нисбатан беҳтар гузаронида бошад, дар ин ҳол муваффақияти ӯ кафолатнок гардида мебошад.

***http://www.xn-e1atfhn.xn--j1amh/8-faktov-o-biznese/***

## ОЁ МЕДОНЕД?

Мувофиқи маълумоти 1-уми январи соли 2018 адади корхонаҳои хурд ва мирофирмаҳои дар республикаамон фаъолият бурдаистода 229 666-торо ташкил мекунад.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Субъектҳои тадбиркории хурд аз рӯйи кадом омилҳо муайян карда мешаванд?
2. Корхонаи хурд аз микрофирма бо чӣ фарқ мекунад?
3. Дар Ӯзбекистон адади миёнаи солонаи кормандон барои микрофирмаҳо чӣ қадар муқаррар карда шудааст? Дар Ӯзбекистон адади миёнаи солонаи кормандон барои корхонаҳои хурд чӣ қадар бояд бошад?
4. Адади миёнаи солонаи кормандони корхона чӣ хел муайян карда мешавад?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Дар корхонаи хурд то санаи 20-уми моҳи март 30 нафар корманд кор мекард. 21-уми март 4 нафар коргар аз вазифаи худ озод карда шуд. Адади миёнаи кормандони корхонаро дар моҳи март муайян кунед.

2. Дар соли ҳисоботӣ корхона якчанд намуди фаъолияти иктисодиро амалӣ намуда, да натиҷаи реализатсияи умумӣ намудан ба фоидаҳои зерин ноил гардид:

| **Намудҳои фаъолият** | **Фоидаи нисбӣ, дар млн. сӯм** | **Фоида, дар фоиз** |
|---|---|---|
| Истеҳсолот | 900 | |
| Хизматрасонии нақлиёт | 600 | |
| Ба иҷора додани мулк | 500 | |
| **Ҷамъ** | | |

1) дар соли ҳисоботӣ аз рӯйи намудҳои фаъолият фоидаро аз рӯйи ҳаҷми реализатсияи умумии корхона муайян созед;

2) дар соли ҳисоботӣ намуди асосии фаъолияти корхонаро аниқ кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 6 КОРХОНАИ ХУСУСӢ

### КОРХОНАИ ХУСУСӢ



| Ташкил мегардад ва идора карда мешавад: | Хазинаи низом: | Ҳуҷҷатҳои ташкилкунанда: | Ҷалб намудани ҳамкорон: | Ба андоз кашидан: |
|---|---|---|---|---|
| *Аз ҷониби як шахси иҷтимоӣ* | *Ҳаҷми минималӣ вуҷуд надорад* | *низом;* | *Мумкин не* | *Андозро корхона месупорад* |

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Аз назари шумо кадом нишонаи корхонаҳои хусусӣ, ки дар инфографикаи болоӣ оварда шудааст, соҳибахамият ҳисобида мешавад?
2. Агар шумо фаъолияти тадбиркории худро ташкил кардан хоҳед, кадом ҷиҳатҳои корхонаи хусусӣ ба шумо писанд меоянд?
3. Шумо бо худ дар бораи корхонаҳои хусусӣ мисолҳо биёред.

## ИСТИЛОҲИ КОРХОНАИ ХУСУСӢ

Баъзе тадбиркорон фаъолияти худро муқоиса карданро не, балки ба мустақил будани он эътибори алоҳида медиҳанд. Чунки идорасозӣ, қабули қарорҳои хоҷагӣ ва мустақилият дар тақсимсозии даромадҳо ба манфиатҳои тадбиркор пурра рост омаданаш мумкин аст. Дар чунин ҳолат шакли корхонаи хусусии тадбиркорӣ ҳамаҷониба мувофиқат мекунад.

Ташкилоти тиҷоратие, ки аз ҷониби шахси ҷисмонии ягонаи мулкдор созмон дода шудааст ва идора карда мешавад, корхонаи хусусӣ эътироф мешавад. Корхонаи хусусӣ шакли ташкилӣ-ҳуқуқии субъектҳои тадбиркорӣ аст.

***Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи корхонаи хусусӣ» аз 11-уми декабри соли 2003 таҳти рақами 558-II, моддаи 3***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Корхонаи хусусӣ аз ҷониби мулкдори ягона ташкил мегардад. Мулкдор ба корхонаи хусусӣ молу мулки лозимаро медиҳад ва низоми онро тасдиқ мекунад. Таъсисдиҳандаи корхонаи хусусӣ танҳо шахси ҷисмонӣ мешавад. Ин ташкилотест, ки аз ҷониби як шахс ташкил гардида, фаъолияти тиҷоратӣ дар асоси мулки таъсисдиҳанда амалӣ мегардад. Шумо маҳсулотҳоеро, ки аз ҷониби корхонаҳои хусусии мамлакатамон истеҳсол гардидаанд, ба осонӣ ҷудо карданатон мумкин аст. Чунки дар ин маҳсулотҳо дар бораи истеҳсолкунанда маълумот ва пас аз номи фирма истилоҳи «Корхонаи хусусӣ» ё ки аббре-виатураи «КХ» навишта мешавад.

## ҶИҲАТҲОИ БА ХУД ХОСИ КОРХОНАИ ХУСУСӢ

Ҷиҳати ба худ хоси фаъолити корхонаи хусусӣ дар он аст, ки он бе мадади таъсисдиҳандагони дигар, зери роҳбарии танҳо як нафар амалӣ мегардад. Мулкдори корхонаи хусусӣ ба сифати роҳбари корхона танҳо идора мекунад.

Боиси таваҷҷӯҳ аст, ки бо вуҷуди манъ гардидани ба кор дахолат кардани таъсисдиҳандагони дигар, барои иштироки ин корхонаи хусусӣ дар фаъолияти корхонаҳои дигар рухсат дода шудааст.

Корхонаҳои хусусӣ мувофиқи тартиби муқаррарии ҳуҷҷатҳои қонунӣ барои муассиси шахси ҳуқуқии дигар шудан ё ки барои дар бунёди меъёрии онҳо ба таври дигар иштирок кардан, боз намудани ваколатхонаҳо ва ташкил кардани филиалҳо ҳуқуқ доранд.

***Қонуни Республикаи Ӯзбекистон аз 11-уми декабри соли 2003 таҳти рақами 558-II «Дар бораи корхонаи хусусӣ», моддаи 9***

Азбаски корхонаи хусусӣ аз ҷониби як нафар шахси ҷисмонӣ ташкил мегардад, бунёди меъёрии он ба даромадҳо тақсим намешавад. Инчунин, ҳаҷми бунёди меъёриро мулкдор муайян мекунад.

Агар шумо мехоҳед корхонаи хусусӣ кушоед, ба бунёди меъёрии он метавонед пул, коғазҳои қиматдор, молу мулки дигари бо пул баҳогузоришуда ё ки ҳуқуқҳои мулкиро дохил кунед. Дар чунин ҳол ҳуқуқ доред, ки молу мулки ба бунёди меъёрии корхонаи хусусӣ дохилкардаи худро ба таври мустақил нарх гузоред.

Монанди корхонаҳои оилавӣ ба миқдори суммаи фоидае, ки пас аз пардохти андозҳо ва пардохтҳои дигари маҷбурӣ дар ихтиёри мулкдори корхонаи хусусӣ мемонад, андоз гузошта намешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мулкдори корхонаи хусусӣ ба сифати роҳбари корхона онро танҳо идора мекунад, бе бовариинома аз номи корхона кор мебарад, манфиатҳои онро ифода мекунад, маблағҳои пулӣ ва молу мулки дигари корхонаи хусусиро ба тасарруфи худ медарорад, шартномаҳо, аз ҷумла, шартномаи меҳнат имзо мекунад, боваринномаҳо медиҳад, дар бонкҳо варақаи ҳисоб боз мекунад, штатҳоро тасдиқ мекунад, барои тамоми кормандони корхона фармоишҳои маҷбуриро қабул мекунад ва супоришҳо медиҳад.

***Моддаи 14 уми Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи корхонаи хусусӣ» аз 11-уми декабри соли 2003 таҳти рақами 558-II***

| **КОРХОНАИ ХУСУСӢ** | |
|---|---|
| **БАРТАРИЯТҲО** | **КАМБУДИҲО** |
| Аз ҷониби шахси ҷисмонии танҳо ташкил гардидан ва идора шудани корхонаи хусусӣ | Корхонаи хусусӣ танҳо аз ҷониби шахсони ҷисмонӣ ташкил гардида, шахсони ҳуқуқӣ наметавонанд мулкдори он бошанд |
| Дар натиҷаи ҳамчун мулкдори корхонаи хусусӣ ба сифати роҳбар танҳо идора кардани корхона афзудани суръати қабули қарорҳо | Дар натиҷаи шахсӣ юридикӣ мулкдор нагардидан, тавассути ҷамъ кардани маблағҳои иловагӣ имконияти васеъсозии корхона маҳдуд мегардад |
| Ҳангоми муваққатан набудани роҳбари корхона имкони мавҷудияти ба зиммаи шахси ҷисмонии дигар гузоштани вазифаи роҳбарӣ | Мулкдори корхонаи хусусӣ ҳангоми кам будани молу мулки корхона доир ба маҷбуриятҳои корхона бо молу мулки мансуби худ мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонунӣ пурра ҷавобгар аст |
| Аз фоидае, ки пас аз супоридани андоз ва пардохтҳои дигари маҷбурӣ дар дасти мулкдор мемонад, андоз ситонида намешавад | Ҳангоми ба инқироз рӯ ба рӯ гардидани корхона тамоми қарз ва пардохтҳои дигарро таъсисдиҳанда мепардозад. Ин ба тадбиркор масъулияти зиёдро бор мекунад. |
| Соҳибҳуқуқӣ дар интихоби (пардохти андози ягона) сохтори андози умумикунонидашуда ва соддакунонидашудаи андозсупорӣ | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | |
|---|---|
| Соҳиби корхонаи хусусӣ метавонад корхонаро чун маҷмӯи мулк пурра фурӯшад, ё ки ҳадя кунад, ё ин ки фаъолияти онро анҷом дода, молу мулки онро алоҳида фурӯшад | |

## ОЁ МЕДОНЕД?

Яке аз субъектҳои тадбиркорие, ки дар Ӯзбекистон фаъолияти пурсамар мебарад ширкати – «Murad Buildings» ба шумор меравад. Самти асосии фаъолияти ширкати мазкур бунёди биноҳои бисёрошёна ривоҷдиҳии лоиҳаҳои зисти инфрасохтори иҷтимоии хизматрасонӣ ба онҳоро фаро мегирад.

Маҷмӯаҳои зисти аз рӯйи консепсияи архитектураи тартиби якка бунёд гардида, барои омма, ки даромадҳои гуногун доранд, пешбинӣ шудааст.

Ширкати «Murad Buildings» дар зинаҳои зерини ҷараёни сохтмони биноҳо кор мебарад:лоиҳакунонии объект, хариди биноҳои кӯҳна, баъд онҳоро вайрон карда, биноҳои нав сохтан, назорат аз болои сифат, фурӯхтан ва хизматрасонии пас аз фурӯш.

***https://www.goldenpages.uz/company/?Id=80592***

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Истилоҳи корхонаи хусусӣ чиро ифода мекунад?
2. Корхонаи хусусӣ аз ҷониби кӣ ташкил карда мешавад?
3. Ҷиҳатҳои ба худ хоси корхонаи хусусиро фаҳмонида диҳед.
4. Роҳбари корхона ҳангоми мавҷуд набудани имкони муваққатан идора кардани корхона чӣ гуна чора диданаш мумкин аст?
5. Доир ба андозсупорӣ кадом ҷиҳатҳои корхонаи хусусӣ ба субъектҳои тадбиркории дигар монандӣ дорад?
6. Дар корхонаи хусусӣ чӣ гуна ҳуқуқҳои мулкӣ мавҷуданд?
7. Корхонаи хусуси ба сифати шакли тадбиркорӣ чӣ гуна камбудиҳоро дорост?
8. Доир ба натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои хусусӣ ҷавобгарӣ чӣ гуна аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 7 ҶАМЪИЯТИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУД

### ҶАМЪИЯТИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУД



| Соҳибонаш: | Хазинаи Низом: | Ҳуҷҷатҳои таъсис: | Ҷалби ҳамкорон: | Шумораи аз ҳама зиёди иштирокдорон: |
|---|---|---|---|---|
| *Ҳар гуна шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ аз он ҷумла шаҳрвандони хориҷӣ аз тарафи як нафар шахси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ҳам ташкил меёбад* | *Баробари 40 фоизи ҳадди ақали музди меҳнат* | *шартнома ва Низом* | *бо ризоҳии ҳамаи аъзоёни ҷамъият ба Хазинаи низом саҳм гузоштан* | *50 нафар* |

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Дар инфографика кадом маълумоти ба Шумо ҳоло ношинос оварда шудааст?
2. Ҷиҳатҳои фарқкунандаи ҷамъияти масъулияташ маҳдудро аз корхонаҳои хусусӣ ва тадбиркории баён кунед.
3. Дар айни ҳол 40 фоизи ҳадди ақали музди меҳнат чӣ микдорро ташкил мекунад?

### ҶАМЪИЯТИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУД

Шояд Шумо дар хусуси корхонаҳое, ки пас аз номи худ калимаи кӯтоҳшудаи ҶММ доранд шунидаед. Масалан, «Нӯшокии Coca-Cola»пас аз худ иловаи ҶММ (англисии LTD – limited) мегирад, ки ин маънои «ҷамъияти масъулияташ маҳдуд» ро дорад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аъзоёни **Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд (ҶММ)** – танҳо дар доираи ҳиссаи гузоштаи худ ҷавобгар буда метавонанд. Он дар асоси ҳамфикрии як ё якчанд нафар шахсони юридикӣ ташкил гардида шахси юридикӣ ба шумор меравад.

Ҷамъияте, ки аз тарафи як ва ё якчанд нафар таъсис ёфта, фонди устав (капитали устав) якҷоя бо ҳуҷҷатҳо ба миқдори муайян ба ҳиссаҳо ҷудо карда шудааст, ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ба шумор меравад. Иштирокчиёни ҶММ аз рӯйи ӯҳдадории он ҷавобгар намешаванд, ба зарарҳои вобаста ба фаъолияти ҷамъият дар доираи арзиши ҳиссаҳои гузоштаи худ ҷавобгар мешаванд.

***Қонуни Республикаи Ӯзбекистон аз 6-уми декабри соли 2001, таҳти рақами 310-II «Дар бораи ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд ва масъулиятҳои иловагӣ дошта», моддаи 3***

Фонди устави Ҷамъияти масъулияти маҳдуд ба воситаи ҳисса гузоштани аъзоёни ҷамъият ташкил меёбад. Он ба миқдори на камтар аз 40 фоизи ҳадди ақали музди меҳнат аст. Аъзоёни ҷамъият набояд аз 50 нафар зиёд бошанд. Агар шумораи иштирокчиён аз ҳудуди муайяншуда гузарад, ҷамъият ба ҷамъияти саҳҳомӣ (акционерӣ) табдил меёбад.

Аъзои ҷамъият ҳиссаи худро танҳо бо розигии ҷамъият ба шахси дигар фурӯхта метавонад. Оид ба қарзҳои ҷамъият муассисон (ташкилкунандагон) танҳо дар доираи ҳиссаи худ ҷавобгар мешаванду бас. Фоидаи ҷамъият миёни иштирокчиён ба тарзи муносиб ба ҳиссаҳои дар фонди устав вуҷуддоштаашон тақсим карда мешавад. Мувофиқи қонунгузории Республикаи Ӯзбекистон аз девиденти эълонкарда барои таъсисчиён андоз ҳисоб карда мешавад.

## БАРТАРИЯТҲОИ ҶАМЪИЯТИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУД

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд аз тадбиркории якка, ёки корхонаи хусусӣ бо роҳи ҳиссагузории аъзоёни ҷамъият имконият пайдо мекунанд. Пас дар корхонаи хусусӣ, танҳо шахси ҷисмонӣ таъсисгар шуда тавонад, дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуд хам шахси ҷисмонӣ ва ҳам ҳуқуқӣ таъсисчӣ буда метавонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷавобгарии иштирокчиёни Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд дар доираи ҳиссаи гузоштаи онҳо маҳдуд мегардад. Иштироки аъзоёни ҷамъият бо меҳнати шахсӣ дар фаъолияти корхона шарт нест. Фаъолияти ҷории ҷамъиятро директор идора мекунад.

## КАМБУДИҲОИ ҶАМЪИЯТҲОИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУД

Қонунан маҳдуд намудани шумораи иштирокчиёни Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд аз ҳисоби аъзоёни дигар ба васеъ кардани фонди устави он менеъгӣ намекунанд.

Иштирокчиёни Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ҳиссаи худро озодона фурӯхта наметавонанд ва ё ба дигарон тақдим карда наметавонанд. Дар натиҷа барои баромадан аз таркиби ҷамъият иштирокчӣ як қисми ҳиссаи ҷамъиятро бой медиҳад. Ин ба шавқмандии онҳо таъсири манфӣ расонида метавонад.

Барои қабули корҳои муҳим шарти гирифтани розигии ҳамаи иштирокчиён боиси дурудароз давом ёфтани чараёни мазкур мегардад. Инчунин, мувофиқ наомадани фикрҳо таваккалан қабул кардани қарорҳои нодурустро ба вуҷуд меорад.

## АНДОЗ БА ДИВИДЕНДИ ҶАМЪИЯТИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУД

Иштирокчиёни Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд аз рӯйи дивиденди гирифтаи худ дар ҳаҷми 10 фоиз андоз месупоранд.

**Мисол.** Аз рӯйи ҷамъбасти соли 2017 фоидаи софи ҶММ «SAMARSUMBULA» 47 миллион сӯмро ташкил кард. Ҷамъият 4 нафар таъсисгар дорад, ки ҳиссаи онҳо дар фонди устав чунинанд:

– таъсисгари аввал – 45%;
– таъсисгари дуюм – 25%;
– таъсисгари сеюм – 18%;
– таъсисгари чорум – 12%.

Дар ин ҳолат фоидаи соф дар байни таъсисгарон чунин тақсим мешавад:

– таъсисгари якум – $47000000 \times 45\% = 21\,150\,000$ сӯм;
– таъсисгари дуюм – $47000000 \times 25\% = 11\,750\,000$ сӯм;
– таъсисгари сеюм – $47000000 \times 18\% = 8460\,000$ (суммаи андоз $8\,460\,000 \times 10\% = 846\,000$) сӯм;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– таъсисгари чорум – 47 000 000 × 12% = 5 640 000 (суммаи андоз 5640000 × × 10% = 564 000) сӯм.

Нисбати дивидентҳое, ки аз фоидаи соф эълон карда шудааст, ба таври зерин андоз ситонида мешавад:

– таъсисчии аввал – 21 150 000 × 10% = 2 115 000 сӯм;
– таъсисчии дуюм – 11 750 000 × 10% = 1 175 000 сӯм;
– таъсисчии сеюм – 8 460 000 × 10% = 846 000 сӯм;
– таъсисчии чорум – 5 640 000 × 10% = 564 000 сӯм.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Фарқи байни Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд аз шаклҳои дигари ташкилию ҳуқуқӣ дар чист?
2. Чаро Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд яке аз шаклҳои васеъ паҳншуда ба шумор меравад?
3. Шахсони ҳуқуқӣ таъсисгарони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд шуда метавонанд?
4. Шумораи иштирокдорони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд бояд аз чанд нафар зиёд набошанд?
5. Миқдори минималии фонди устави Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд чӣ қадар аст?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Фоидаи софи ҶММ «UMIDA-NIGORA» аз рӯйи ҷамъбасти соли 2017 90 миллион сӯмро ташкил намуд. Ҷамхъият аз тарафи 4 нафар таъсисгар ташкил шудааст ва ҳиссаҳои онҳо дар фонди устав чунин аст:

– таъсисгари аввал – 40%;
– таъсисгари дуюм – 25%;
– таъсисгари сеюм – 18%;
– таъсисгари чорум – 17%.

Дар ин ҳолат фоидаи соф чӣ гуна тақсим мегардад ва нисбати дивидендҳои эълоншуда чӣ қадар андоз ҳисоб карда мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 8 ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМӢ

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМӢ



| Асосчиён ва иштирокчиён: | Хазинаи Низом: | Ҳуҷҷатҳои таъсис: | Ҷалби маблағҳо: | Ба андоз кашидан: |
|---|---|---|---|---|
| *Як ё якчанд саҳмиядорони Хориҷӣ буданиш шарт. Ҳиссаи онҳо дар Хазинаи Низом на кам аз 15 фоиз бояд бошад* | *Суммаи нархи аксияҳо мувофиқи курси валютаи миллӣ камаш 4000 ҳазор доллари ИМА. Арзиши номиналии баланди як аксия 5 ҳазор сӯм* | *Низом* | *баровардани саҳмияҳои иловагӣ* | *Гузоштани андоз ба даромади саҳмиядорон дар шакли дивиденд ва фоизҳо* |

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Кадоме аз ҷиҳатҳои дар инфограммаи болоӣ ифодаёфтаи ҷамъияти саҳҳомӣ барои шаклҳои дигар ҳам дахл дорад?

## МАФҲУМИ ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМӢ

Барои Шумо миёни шаклҳои тадбиркорӣ ҷамъияти саҳҳомӣ бештар маълум аст. Зеро он яке аз шаклҳои бузург ба шумор рафта, дар баъзе ҳолатҳо ширкат низ номида мешавад. Ширкатҳои ҳоло дар ҷаҳон машҳури «Apple inc.», «Microsoft» аз ҷумлаи онҳост.

**Ҷамъияти саҳҳомӣ (ҶС)** – шакли тиҷоратест, ки дар асоси ҳиссаи ихтиёрии саҳмиядорон (аксиядорон) ташкил шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ширкатҳои «Oʻzbekiston havo yoʻllari», «Oʻzbekiston temir yoʻllari», ки дар мамлакатамон вуҷуд дорад, дар асоси ҷамъияти саҳҳомӣ ташкил ёфтаанд.

Ташкилоти тиҷоратие, ки бунёди низом (капитали низом) дар байни саҳмиядорон нисбати ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷамъияти саҳҳомӣ ба миқдори муайян бо саҳмияҳо тақсимшударо ҷамъияти саҳҳомӣ гуфта эътироф менамоянд.

***Моддаи 3-юми Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва ҳимояи ҳуқуқи саҳмиядорон» аз 6-уми майи соли 2014 таҳти рақами 370 ҚРӮ***

## НАМУДҲОИ ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМӢ

Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ кушода ва ё пӯшида буда метавонад. Шумораи аз ҳама ками ба таркиби ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушод дохилшавандагон маҳдуд намешавад, саҳмгузорони ҷамъияти саҳҳомии тарзи пӯшида бояд аз се нафар кам набошанд. Ҳар як муассиси ҷамъият бояд саҳмиядори ҷамъият бошад. Шумораи саҳмиядорони ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушод маҳдуд нест. Ҷамъияти тарзи кушоди саҳҳомӣ ҳақ дорад ба аксияҳои баровардаи худ обуна ташкил намояд ва ё талабҳои ҳуҷҷатҳои қонунро ба ҳисоб гирифта, онро озодона фурӯшад. Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида ҷамъиятест, ки саҳмияҳои худро танҳо дар байни муассисони худ ва ё доираи шахсони муайяншуда тақсим мекунад. Онҳо ҳақ надоранд, ки ба саҳмияҳои баровардаи худ ба тарзи кушод обуна ташкил намоянд ва ё худ ба шахсони доираҳои маҳдуд ба тарзи дигар барои фурӯш таклиф кунанд. Дар ҷамъияти саҳҳомии пӯшида шумораи саҳмиядорон набояд аз 50 нафар зиёд бошанд.

**Ҷамъияти саҳҳомии кушод** – ҷамъиятест, ки иштиркдорони он саҳмияҳои ба худашон дахлдорро озодона харида ва ё бе розигии саҳмиядорони дигар озодона фурӯхта метавонанд.

**Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида** – ҷамъиятест, ки саҳмияҳои он дар доираи шахсони пешакӣ муайяншуда тақсим карда мешавад.

Дар Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва ҳимояи ҳуқуқи саҳмиядорон» аз 6-уми майи соли 2014 роҳҳои ҷойгиркунии обунаи саҳмияҳои аз тарафи ҷамъиятҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

саҳҳомии кушода ва пӯшида бароварда муайян шудааст. Мувофиқи қонуни мазкур аз сабаби он ки ҷамъияти саҳҳомии пӯшида ба ҷамъияти масъулияташ маҳдуд мазмунан монанд аст, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба пӯшида ва кушода ҷудо нашуда, ба таври умумӣ ҷамъияти саҳҳомӣ номида шуд.

## ТАШКИЛ НАМУДАНИ ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМӢ

Ҷамъияти саҳҳомиро таъсис намудан ва (ёки) шахси ҳуқуқии мавҷударо барои дубора ташкил кардан (якҷоя кардан, ҳамроҳ кардан, ҷудо намудан, тақсим кардан) ба амал бароварда мешавад. Миқдори минималии капитали устави ҷамъиятҳои саҳҳомӣ 1600 млн. сӯмро ташкил мекунад. Фонди устави ҷамъият аз арзиши номиналии саҳмияҳои ҷамъият, ки саҳмиядорон харидаанд ташкил меёбад.

**Саҳмия** – коғази қиматнокест, ки пас аз ба капитали ҷамъияти саҳҳомӣ ҳисса гузоштан ҳуқуқи аз фоидаи он даромадро дар сурати дивиденд ба даст оварданро медиҳад.

**Арзиши номиналии саҳмия** – арзиши ба худи саҳмия муайян кардашуда.

Арзиши номиналии тамоми саҳмияҳои баровардаи ҷамъият бояд як хел бошад. Саҳмияҳо коғазҳои арзишдори эмиссиявиест, ки дар он номи соҳибаш навишта шудааст ва онҳо аз рӯии намуд оддӣ ва имтиёздор шуда метавонад. Саҳмия дар асоси ҳуқуқи мулкӣ ё ҳуқуқҳои дигари асосӣ ба кадом шахси юридикӣ дахл дошта бошад, он воҳиди юридикӣ ё шахси ҷисмонӣ соҳиби саҳмия, яъне саҳмиядор номида мешавад.

**Саҳмиядор** – шахси ҷисмонӣ ва ҳуқуқии соҳиби саҳмия.

Саҳмияҳои оддӣ овоздиҳанда буда, онҳо ба соҳибонашон ҳуқуқи гирифтани дивидендҳо, дар ҷамъомадҳои умумии саҳмиядорон иштирок намуданро медиҳад. Саҳмияҳои имтиёзнок чунин саҳмияҳое мебошанд, ки ба соҳибонашон ҳуқуқи дивиденд гирифтан, инчунин дар сурати баста шудани ҷамъият маблағҳои ба саҳмияҳо гузоштаро дар навбати аввал гирифтанро таъмин менамояд. Саҳмияҳои имтиёзнок ба соҳибони худ, новобаста аз фоида дидан ва ё надидани ҷамъият ҳуқуқи гирифтани дивидендҳоро медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Саҳмияи оддӣ** – саҳмияест, ки имконияти ба тарзи ба маблағи гузошташуда мутаносиб тақсим кардани дивидендро медиҳад.

**Саҳмияи имтиёзнок** – саҳмияест, ки ҳангоми тақсими дивиденд ва молу мулки ҷамъияти саҳҳомӣ ба соҳибаш нисбати саҳмияи оддӣ имконияти бештарро медиҳад.

| ҶАМЪИЯТҲОИ САҲҲОМӢ | |
|---|---|
| **БАРТАРИЯТҲО** | **КАМБУДИҲО** |
| Ба осонӣ маблағи калонҳаҷмро ҷамъ овардан. Зеро барои ин баровардани саҳмия ба миқдори зарурӣ кофист. | Зиёд будани шумораи саҳмиядорон ба идоранамоии фаъолияти ҷамъият аз ҷониби мулкдорон душворӣ меорад. Мувофиқи ин дар ҷамъияти саҳҳомӣ шӯрои раёсат ташкил мешавад ва директор таъин мегардад. |
| Ҳамчун шакли ягонаи тиҷоратӣ фаъолияти ҷории ҷамъияти саҳҳомиро дар асоси шартномаи идоранамоӣ ба ташкилоти дигари тиҷоратӣ – ба идоракунандаи боваринок супоридан мумкин | Барои қабули қароре ба фаъолияти асосӣ ё раёсат дахлдор муҳокима намудани он дар ҷамъомади умумии саҳмиядорон ба кашол ёфтани ин ҷараён оварда мерасонад. |
| Имконияти иштироки саҳмиядор дар раёсат ба соҳиби кадом навъи саҳмия дахлдор будани ӯст | |
| Саҳмияҳои оддӣ соҳиби овоз шуморида мешавад ва ба соҳибаш ҳуқуқи гирифтани дивидендҳо, иштирок дар идоранамоии ҷамъиятро медиҳад | |
| Саҳмияҳои имтиёздор бошад ба соҳибонаш, дар навбати аввал, дар гирифтани дивидентҳо ва ҳангоми пӯшида шудани ҶС маблағи ба аксияҳо гузоштаашро болодастӣ медиҳад | |
| Саҳмияҳои имтиёзнок қатъи назар аз будану набудани даромади ҷамъият, ҳуқуқи гирифтани баъзе аз дивидендҳои маълумро медиҳад. | |

Дивидендҳои ба саҳмиядорон эълоншуда мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонун ба андоз кашида мешавад. Ҳангоми фурӯхтани саҳмияҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

андози даромади барои шахси ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ муайяншуда супорида мешавад. Андози даромад аз фарқи харида гирифтан ва фурӯхтани саҳмияҳо ҳисоб карда бароварда мешавад. Ғайр аз ин саҳмиядор дар баробари ҳуқуқи аз ҷамъият пурсидани хариднамоии саҳмияҳо, тарк намудани тиҷоратро ҳам дорад. Чунин масъалаҳо бошад бо Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва ҳимояи ҳуқуқи саҳмиядорон» ба тартиб андохта мешавад.

**Дивиденд** (калиами лотинии *dividendus* буда маънояш ба тақсимкунӣ дахлдор) – даромади ба соҳиби аксия ҷудошуда.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Кадом намудҳои ҷамъияти саҳҳомӣ мавҷуд аст?
2. Аз ҷиҳати шумораи саҳмиядорон дар байни ҷамъиятҳои саҳҳомии кушода ва пӯшида чӣ гуна фарқ вуҷуд дорад?
3. Барои чӣ дар қонунгузории Республикаи Ӯзбекистон шакли ҷамъияти саҳҳомии пӯшида вуҷуд надорад?
4. Миқдори номиналии капитали устави ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар Ӯзбекистон чӣ қадарро ташкил мекунад?
5. Саҳмия чист? Саҳмияҳои оддӣ аз имтиёзнок бо чӣ фарқ мекунад?
6. Ҷиҳатҳои бартариятноки ҷамъияти саҳҳомӣ дар чист?
7. Камбудиҳои ҷамъияти саҳҳомӣ аз чӣ иборат аст?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Дар дасти сармоядор 100000 сӯм ҳаст. Банк барои соле изофаи 20% таклиф намуд. Ҷамъияти саҳҳомӣ 8 то саҳмияи имтиёноки худро бо нархи 25000 сӯмӣ ба ҳар як саҳмия даромади солонаи 10% ва 80 то саҳмияи оддиро бо нархи 20000 сӯмӣ баровард. Аз ҷамъияти саҳҳомӣ барои дивиденд 800000 сӯм ҷудо шуд. Муайян намоед, ки сармоядор пулашро дар куҷо сарф намояд зиёдтар фоида мегирад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 9 ТАДБИРКОРӢ ДАР ДЕҲОТ

Маълум аст, ки имрӯзҳо бештар аз 51 фоизи аҳолии кишвари мо дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аммо саҳми маҳсулоти хоҷагии деҳот дар даромади умумии кишвар аз 17 фоиз бештар нест. Ҳаҷми коркарди дубораи соҳаи аграрӣ бошад ба 10 фоиз ҳам намерасад. Дар ҳоле ки ин нишондод дар давлатҳои пешрафта аз 50 фоиз нуфуз мекунад. Аз ин хотир, муҳим аст барномаи маҷмӯавииислоҳи хоҷагии деҳот тарҳрезӣ шавад.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***








### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Ба нақши хоҷагии деҳот дар иқтисодиёти Ӯзбекистон чӣ гуна метавон баҳо дод? Солҳои охир дар ин соҳа чӣ гуна тағйиротҳо мушоҳида мешавад?
2. Чанд фоизи аҳолии кишвари мо дар деҳот истиқомат доранд? Дар байни деҳаю шаҳр чӣ гуна тафовутҳо мавҷуд аст?
3. Дар деҳот барои афзоиш додани даромади сокинон чӣ гуна имкониятҳо мавҷуд аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ХОҶАГИҲОИ ШАХСИИ ЁРИРАСОН

Қисми асосии аҳолии кишвари мо дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар деҳаҳо асосан бо истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии деҳот машғул мешаванд. Аз ин рӯ, дар шароити деҳот ба роҳ мондани фаъолияти тадбиркорӣ ба пешрафти иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад.

Аз ин сабаб, шумо метавонед дар деҳот, аввал, дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасон бо тадбиркорӣ машғул шавед.

**Хоҷагии шахсии ёрирасон** – як навъ хоҷагии оилавӣ, ки ба меҳнати шахсии сокинони деҳот дар боғчаи назди ҳавлии худ ва аз ҷониби онҳо истеҳсол шудани маҳсулоти деҳқонӣ асос ёфтааст.

Хоҷагии шахсии ёрирасон дар ҳамон қитъаҳои замин ташкил меёбад, ки барои сокинони деҳот ҳамчун мерос монда, умрбод барои соҳиб шудан ва хонаю манзил сохтан дода шудааст. Ҳамон қисми қитъаи замин, ки дар он хонаю манзил сохта нашудааст, боғчаи назди ҳавлӣ номида мешавад. Дар ин боғча аъзои хонавода дар заминаи меҳнати шахсӣ метавонанд маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ истеҳсол намоянд. Бахши асосии он барои ниёзҳои хонавода сарф мешавад. Бо ин ҳол, дар аксари мавридҳо ин маҳсулот аз ниёзҳои оила зиёдатӣ мекунад. Ҳамин маҳсулоти барзиёдро мумкин аст дар бозори деҳқонӣ ба фурӯш баровард ва даромади изофӣ дарёфт намуд, ки ин ҷараён аз рӯйи моҳияти худ тадбиркорӣ мебошад.

## ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНӢ

Агар шумо нахоҳед, ки фаъолияти тадбиркориатон дар хоҷагии шахсии ёрирасон маҳдуд бимонад, дар он сурат метавонед хоҷагии деҳқонӣ барпо намоед.

**Хоҷагии деҳқонӣ** – як навъ хоҷагии оилавии амволи хурд, ки дар заминаи қитъаи додашуда ба соҳиби оила ташкил меёбад ва дар он аъзои хонавода бо меҳнати шахсии худ маҳсулоти хоҷагии деҳотро истеҳсол ва ба муомила мебароранд.

Хоҷагии деҳқонӣ дар ҳамон қитъаи замин ташкил меёбад, ки ҳамчун мерос ва мулки умрбодӣ ба соҳиби оила дода шудааст. Он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бар асоси меҳнати шахсии аъзои хонавода амал мекунад. Хоҷагии деҳқониро метавон дар ду ҳолат ташкил дод:

1) дар ҳолати созмон додани шахси ҳуқуқӣ;

2) дар ҳолати созмон надодани шахси ҳуқуқӣ.

Хоҷагии деҳқонӣ хоҷагии оилавии амволи хурд буда, бо меҳнати шахсии аъзои хонавода, дар қитъазамине, ки ҳамчун мерос ва мулки умрбодӣ ба соҳиби оила дода шудааст, маҳсулоти хоҷагии деҳотро истеҳсол менамояд ва ба муомила мебарорад.

Фаъолият дар хоҷагии деҳқонӣ аз ҷумлаи фаъолиятҳои тадбиркорӣ аст ва бо таваҷҷӯҳ ба хоҳиши аъзои хоҷагии деҳқонӣ мумкин аст бо созмон додани шахси ҳуқуқӣ ва ё созмон надодани шахси ҳуқуқӣ сурат бигирад.

Дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ба таври доимӣ истифода бурдани меҳнати кироя мумкин нест.

***Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ», №604-I, аз 30 апрели соли 1998, моддаи 1.***

## ХОҶАГИИ ФЕРМЕРӢ

Хоҷагии фермерӣ шакли боз ҳам васеътари тадбиркорӣ дар деҳот аст.

**Хоҷагии фермерӣ** – субъекти мустақили хоҷагидорӣ, ки дар сурати истифодаи қитъаҳои замини ба иҷора додашуда бо истеҳсоли амволи хоҷагии деҳот машғул мешавад.

Заминҳои дорои аҳамияти хоҷагии деҳот аз сӯйи шӯроҳои маҳаллӣ бо ҳуқуқи нигаҳдории мерос ба муддати то 50 сол ба унвони иҷора ба хоҷагии фермерӣ дода мешаванд. Хоҷагии фермерӣ метавонад ҳам аъзои ба меҳнат лаёқатманди хонавода ва ҳам коргарони кироявро ба кор ҷалб намояд. Хоҷагии фермерӣ маҳсулоти хоҷагии деҳотро дар шакли мол, яъне, асосан барои муомила дар бозор истеҳсол менамояд.

Он дар шакли шахси ҳуқуқӣ созмон ёфта, метавонад ба таври мустақил бо субъектҳои дигари хоҷагидорӣ муносибати иқтисодӣ барпо намояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Хоҷагии фермерӣ субъекти мустақили хоҷагидорӣ аст, ки бо истифода аз қитъаҳои замини ба иҷора додашуда амволи хоҷагии деҳотро истеҳсол менамояд.

***Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи хоҷагии фермерӣ», № 662-II, аз 26 августи соли 2004, моддаи 3.***

## АГРОФИРМАҲО

Агар майл дошта бошед, ки ғайр аз истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии деҳот бо коркарди дубораи он низ машғул шуда, даромади тадбиркории худро афзоиш диҳед, метавонед фаъолияти агрофирмаро ба роҳ монед.

**Агрофирма** – ширкат ё корхонае, ки маҳсулоти хоҷагии деҳоти ҳосилшуда аз ҷониби хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва шахсии ёрирасонро дубора коркард мекунад ва ба муомила мебарорад.

Агрофирма дар шакли шахси ҳуқуқӣ созмон меёбад. Вазифаҳои асосии агрофирма иборат аз истеҳсол, кашондан, нигаҳдорӣ ва дубора коркард намудани маҳсулоти хоҷагии деҳот буда, онҳоро барои муомила ба бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебарорад.

## ИН ШАВҚОВАР...

Аз рӯйи микдори гармхонаҳо кишвари Ҳолланд (Голландия) дар ҷаҳон ҷойи аввалро мегирад. Дар ҳоли ҳозир ҳолландиҳо гармхонаҳои худро на бо пластик, балки бо шиша мепӯшонанд. Майдони умумии гармхонаҳои Ҳолланд 10 500 гектар аст.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Бизнеси хурдро дар ҳар гуна шароит метавон ташкил дод. Барои мисол, бо ин мақсад сохтани гармхонаи бодиринг дар айвон (балкон) ё ҳатто дар токчаи тиреза мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бодиринг аз ҷумлаи маҳсулоти фоидабахш буда, эътибори камро мехоҳад. Интихоби дурусти навъи бодиринг ҳатто дар як метри мураббаъ ҳосили хуб медиҳад. Шумо бо нерӯ ва маблағи кам метавонед дар ҳар фасли сол бодиринг парвариш намоед. Дар сурати ба роҳ мондани фурӯш мумкин аст соҳиби бизнеси босуботи даромаднок гардед ва тез харҷҳои худро пӯшонед.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Хусусиятҳои ба худ хоси тадбиркорӣ дар шароити деҳот дар чӣ ифода меёбад?
2. Кадом шаклҳои тадбиркориро дар шароити деҳот медонед?
3. Нишонаҳои ба худ хоси хоҷагии шахсии ёрирасон аз чӣ иборат аст?
4. Хоҷагии деҳқонӣ бо кадом ҷиҳатҳои худ аз шаклҳои дигар фарқ мекунад?
5. Дар сурати ташкил додан ё нададани шахси ҳуқуқӣ ҷиҳатҳои асосии хоҷагии деҳқониро эзоҳ диҳед.
6. Нишонаҳои асосии хоҷагии фермериро фаҳмонида диҳед.
7. Ба нисбати хоҷагии фермерӣ гуфтани «субъекти мустақили хоҷагидорӣ» чӣ маънӣ дорад?
8. Нишонаҳои асосии агрофирма аз чӣ иборат аст?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

Шахси ҷисмонӣ А. Сатторов бо маблағи шахсии худ 500-то мурғ харида дар шароити хона парвариш кард ва нигаҳбонии мурғҳои тухмзоро ба роҳ монд. Бо ин мақсад ӯ чунин харҷҳоро анҷом дод:

| Р/т | Номи маҳсулот | Маблағи мавриди назар, млн. сӯм. |
|---|---|---|
| 1 | Барои гирифтани мурғ | 15 (500×30000) |
| 2 | Қафаси мурғ | 2 |
| 3 | Хароҷоти дигар | 1 |
| | **Ҷамъ:** | 18 |

Парвариши мурғҳо бар асоси тартиби қатъӣ ва назорати ратсиониву рӯзона сурат мегирад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар шахси ҷисмонӣ 500-то мурғро комилан парвариш намояд ва битавонад бар асоси талабҳои ратсионӣ нигаҳдорӣ кунад, 500-то мурғ ба додани маҳсулот оғоз мекунад.

Хароҷоти якрӯза барои парвариши 1-то мурғ ба шарҳи ҷадвали зерин аст:

| **Р/т** | **Шарҳи харҷ** | **Хароҷоти якрӯза барои парвариши 1-то мурғ** | |
|---|---|---|---|
| | | **сӯм** | **%** |
| 1 | Харҷ барои озуқа-маҳсулоти донагӣ | 280 | 87,5% |
| 2 | Харҷҳои коммуналӣ(барқ, об, газ) | 15 | 4,7% |
| 3 | Хароҷоти дигар | 25 | 7,8% |
| | **Ҷамъ:** | **320** | **100%** |

Дар ҷадвали зерин маълумоти марбут ба дарёфти тухми мурғ оварда шудааст. Хоначаҳои холии ҷадвалро пур кунед.

| **Теъдоди мурғ** | **Тавлиди тухм, %** | **Теъдоди тухм дар як моҳ,дона** | **Теъдоди тухм дар як сол, дона** | **Арзиши аслии тухм, сӯм*** | **Нархи тухм дар бозор, сӯм** | **Даромад аз фурӯши тухм, ҳазор сӯм** | **Ҷамъи харҷҳо барои дарёфти тухм, ҳазор сӯм** | **1 сол** | **Дар 2 сол** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | **Ҷамъи фоида, ҳазор сӯм** | **Ҷамъи фоида, ҳазор сӯм** |
| **1** | 80 | | | | 500 | | | | |
| **500** | 80 | | | | 500 | | | | |

* Дар ин ҷо ба арзиши аслии тухм хароҷоти марбут ба ташкили мурғдорӣ, яъне харҷҳои алоқаманд бо сохтани қафасҳо барои харидани мурғ шомил нашудааст.

Пас аз ду сол мизони тухмзойии мурғҳо коҳиш ёфта, дигар онҳо ба сифати гӯшт фурӯхта мешаванд. Агар нархи кӯтараи якто мурғ дар бозор 15 000 сӯм бошад, мавридҳои зеринро муайян кунед:

а) даромади иловагӣ аз ҳисоби фурӯши гӯшт;

б) ҷамъи даромади соф, ки мумкин аст дар тӯли 2 сол ба даст ояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 10 ТАДБИРКОРИИ ҶАВОНОН





## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Тадбиркорони дар суратҳо омадаро аз рӯйи синну сол ҷудо кунед. Синну соли тадбиркор чӣ гуна метавонад ба фаъолияти ӯ таъсир гузорад?
2. Оё лозим аст давлат ба тадбиркорони ҷавон алоҳида ғамхорӣ намояд? Фикри худро бо далелҳо исбот намоед.
3. Оё медонед барои пуштибонии тадбиркорон чӣ гуна чораю тадбирҳо аз ҷониби давлат амалӣ мегардад?

## АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ ТАДБИРКОРИИ ҶАВОНОН

Ҳар як шаҳрванде, ки истеъдоди муомила кардан дорад, новобаста аз синну солаш, метавонад бо фаъолияти тадбиркорӣ машғул шавад. Бо ин ҳол, то имкон ҳаст давлат саъй мекунад ҷавононро ба шуғли тадбиркорӣ тарғиб ва пуштибонӣ намояд. Зеро ки маҳз ҷавонон дар ҷомеа инсонҳое ҳастанд дорои нерӯ ва ғайрати баланд, серҳаракат ва касони фаъоле, ки ҳар гуна ҳодисаи навро тез қабул карда, азхуд менамоянд. Ҷалб кардани ҷавонон ба тадбиркорӣ дар кишварамон боиси пешрафти тадбиркорӣ, таъмини шуғлварзии ҷавонон, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ мегардад. Ҳамчунин, васеъ кардани доираи тадбиркорони ҷавон ба пешрафти инноватсионии иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Ва ин ҳол тақозо менамояд, ки авлоди тадбиркори ҷавон, лаёқатманд ва дорои фикри тоза ташаккул ёбад.

**Тадбиркории ҷавонон** – ҷараёни ба амал овардани фаъолияти тадбиркории шахсии аз 18-сола то 35-сола дар кишвар.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ЧОРАЮ ТАДБИРҲОИ АЛОҚАМАНД БО ПЕШРАФТИ ТАДБИРКОРИИ ҶАВОНОН

Дастури Президент «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагӣ доир ба ҷалб намудани хатмкунандагони муассисаҳои омӯзишӣ ба фаъолияти тадбиркорӣ» ва қарори сарвари мамлакат «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагии амалӣ кардани сиёсати давлатии Республикаи Ӯзбекистон доир ба ҷавонон» дар пешрафти тадбиркории ҷавонон нақши муҳим дорад.

Ба хотири васеъ намудани доираи тадбиркорӣ маҷмӯи чораю тадбирҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

– оммавӣ кардани фаъолияти тадбиркорӣ дар байни ҷавонон;
– ба тарзи оммавӣ ҷалб намудани онҳо ба шуғли тадбиркорӣ;
– ташаккул додани маҳорати ташкили бизнес;
– бо маблағ таъмин кардани ғояҳои бизнесӣ;
– ҳамаҷониба ёрӣ расондан барои пешбурди фаъолият дар бозор.

## КЛАСТЕРҲОИ ТАДБИРКОРИИ ҶАВОНОН

16 октябри соли 2017 қарори Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи чораю тадбирҳои ташкили кластерҳои тадбиркории ҷавонон» қабул гардид. Гурӯҳҳое, ки дар иқтисодиёт фаъолияти ба ҳамдигар алоқаманд доранд, масалан, дар расонидани ашёи хом ва ҷинсҳо, додани хадамоти зербанои ва ё дар як ҳудуди муайян ҷамъ шудани гурӯҳҳо аз муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар созмонҳо кластер номида мешавад. Барпо ёфтани кластерҳо боиси беҳтар шудани натиҷаи фаъолияти созмонҳои мазкур ва афзоиши рақобати байни онҳо мегардад.

**Кластер** – гурӯҳи созмонҳои ба ҳамдигар алоқаманд, ки дар як ҳудуди муайян ҷамъ омадаанд.

**Кластери тадбиркории ҷавонон** – гурӯҳи созмонҳои ба ҳамдигар алоқаманд, ки бо додани хидматҳои имтиёзӣ ва таъмини шароити зарурӣ ба ташкил додан ва амалӣ кардани фаъолияти тадбиркории ҷавонон мусоидат мекунанд.

Кластерҳои тадбиркории ҷавонон дар маркази ноҳияву шаҳрҳо барпо мешаванд ва шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Раҳбарии фаъолияти



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

онҳо ба зиммаи Шӯроҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии Иттиҳоди ҷавонони Ӯзбекистон вогузор шудааст.

Майдонҳои истеҳсолии воқеъбуда дар кластерҳо танҳо ба тадбиркорони ҷавоне, ки узви Иттиҳоди ҷавонони Ӯзбекистон ҳастанд, ба муддати то ба по хестани корхонааш, вале ба муддати на бештар аз 5 сол, бо қимати иҷоравии баробар бо «сифр» дода мешавад.

Кластерҳо ба тарзи махсус ба сифати бизнес-инкубатор кор карда, ба ҷавонон дар гузарондани курсҳои омӯзишии марбут бо тадбиркории ҷавонон ёрӣ мерасонанд. Ба таври доимӣ хадамотеро ҷиҳати омодасозии санадҳо ва додани маслиҳатҳои амалӣ барои пешбурди фаъолияти тадбиркорӣ анҷом медиҳанд.

> **Бизнес-инкубатор** – созмоне, ки бо ҷонибдории тадбиркорони ҷавон аз эҷод ва таҳияи ғояи бизнесӣ сар карда то амалӣ кардани он – дар тамоми марҳилаҳо машғул мешавад.

Дар мақомҳои кории персонали воҳидҳои тадбиркорӣ, ки дар кластерҳо қарор доранд, барои машғул шудан бо кор саҳми афроди то 35-сола набояд аз 70 фоиз кам бошад.

## МАНБАЪҲОИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ КЛАСТЕРҲО

Манбаъҳои молиявии фаъолияти кластерҳо ба шарҳи зер аст:

– даромаде, ки бо расондани хидматҳои пулӣ ба ширкаткунандаи кластер дарёфт мешавад;

– даромаде, ки аз пардохтҳои мавриди истифодаи ширкаткунандаи кластер ба даст меояд;

– дигар манбаъҳое, ки мухолифи санадҳои қонунӣ намебошад.

## ИН ШАВҚОВАР...

> Дар штати Пенсилванияи ШМА як духтари 13-сола бо исми Неҳа Гупта ҳанӯз дар синни нӯҳсолагӣ лоиҳаи худро тахти мавзӯи «Empower Orphans» ҷорӣ мекунад. Аз он дам инҷониб ӯ бо ёрии лоиҳаи ғайритиҷории худ барои бачаҳои бепарастори Ҳиндустон тавонистааст 30 ҳазор доллар ҷамъоварӣ намояд. Созмони таъсисдодаи духтар барги табрик (откритка)ҳои бо меҳнати дастӣ сохташударо ба фурӯш мебаровардааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ҳоли ҳозир духтар аҳд кардааст боз 20 ҳазор доллар дарёфт намояд. Вале, бо ин ҳам ӯ кори худро қатъ карданӣ нест. Неҳа меҳоҳад дар оянда аз маҳалли хайрия маснади худро таъйин намуда, ба мақсадҳои худ бирасад.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Нахустин нишонаҳои бизнес-инкубатор дар миёнаҳои асри XX дар Британияи Кабир пайдо шудааст. Аввалин бизнес-инкубатор бо мафҳуми имрӯза дар соли 1959 асос меёбад. Жозеф Манкосо анборхонаи як фабрикаи воқеъ дар шаҳри Батавияро харида, дар Амрико ба якумин инкубатор бо номи «Bata-viaIndustrial Center» поягузорӣ мекунад. Мақсади ӯ иборат аз он буд, ки шаҳри ба мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯшударо бо ҷойҳои нави корӣ таъмин намояд.

Агар то соли 1985 дар тамоми ҷаҳон наздики 70 воҳид бизнес-инкубатор фаъолият карда бошад, дар соли 1992 миқдори онҳо ба 470-то ва соли 1995 ба 1100 воҳид мерасад. Он ҳама бизнес-инкубаторҳо дар як Созмони миллӣ муттаҳид мешаванд. Аз ҳама бештар бизнес-инкубаторҳо дар ИМА ташкил ёфтаанд, ки сабаби ин пешрафти иқтисодиёти шаҳру минтақаҳо, тарғиби фаъолияти инноватсионӣ дар донишгоҳҳо ва фаъол шудани тадбиркорӣ, ҳамчунин, зарурати эҷоди шароити мусоид барои сармоягузорони хусусӣ мебошад.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Аҳамият ва зарурати тадбиркории ҷавонон аз чӣ иборат аст?
2. Мафҳуми «васеъ кардани доираи тадбиркорони ҷавон ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад»чӣ маъно дорад?
3. Дар кишвари мо ба хотири рушди тадбиркории ҷавонон чӣ гуна чораю тадбирҳо амалӣ мешавад?
4. Мафҳум ва моҳияти кластерҳои қитисодӣ аз чӣ иборат аст?
5. Чаро дар кластер натиҷаи фаъолият аз ҳама муҳим ва болотар аст?
6. Кластери тадбиркории ҷавонон чӣ маъно дорад?
7. Кластерҳои тадбиркории ҷавонон чӣ гуна созмон меёбад?
8. Фаъолияти кластери тадбиркории ҷавонон аз чиҳо иборат аст?
9. Бизнес-инкубатор чист?
10. Дар бораи манбаъҳои молиявии фаъолияти кластери тадбиркории ҷавонон маълумот диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ II ТАШКИЛ ДОДАНИ ТАДБИРКОРӢ

## МАВЗӮИ 11 ТАРТИБ ДОДАНИ БИЗНЕС-ПЛАН

### БИЗНЕС-ПЛАН

Аз мавзӯъҳои пешина маълум шуд, ки фаъолияти тадбиркорӣ то ҷое ба шакли таваккал ё бо риск сурат мегирад. Аз ин рӯ, тадбиркор пеш аз он ки қароре қабул намояд, масалан, барои гирифтани кредит аз бонк, харидани лавозиму дастгоҳ ё ягон заминаи моддӣ, бояд ҳамаҷониба ва пухта фикр кунад ва ҳисобу китоби муайянро анҷом диҳад. Маъмулан, ин гуна ҳисобу китоб, ҷараёни пайи ҳам амалисозии чораю тадбирҳои маълум, ба нақша гирифтани бизнес ном дорад. Ва он санаде, ки моҳияти ташкилӣ-иқтисодӣ дорад ва дар ниҳояти ба нақша гирифтани бизнес омода мешавад, бизнес-план ном дорад.

**Бизнес-план** – як навъ ҳуҷҷати ташкилӣ-иқтисодӣ, ки дар он ҷиҳатҳои муҳиме қабл аз оғози фаъолияти тадбиркорӣ, аз қабили, моҳият ва давраи фаъолият, хароҷоти эҳтимолӣ, даромади мавриди назар баён мешаванд.

Корҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки бизнес-план барои ҳар гуна фаъолияти тадбиркорӣ хеле муҳим ва зарур аст. Агар тадбиркор фаъолияти худро бе бизнес-план шурӯъ кунад, мумкин аст ба мақсади ниҳоии худ комёб нашавад. Ин ҳуҷҷат ба унвони харитаи фаъолияти тадбиркорӣ дониста шуда, мақсад ва роҳҳати дақиқ ва марҳилаҳои асосии онро нишон медиҳад. Пас аз оғози фаъолияти тадбиркорӣ ҳар гуна натиҷаи ба даст омада бо бизнес-план ба таври қиёс санҷида мешавад ва муаммоҳои мавҷуд мушаххас мегардад. Дар акси ҳол, раҳбарии фаъолияти тадбиркорӣ мушкил мешавад.

Тартиб додани бизнес-план аз таҳиягарони он дониши амиқ, доштани маълумот доир ба фаъолият, ошноӣ бо технологияҳои нав ва бозорро тақозо мекунад. Ҳангоми таҳияи бизнес-план ба эътибор на-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гирифтани тамоми ҷиҳатҳо ва ё пинҳон кардани баъзе каму костиҳо боиси печидагии ҳисобу китобҳои баъдӣ мешавад. Ва ин гуна ҳолат ба коҳиши фаъолияти корхона ё таъсири манфӣ расондан ба раванди кори он замина муҳайё месозад. Бо ин сабаб, ҳангоми таҳияи бизнес-план лозим аст аз дониш ва хидмати коршиносони ботаҷриба, ба монанди ҳуқуқшинос, иқтисоддон, ҳисобдор, технологҳо истифода гардад.

## ВАЗИФАИ БИЗНЕС-ПЛАН

Бизнес-план бо таваҷҷӯҳ ба моҳияти худ се вазифаи муҳимро ба сомон мерасонад:

якум, мақсад ва вазифаҳои асосии корхона, фирма ё ширкатҳо ва ҳамзамон, аъзои ҷамоаҳоро таъйин мекунад;

дуюм, ҳамчун ҳуҷҷати эътирофшуда дар шакли барномаи амалии идея ва ё лоиҳаи аввалӣ дар хусуси ҳисобу китоб, хароҷотҳо, самтҳои асосии ташкилу роҳандозии бизнес маълумот медиҳад;

сеюм, вазифаи алоқаманд бо молиягузории фаъолият, истифодаи кредитҳо, бар замми ин, ҷалб намудани шарикони сармоядорро ба ҳамкорӣ анҷом медиҳад.

## ТАРТИБ ДОДАНИ БИЗНЕС-ПЛАН ВА ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ ОН

Ҳар як тадбиркор фаъолият ва манбаъҳои молиявии худро ба инобат гирифта, барои худ бизнес-план тартиб медиҳад. Аз ин рӯ, бизнес плане, ки барои ҳама мувофиқ ояд, вуҷуд надорад. Агар шумо бихоҳед, ки бар асоси ягон идеяи бизнесӣ бизнес-план таҳия намоед, лозим аст қисмҳои таркибии онро ба шарҳи зер тартиб диҳед.

| Қисм | Мавзӯъ |
|---|---|
| 1 | Шарҳи собиқаи корӣ (резюме) |
| 2 | Ғояи лоиҳаи пешниҳодӣ (мафҳум ва моҳияти он) |
| 2.1 | Маълумот ва шароити умумии ибтидоӣ |
| 2.2 | Таърифи намунаи моли нав |
| 2.3 | Арзёбии собиқаи фаъолияти тадбиркорӣ |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | |
|---|---|
| **3** | Арзёбии бозорҳои фурӯши маҳсулот |
| 3.1 | Таърифи истеъмолгарони моли нав |
| 3.2 | Арзёбии шахсҳои рақобаткунанда |
| 3.3 | Арзёбии ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи худ дар нисбати шахсҳои рақобаткунанда |
| **4** | Барномаи маркетинг (бозорёбӣ) |
| 4.1 | Мақсадҳои маркетинг |
| 4.2 | Ҳунари пешбарии (стратегия) маркетинг |
| 4.3 | Таъмини молиявии барномаи маркетинг |
| **5** | Барномаи истеҳсолӣ |
| 5.1 | Истеҳсолкунандаи моли нав |
| 5.2 | Зарфияти истеҳсолии мавриди талаб ва мавҷуд будани он |
| 5.3 | Омилҳои моддии истеҳсолот |
| 5.4 | Таърифи ҷараёни истеҳсолӣ |
| **6** | Барномаи ташкилӣ |
| 6.1 | Шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхона |
| 6.2 | Сохтори ташкилии корхона |
| 6.3 | Тақсими маҷбурият |
| 6.4 | Маълумот дар бораи ҳамкорон |
| 6.5 | Таърифи муҳити берунаи бизнес |
| 6.6 | Захираҳои кории корхона |
| 6.7 | Маълумот дар бораи аъзои раёсат |
| **7** | Барномаи молиявӣ |
| 7.1 | Барномаи даромад ва хароҷот |
| 7.2 | Барномаи дарёфтҳо ва пардохтҳои пулӣ |
| 7.3 | Балански иловагии фаъол ва ғайрифаъоли корхона |
| 7.4 | Барномаи замонбандии ҷилавгирӣ аз зарару зиён |
| 7.5 | Стратегияи корҳои молиявӣ (манбаъҳои пулӣ ва харҷи он) |
| 7.6 | Арзёбии корҳои таваккал ва суғурта (бима) |
| **8** | Иловаҳо |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ОЁ МЕДОНЕД?

Дар ҳоли ҳозир дар кишвари мо барои тартиб додани бизнес-планҳо марказ ва сохторҳои машваратӣ ва ёрирасон фаъолият мекунанд, ки кори онҳо ба тарғиб намудани фаъолияти тадбиркорӣ ва пуштибонӣ аз тадбиркорӣ нигаронида шудааст. Ҳамчунин, метавонед аз тариқи сайтҳои интернетӣ дар хусуси бизнес-план маълумоти умумӣ пайдо намуда, бо тартибу қоидаҳои амалӣ кардани он ошно шавед ва ҳатто имкон доред бизнес-плани омодаро харид намоед. Баъзе сайтҳои интернетиро дар зер меорем:

https://elmadad.uz/ideas

http://biznestrener.uz/yosh-tabirkor/50-biznes-rezha-kanday-tuziladi.htmlhttp://pba.uz/

http://bizplan.uz/useful_info/samples_bizplan/1049/http://bizart.uz/biznes-rezha-u-%D2%9Bandaj-tuziladi/

http://www.uzex.uz/uz-latn/pages/Business-plan?AspxAutoDetectCookieSupport=1http://uzbekiston.site/cr/biznes-rejalar/

Дар тартиб додани бизнес-план мумкин аст аз ёрии коршиносон истифода кард. Корхона ва муассисаҳои зиёде ҳастанд, ки дар муҳтавои фаъолияти худ барои таҳияи бизнес-план хидматҳоеро аз қабили додани машваратҳои муфид анҷом медиҳанд.Гузашта аз ин, сайтҳои электроние низ мавҷуд аст, ки дар таҳияи бизнес-план ёрӣ мерасонанд. Яке аз чунин торнамоҳо «Professional Business Advisers» (http://pba.uz) ба шумор меравад.

Дар ин саҳифа ҳамчунин феҳристи санадҳои лозим барои тартиб додани бизнес-план, қимати хидматҳо барои таҳияи бизнес-план ва суроғаҳои мурочиатӣ оварда шудааст.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Барномарезӣ кардани бизнес барои чӣ зарур аст?
2. Бинес-план чист?
3. Аҳамияти бизнес-план аз чӣ иборат аст?
4. Барои тартиб додани бизнес-план чӣ гуна таҷриба лозим аст?
5. Кадом вазифаҳои бизнес-планро медонед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 12

# БИЗНЕС-ЛОИҲА ВА СТАРТАПҲО

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Дар суратҳои боло нишони тиҷоратии кадом ширкатҳо акс ёфтааст?
2. Ҷиҳатҳои умумии фаъолияти ширкатҳои мазкур аз чӣ иборат аст?
3. Дар хусуси таърихи таъсисёбӣ ва муваффақияти ин ширкатҳо чиҳоро медонед?

## БИЗНЕС-ЛОИҲА

Дар мавзӯи аввал дар бораи барномарезии бизнес ва бизнес-план маълумот ҳосил карда будем. Боз як ҳуҷҷати ташкилӣ-иқтисодӣ мавҷуд аст, ки аз рӯйи моҳияти худ ба бизнес-план қаробат дорад, лекин аз ҷиҳати фарогирӣ хеле васеътар мебошад. Ин бизнес-лоиҳа аст.

**Бизнес-лоиҳа** – ҳуҷҷате, ки тамоми чораю тадбирҳои алоқаманд бо амалӣ сохтани ғояҳои муайяни бизнесро фаро мегирад ва ба самаранокӣ асос ёфтааст. Бизнес-лоиҳа таъйин мекунад, ки ба ин ё он лоиҳа ҷудо кардани маблағ ба мақсад мувофиқ аст ё не.

Бизнес-план барои амалӣ сохтани ягон ғояи муайян ё иқдоми вобаста ба бизнес мутобиқи мақсад будани ихтисоси пул ё захираҳои дигарро асоснок мекунад. Аммо, дар фаъолияти тадбиркорӣ муҳим он аст, ки тамоми ҷиҳатҳояш барномарезӣ шавад.

Маъмулан, бизнес-лоиҳа асоснок кардани вазифаҳоро дар микёси бештар (тиҷоратӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) фаро мегирад ва бизнес-план аз қисмҳои таркибии он ба шумор меравад.

Бизнес-лоиҳа бо мақсади дарёфти фоидаи иқтисодӣ ё даромад маҷмӯи мураккаби чораю тадбирҳоеро фаро мегирад, ки ба фароҳам овардани маҳсулоти нав ва хидматҳо, ба замонавӣ кардан ва навсозии хатҳои истеҳсолии мавҷуд равона шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ БИЗНЕС ЛОИҲА

Вазифаҳои асосии бизнес-лоиҳа чунин аст:

– муайян кардани талабҳои зарурӣ барои маҳсулоте, ки истеҳсоли он ба нақша гирифта шудааст;

– муайян кардани ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;

– арзёбии нишондодҳои фоида ва даромаднокии лоиҳае, ки бояд дар амал татбиқ шавад.

## СТАРТАП ЧИСТ?

Яке аз лоиҳаҳои бизнесӣ стартап аст. Дар ҳоли ҳозир машҳуртарин стартапҳое, ки дар ҷаҳон бо муваффақият фаъолият доранд, «Hewlett-Packard» (асосгузорони он – Девид Паккард ва Уилям Хюлетт), «Microsoft» (асосгузорони он – Билл Гейтс ва Пол Аллен), «Apple Computer inc.» (асосгузорони он – Стив Ҷобс ва Стив Возняк), «Google» (асосгузорони он – Ларри Пейҷ ва Сергей Брин) мебошанд.

**Стартап** (англ. *startup company, startup* – ширкати навташкил) – ширкат, фирмаи навкор ё бизнес-лоиҳаи наве, ки фаъолияти худро дар асоси ғояҳои инноватсионӣ ё технологияҳо ташкил додааст.

Яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани стартапҳо ва рушди бомуваффақияту давомдории фаъолияти онҳо ба камҳаракатӣ ва сусткории корпоратсияҳои бузург вобастагӣ дорад. Чаро ки ширкатҳои калон бо тавлиди маҳсулоти ба роҳ мондаи худ овора шуда, бо истеҳсоли маҳсулоти тозатар машғул намешаванд. Дар офаридани стартап ғояи нав захираи асосӣ ба ҳисоб меравад. Омили муваффақияти ин ғоя фоиданокии он аст. Ба комёбии стартап синну соли таъсисдиҳандагонаш, таваҷҷӯҳи онҳо ба ғоя ва кор ва меҳнати пурмашаққат низ таъсир мегузорад.

Норасоии маблағ дар амалӣ шудани лоиҳа ва ҳам ҳолати ҳанӯз ноустувори ширкат дар бозор аз ҷиҳатҳои нави стартап ба шумор меравад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАНБАЪҲОИ МОЛИЯВИИ СТАРТАП

Манбаъҳои молиявии стартап метавонад ба шарҳи зер бошад:
– бизнес-ангелҳо (фариштагони касбу кор);
– венчур-фондҳо (сандуқҳои сармоягузории хатарпазир);
– ошноён ва хешовандон.

**Бизнес-ангелҳо** (англ. *angel, business angel, angel investor* ва ғайра) – сармоягузорони хусусие, ки барои бизнес, маъмулан, дар марҳилаи ташаккулёбии ғоя сармоя ворид мекунанд. Онҳо ба кори ширкат дахолат намекунанд ва ҳатто бозгардонидани маблағҳоеро, ки худашон додаанд, ба зудӣ дархост наменамоянд. Сармояе, ки ба стартапи ширкат гузошта шудааст, манбаи асосии даромади бизнес-ангелҳо намебошад. Ба ин минвол, мақсади онҳо дар давраи тӯлонимуддат гирифтани фоида аст.

**Венчур-фондҳо аз** бизнес-ангелҳо бо он фарқ мекунанд, ки ба стартапҳо аз маҳалли амонатдорони худ (ширкатҳои суғурта, бунёди нафақа, ашхоси хусусӣ) сармоягузорӣ мекунанд. Ширкат варзидани онҳо дар сармоягузории лоиҳаҳо рискҳои баланд ё миёна дорад, аммо микдори дарёфти даромад низ баланд хоҳад буд.

## ҶУСТУҶӮЙИ САРМОЯГУЗОР БАРОИ СТАРТАП

Яке аз усули самарбахши ҷустуҷӯйи сармоягузор барои лоиҳаи стартап «Networking» аст.

**«Networking»** – ба маънии ширкат варзидан дар анҷумани конфронсҳои шабакаҳо, озмунҳои стартап, сармоягузории венчурӣ мебошад.

Дар ин гуна тадбирҳо ҳамроҳ бо чандин ширкате, ки хоҳиши ба даст даровардани манбаъҳои молиявиро доранд, сармоягузорони оянда низ ширкат меварзанд.

Барои ҷалб кардани сармоягузор ба стартапи ширкат анҷуманҳои дахлдор ва нашр кардани эълон дар сайтҳо ёрии калон мерасонад. Ҳамчунин, биржаҳои (бурсҳои) стартап ва созмонҳои молиявии стартапҳо мавҷуд аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ СТАРТАПҲО

Стартапҳо аз чанд марҳилаи рушд мегузаранд.

**Марҳилаи «Pre-startup»** – даврае аст, ки аз пайдо шудани ғоя то замони ба бозор баровардани мол давом мекунад.

**Марҳилаи «Pre-seed»** – даврае аст, ки дар он ғоя ташаккул ёфта, моли мавриди ниёзи истеъмолгар дақиқан маълум мешавад. Аммо ҳанӯз тасаввури дақиқ дар хусуси ба кор бурдани ҷиҳати технологӣ барои амалисозии ғоя вуҷуд надорад.

**Марҳилаи «Seed»** – давраест, ки дар он бозорёбӣ сурат мегирад, барномаи стартап таҳия мешавад, дархости фаннӣ таҳия ва амалӣ мегардад, намунаи мол офарида мешавад ва аз тест мегузарад, сармоягузорони нахустин ҷустуҷӯ шуда, ба дар амал татбиқ намудани лоиҳа омодагӣ дида мешавад.

**Марҳилаи «Startup»** – давраест, ки дар он лоиҳа роҳандозӣ мешавад ва амалкарди ибтидоии он оғоз меёбад. Ин давра аз ду марҳила иборат аст:

**Марҳилаи нашъунамо** – стартап дар бозор ҳолати барқарорро соҳиб мешавад ва ҳаракатҳои боваринок барои расидан ба марраи нишондодашуда дар марҳилаи таҳияи бизнес-план сурат мегирад.

**Марҳилаи васеъшавӣ** – стартап мақсадҳои нахустини бизнес-планро дар бозор амалӣ сохта, барои ба ба бозорҳои дигар соҳиб шудан ҳудуди худро васеъ мекунад.

**Марҳилаи баромадан** – ба таври комил ё ҷузъан аз бизнес баромадани бизнес-ангел ва сармоягузорони венчурӣ, ки дар мусоидати молии стартапҳо ширкат кардаанд. Хориҷ шудан аз бизнес дар шаклҳои зерин метавонад сурат гирад:

– фурӯхтани фирма ба сармоягузорони пешбар (стратегӣ);
– ҷой додани саҳмия (аксия)ҳои ширкат ба биржа (бурс);
– мустақиман фурӯхтани аксияҳои ширкат ба бунёдҳои сармоягузорӣ;
– бохдоштани фаъолияти бизнесӣ ва муфлисшавии корхона.



### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Бизнес-лоиҳа чист?
2. Тафовути бинес-лоиҳа аз бизнес-план дар чист?
3. Вазифаҳои асосии бизнес-лоиҳа аз чӣ иборат аст?
4. Стартап чист? Он ба бизнес-лоиҳа чӣ гуна робита дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 13 ҲУЧҶАТҲОИ ТАЪСИСИ КОРХОНА

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Аломатҳои мол, ки дар боло оварда шудааст, ба компанияҳои кадом сохтор дахл дорад?
2. Аломатҳои моли дар расм ифодашударо дар кадом маҳсулот дидаед?
3. Кадом брендҳои дар Ӯзбекистон вуҷуддоштаро медонед?

## ҲУЧҶАТҲОИ ТАЪСИС

Ташкили фаъолияти корхона аз кор карда баромадани устав, шартномаи таъсис барин ҳуҷҷатҳои таъсис, сар мешавад. Тайёр кардани ин гуна ҳуҷҷатҳо аз соҳибони корхона масъулияти калон талаб мекунад. Зеро фаъолияти корие, ки ташкил карда мешавад, дар асоси ҳамин ҳуҷҷатҳо ба амал мебарояд.

Шахси юридикӣ дар асоси устав, ё шартномаи таъсис ва устав ва ё фақат дар асоси шартномаи таъсис кор мебарад.
Шартномаи таъсиси шахси юридикӣ аз тарафи муассисонаш тартиб дода мешавад, устав тасдиқ карда мешавад.

***Кодекси Шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 43***

## УСТАВИ КОРХОНА

Устави корхона хуҷҷатест, ки тартибу шартҳои фаъолият нишон додани корхонаро муайян мекунад. Корхона фаъолияти худро дар асоси қоидаҳои дар уставнишондодашуда ба роҳ мемонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Одатан, дар устави корхона маълумоти зерин муайян мегардад:
– шакли ташкили хуқуқии корхона:
– номи он:
– манзиле, ки ҷойгир шудааст.
– фонд, ҳаҷм ва таркиби устав.
– тартиби ба шакл даровардани устав.
– тартиби тақсими фоида.
– тартиб ва шартҳои аз нав ташкил кардани корхона ва ё бастани он.

Ҳангоми муайян кардани фонди устави ташкилот мавҷуд будани миқдорҳои ҳадди ақал барои баъзе ташкилотҳо ба ҳисоб бояд гирифт.

> **Фонди устав** – маблағи молию пуллиест, китаъсисчиён ва ё ташкилкунандагони компания ва ҷамияти хоҷагидорӣ аз рӯзи аввал ва ҳамчун ҳиссаи доимӣ гузоштаанд.

Дар Ӯзбекистон дар ҳолати шакли ташкилию ҳуқуқии корхона аз маълумоти зерин миқдори ҳадди ақали фонди уставро муайян карда метавонем.

| Шакли ташкилӣ | Миқдори ҳадди ақали фонди устав |
|---|---|
| Ҷамияти саҳҳомӣ (аксиядорӣ) | 1 600 000 000 сӯм |
| Ҷамияти масъулияташ маҳдуд | 40 баробари ҳадди ақали музди меҳнат |
| Корхонаи оилавӣ | 10 баробар ҳадди ақали музди меҳнат |
| Корхонаи хусусӣ | гузошта нашудааст |

## ШАРТНОМАИ ТАЪСИСИ КОРХОНА

Ҳангоми ташкили корхона ба иштироки ду ё зиёда шахсон бояд байни худашон хуқуқ ва ӯҳдадориҳояшонро маслиҳат намоянд. Ин гуна маслиҳат ва шартгузорӣ дар асоси шартномаи таъсис ба расмият медароянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Шартномаи таъсис** – ҳуҷҷати юридикиест, ки муассисон ҳангоми ташкили корхона ба ҳам маслиҳат карда ба як қарор омадаанд.

> Дар шартномаи таъсис тарафҳо (муассисон) ӯҳдадории ташкили он шахси юридикиро ба зимма мегиранд, барои ташкили он тартиби якҷоя фаъолият нишон додан ба он додани молу мулкашон ва шартҳои дар фаъолияти он иштирок кардаро муайян мекунанд. Дар шартнома тақсими фоида ва зарар миёни иштирокчиён, идора кардани шахси юридикӣ, тартиби аз таркиби корхона баромадани муассисон низ муайян карда мешавад. Дар шартномаи таъсис мувофиқи ҳамфикрии муассисон шарт ва тартиби аз таркиби он баромадан ҳам муайян мегардад. Мувофиқи ҳамфикрии муассисон ба шартномаи таъсис метавонанд, ки шартҳои дигарро ҳам дохил кунанд.
>
> ***Моддаи 43-юми Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон***

## ЛОГОТИП ВА НИШОНИ ФИРМА

Шумо мехоҳед, ки корхонаи Шумо миёни мардум машҳур гардад, пас зарур аст, ки номи фирмаро ба воситаи аломатҳои графикии гуногун, эмблема ва ё тасвирҳо, ба дараҷае, ки дар хотир мемонад ва ё шинохта мешавад, таъмин кунед. Ин ҷо аз лиготип аз нишони фирма истифода бурда мешавад. Дар аксар ҳолатҳо логотип ба нишони фирма дар як маъно истифода мегардад.

| Ном | Мазмуни мухтасар | Намуна |
|---|---|---|
| Логотип | Калимаи юнонии «logos» – сухан, «турос» – нақш ё тамғаро мефаҳмонад, ки шакли ба услуби махсус ифода ёфта, номи кӯтоҳшудаи фирма | ASAKA BANK |
| Нишони фирма | Нишони ноёби тасвирӣ, ки одатан бо номи фирма дар як радиф меистад ё худ алоҳида истифода мешавад | Keng Makon MEBELLAR FABRIKASI; OZAK O'zbekiston Center of Accreditation |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## НИШОНИ МАҲСУЛОТ

Шумо, то ки маҳсулоти истеҳсолкарда ё хизмати нишондодаатон аз дигарон фарқ кунад, бояд аз нишони маҳсулот, маркаи савдо, аломати хизматрасонӣ барин нишонҳои махсус истифода баред. Агар нишонҳои мазкур ба истеъмолгарон ба таври васеъ манзур гардида, қисми асосии бозорро забт кунад, ин ҳолат бренд номида мешавад.

| Ном | Мазмуни мухтасар | Намуна |
|---|---|---|
| Нишони маҳсулот | Нишони маҳсулоти истеҳсолшударо аз дигарон фарқкунанда ва аз руйхат гузаронидашуда | |
| Маркази савдо | Trademark – (маркаи савдо, нишони савдо, маркаи маҳсулот) ин ҳам маънои нишони маҳсулотро дорад | |
| Нишони хизматрасонӣ | Servise mark-аломате, ки мазмунан маънои нишони маҳсулотро дорад, вале хусусиятҳои хос ва ҷиҳатҳои онро ифода мекунад. | |
| Бренд | Бренд-маркаи савдое, ки ба истеъмолчиён ба таври васеъ шинос аст ва қисми асосии бозорро забт кардааст | |

## СЛОГАН ВА НИШОНҲОИ ОГОҲКУНАНДА

Slogan – ин намуди алоҳида ва хеле муҳими реклама аст. Слоганҳо формулаи зуд дар хотир накш банданда аст, ки барои дар хотири истеъмолчиёни компания нигоҳ дошта шудани молҳо ёрӣ мерасонад. Дар шароити имрӯза, ки рақобат авҷ мегирад, тадбиркорон аломати моли худро аз руйхат гузаронида аз истифодаи дигарон муҳофизат мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ин гуна вазъият аломатҳои огоҳкунандаи ба рӯйхатгирифта шудаи маҳсулот (масалан, ® ва TM) истифода мешавад.

| Ном | Мазмуни мухтасар | Намуна |
|---|---|---|
| Слоган | Калимаи ангисии to slog» маънои бо қувва заданро мефаҳмонад, формулаи рекламавии дар шакли афоризм буда зуд дар хотир монанда | Билайн<br>Ҷониби пурнури ҳаёт бош! |
| Нишонҳои огоҳкунанда:<br>® ва TM | Ишораи махсус оиди ба рӯйхат гирифта шудани нишони маҳсулот. Масалан:<br>1) пайвасти ҳарфҳо:<br>«TM» – траде марк;<br>«SM» – сервисе марк;<br>«R» ёки ® – нишони мащсулот;<br>2) калимаҳо:<br>«Trademark»;<br>«Regictered Trademark»;<br>«Marque deposee»;<br>«Marca registrada» | TM ®<br>© SM |

**ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!**

1. Ба ҳуҷҷатҳои таъсиси корхона чиҳо дохил мешаванд?
2. Дар устави корхона чи гуна маълумотҳо ҷой доранд?
3. Фонди устав чист?
4. Шартномаи таъсиси корхона чист? Дар он кадом масъалаҳо акс ёфтанд?
5. Нишони маҳсулот чист? Кадоме аз нишони маҳсулоти Ӯзбекистонро медонед?
6. Маркази савдо барои чӣ хизмат мекунад?
7. Логотип аз нишони фирма чӣ фарқ дорад? Кадоме аз логотипҳоро медонед?
8. Чанде аз слоганҳои медонистаатонро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**МАВЗӮИ 14**

## АЗ РӮЙИХАТИ ДАВЛАТ ГУЗАРОНИДАНИ ТАДБИРКОРОН

... Ба тадбиркорон дар ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ёрӣ расонидан, дар идораҳои давлатӣ вакилӣ кардан, то расидан ба суд ҳал намудани низоҳо, нишон додани хизматҳои юридикӣ оид ба ҳуқуқи меҳнат, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ барин хизматҳо мадад намудан даркор.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***







### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Идораҳое ки дар суратҳои болоӣ акс ёфтаанд, кадом хизматҳои давлатиро иҷро мекунанд?
2. Дар кадом идораҳо хизматрасонии давлатӣ ба тарзи умумӣ нишон дода мешавад? Чаро?
3. Дар кадоме аз хизматрасониҳои давлатӣ барои тадбиркорон эҳтиёҷ пайдо шуда метавонад?

## АЗ РӮЙИХАТИ ДАВЛАТ ГУЗАРОНИДАНИ ТАДБИРКОРОН

Дар мавзӯҳои гузашта Шумо бо шаклҳои ташкилиҳоии ҳуқуқии фаъолияти тадбиркорӣ ошно гардидед. Акнун барои худатон шакли аз ҳама мувофиқи фаъолияти тадбиркориро интихоб намуда, чораёни аз рӯйихати давлатӣ гузаронидани онро дида мебароем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шаҳрванд пас аз он ки ба сифати тадбиркорӣ якка аз рӯйихат гузашт, ҳақ дорад, ки ба фаъолияти тадбиркорӣ машғул шавад.

***Моддаи 24-уми Кодекси Шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон***

Шахси юридикӣ чуноне, ки дар ҳуҷҷатҳои қонун нишон дода шудааст, бояд аз руйхати давлатӣ гузарад. Барои он, ки ҳама бохабар шаванд маълумоти доир ба аз руйхати давлатӣ гузаштан дар реестри кушоди ягонаи давлатӣ доир ба шахсони юридикӣ дохил карда мешавад.

***Моддаи 44-уми Кодекси Шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон***

Дар Ӯзбекистон аз 1-апрели соли 2017 сар карда, тартиби нави аз рӯйихат гузаштани субъектҳои давлатӣ амал мекунад. Мувофиқи қарор аз руйхат гузаронидани субъектҳои давлатӣ аз рӯйи тамоили **«Даричаи ягона» аз тарафи марказҳои ягонаи хизматҳои давлатӣ** ба амал бароварда мешавад.

**Тамоили «Даричаи ягона»** – бо роҳи мурочиат кардани аҳолӣ ба корхонаҳо ба идораҳои махсус аз хизматҳои гуногуни давлатӣ истифода кардан.

Пас барои аз руйхати давлат гузаронидани фаолияти тадбиркорӣ дар навбати аввал ба марказҳои «Даричаи ягона» мурочиат намудан талаб карда мешавад.

**Маркази «Даричаи ягона»** – идораи махсусест, ки хизматҳои гуногуни давлатӣ мерасонад, аз ҷумла барои аз рӯйихат гузаронидани фаъолияти тадбиркорӣ машғул мешавад.

Мурочиатҳои шумо метавонад бо ду роҳ амалӣ гардад:

1. **Мурочиат ба таври анъанавӣ** – бо роҳи ба идораи аз рӯйихат гузаронӣ ташрифоварда субеъти тадбиркориро аз рӯйихат гузаронидан.

2. **Мурочиат ба тариқи «онлайн»** – бо воситаи расонаи ҷаҳонии ахбор-интернет аз рӯйихат гузаштан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУРОҶИАТ БА ТАВРИ АНЪАНАВӢ

Агар шумо барои ба амал баровардани ҳолати тадбиркории худ ба идораи дахлдор биёед, ин муроҷиати таарзи анъанавӣ ба шумор меравад. Дар ин ҳолат бояд боҷи давлатӣ (ба миқдори як баробари ҳадди ақали музди меҳнат) пардохта, нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои худро тақдим намоед ва ариза нависед.

## МУРОҶИАТ БА ТАВРИ ОНЛАЙН

Агар шумо хоҳед ки фаъолияти тадбиркори худро ба воситаи шабакаи интрнет аз рӯйихат гузаронед ин муроҷиати тарзи онлайн ба ҳисоб меравад. Барои ин аз ҷойи дилхоҳи худ истода тавассути барномаи веб сайти birdacha.uz аз руйхат гузашта метавонад. Барои ин ба миқдори ним баробари ҳадди ақали меҳнат боҷи давлатӣ пардохта мешавад. Ҷарайёни аз рӯйихат гузаронидан бо роҳи дар шакли электронӣ пур кардани пурсишнома зина ба зина гузаронида мешавад

Бо баробари ба охир расидани барӯйихатгирӣ ба шумо оиди аз рӯйихати давлат гузаштани субеъекти тадбиккорӣ дар шакли электронӣ гувоҳнома дода мешавад.

## БАРТАРИЯТҲОИ БО ВОСИТАИ СИСТЕМАИ ИНТЕРНЕТ АЗ РӮЙИХАТ ГУЗАШТАН

Агар шумо фаъолияти тадбиркории худро бо воситаи систмаи интернет ба амал бароред соҳиби як қатор бартариятҳо мешаваед. Аз ҷумла:

– зарурати ба органи азрӯйихат гузаронанда нусхаи аслии ҳуҷҷатҳоро тақдим намудан аз байн меравад.

– ба органҳои аз рӯйихат гузаронанда инчунин барои пардохтани боҷи давлат ба кассаи банк шахсан рафтани аризадиҳанда зарурият пайдо намешавад.

– ҳангоми ба воситаи интернет ба рӯйихат гирифтан нисбат ба оне ки худи тадбиркор ташриф меорад ҳаҷми боҷи давлати 2 баробар камтар пардохта мешавад.

– барои аз руйхат гузаронидани бизнес ба расмият даровардан ва супоридани ҳуҷҷатҳо дар вақти барои соҳиби ариза мувофиқ сар кардан, манъ кардан, ёки аз нав сар кардан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ОЁ МЕДОНЕД?

Мувофиқи маълумоти ягонаи регистри давлатии корхона ва ташкилотҳо то 1-уми январи соли 2018 шумораи шахсони ҳуқуқии ба руйхат гирифташуда (ғайр аз хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ) ба 300,2 ҳазор расид.

Ҳиссаи асосии корхона ва ташкилотҳои аз рӯйихат гузашта дар шаҳри Тошканд (20,8%), дар вилояти Тошканд (10,2%), Фарғона ва Андиҷон (8,7%) ташкил мекунд.

## ИН ШАВҚОВАР...

**Ӯзбекистон дар рейтинги «Ба роҳ мондани безнес – 2018» дар сафи даҳнафараҳои дунё ҷойгирифт.**

Ӯзбекистон дар гурӯҳи бонки ҷаҳонӣ барои беҳтар намудани муҳити тадбиркорӣ дар рейтинги «Ба роҳ мондани безнес – 2018». (Doing Business – 2018) бори сеюм дар қатори даҳ мамлакати дунё ҷой гирифт. Дар ин хусус ваколатхонаи хизмати матбуоти Бонки ҷаҳонии дар кишварамон вуҷуддшта ҳабар дод.

...Мувофиқи ҳисоботи нав дар мавзӯи «Ба вуҷуд оварданиислоҳот барои ташкили ҷойҳои нави корӣ» Ӯзбекитон 13 зина боло рафта ҷойи 74-умро ишғол намуд.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Аз рӯйихат гузаронидан фаъолияти тадбиркорӣ чӣ зарурат дорад?
2. Тамоили «Даричаи ягона» оиди ба амал баровардани хизматҳои давлатӣ чиро мефаҳмонад?
3. «Даричаи ягона» чист?
4. Кадом роҳи ба марказҳои «Даричаи ягона» муроҷиат кардан вуҷуд дорад?
5. Муроҷиати ба таври анъанави чӣ гуна ба амал баровард мешавад?
6. Барои ба таври онлайн муроҷиат кардан чӣ гуна шароитҳо зарур аст?
7. Агар шумо фаъолияти тадбиркории худро аз рӯйихат гузарониданӣ бошед аз кадом роҳ истифода мекардед? Чаро?
8. Ҷараёни ба таври онлайн аз рӯйихат гузаронидан чӣ гуна ба амал баровbooарда мешавад?
9. Ба воситаи шабакаи интернет аз рӯйихат гузаштан чӣ гуна афзалият дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 15 МАСЪУЛИЯТИ ТАДБИРКОРӢ

Ҷамъияти тадбиркорон бояд нисбати тадбиркорони нопок бемуросо бошанд. Нисбати онҳо дар навбати аввал на ин ки давлат, балки худи тадбиркорон муносибати худро баён намоянд ва соҳаеро ба вуҷуд оранд, ки беғубории муҳитро таъмин намояд.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***

## ҲУҚУҚИ ТАДБИРКОР

Ҳар касе ки ба фаъолияти тадбиркорӣ машғул мешавад пеш аз ҳама бояд пурра масъулиятро ҳис кунад. Масъулияти тадбиркор ба воситаи иҷрои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тадбиркор, ки дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ муайян гардидааст, намоён мегардад.

**Ҳуқуқи тадбиркор** – маҷмӯи қоидаҳои барои истифода бурдан ба тадбиркор аз тарафи давлат муайян шудааст, ё иҷозат дода шудааст.

Ҳамчун ҳуқуқҳои асосӣ қоидаҳои зеринро нишон дода метавонем;

– ҳар гуна фаъолиятҳои дар хуҷҷатҳои қонун манъ карда нашударо ба амал баровардан;

– дар асоси ҳуқуқи мулк ба молу мулки ба худаш дахлдор соҳиби кардан, истифода ва сарфи он;

– интихоби мустақилонаи равяи фаъолият ба таъминкунандагони маҳсулотва бурда расонидани маҳсулоти худ ба истеъмолгар;

Ҷойи ҳамаи хароҷотҳои истеҳсолии пур карда шуда. Пас аз додани андоз ва иҷрои пардохти дигар даромади боқимонда (фонд)ро озодона сарф кардан;

– кредит гирифтан, дар асоси шартномаи молу мулк ва маблағи пуллии шахсони дигарро ҷалб кардан;

– фаъолияти иқтисодии беруниро ба амал баровардан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ӮҲДАДОРИҲОИ ТАДБИРКОР

Масъулияти тадбиркорӣ бештар ҳангоми аз тарафи тадбиркор пурра ва сари вақт иҷро гардидани ӯҳдадориҳо намоён мегардад.

**Ӯҳдадории тадбиркор** – маҷмӯаи қоидаҳои ҳаракатҳои шартан иҷро намуда истодаи тадбиркор аст, ки аз тарафи давлат муайян шудааст.

Дар зер баъзе аз ӯҳдадориҳои тадбиркорро ёдовар мешавем.

## ИҶРОИ ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМА

Тадбиркор фаъолияти худро ба воситаи шартномаҳои гуногун-идораҳои давлатӣ, корхонаю ташкилотҳо, тадбиркорони алоҳида ва ё шаҳрвандон тартибдодашуда ба роҳ мемонанд. Пас, ӯ бояд пеш аз ҳама корро дар асоси шартномаҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳо ба роҳ монад.

Тасаввур намоед ҳолатеро, ки тадбиркор моҳияти иҷрои ӯҳдадории шартномавии худро ба зимма намегирад. Сари вақт ё ба таври зарурӣ расонида надодани маҳсулотҳои хуроквroutӣ ба баландшавии нарху наво ба саршавии гуруснагӣ дар мамлакат оварда мерасонад, ба корхонаҳо оварда нарасонидани ашёи хом ва маводҳо – ба кӯтоҳ шудани истеҳсолот, аз ҳаракат мондани истеҳсолот ба вуҷуд омадани бекорӣ ва билохира ба бӯҳрони иқтисодӣ оварда мерасонад.

## САРИВАҚТ ПАРДОХТАНИ ПУЛ

Тадбиркорро зарур аст, ки андоз ва пардохтҳои маҷбурии дигари пуллиро, ки дар натиҷаи фаъолияташ ҳосил мегардад, сари вақт супорад.Дар акси ҳол, қисми даромади буҷаи давлатӣ иҷро намегардад ва ба камшавии буҷет оварда мерасонад. Одатан, корхона ва ташкилоте, ки аз тарафи буҷети давлат таъмин мешавад, аз ҷиҳати таъминоти молиявӣ зарар мебинад, кормандону он сари вақт маош намегиранд, пардохти нафақаҳо дер мекунад.

Агар тадбиркор дар давоми фаъолияти худ аз меҳнати кироя истифода барад, музди кори ходимон ва суғуртаи меҳнати онҳо бояд пардохта шавад. Сари вақт нагирифтани музди меҳнат маҳсулдории



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

меҳнати коргаронро паст мекунад. Оқибат вай аз пайи кори дигар ё ба даст даровардани даромади иловагӣ мешавад. Ҳамаи ин ба натиҷаи фаъолияти кории тадбиркор таъсири манфӣ мерасонад.

## РИОЯ НАМУДАН БА ТАЛАБҲОИ ҲУҶҶАТҲОИ ҚОНУН

Ҳангоми ташкили фаъолияти тадбиркорӣ ба муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ, ба талаби хуҷҷатҳо оиди ба экология, соҳаи санитария ва гигиена барин ҳуҷҷатҳои нормативӣ риоя бояд кард. Зеро дар ҳолате, ки то дараҷаи зарурӣ равшанӣ дода нашавад, бо гармӣ таъмин карда нашавад, дар шароите, ки ҳаёти инсон дар зери хатар аст, маҳсулдории меҳнати коргарон паст мешавад. Дар ҳолати рӯй додани ҳодисаҳои нохуш, бадбахтиҳо, шахси ба кор таъминкунанда – тадбиркор пурра ҷавобгар мешавад.

Эътибор зоҳир накардан ба экология – муҳофизати муҳити атроф, партовҳои истеҳсолиро дар нуктаҳои аҳолинишин, ба ҳавзаҳои об партофтан, пеши роҳи моддаҳои заҳролуд ва ҳосилшавии газҳоро нагирифтан, пеш аз ҳама ба саломатии коргарони корхона, тадбиркорон ва билохира тамоми аҳли ҷамъият зарар мерасонад.

## РАҚОБАТИ ҲАЛОЛ

Ҳангоми рақобат бо тадбиркорони дигар фақат аз намудҳои иҷозатдода (рақобати ҳалол) истифода бурдан, дар айни замон дар асоси риоя намудан ба талабҳои ҳуҷҷатҳои қонунӣ доир ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон риоя бояд кард. Рақибони худро тарсонидан, ё ҳаракат намудан ба дуздидани сирҳои тиҷоратӣ ё саноатии онҳо, қасдан ба молу мулки онҳо зарар овардан, ба мақсади шикастани рақобатчии худ, маҳсулотро бо нархи демпинг – яъне аз арзишаш паст фурӯхтан рақобати ноҳалол (ғирром) ба шумор меравад. Ба таври васеъ паҳн шудани рақобати ғирром боиси вайрон шудани барқарории иқтисодиёт дар ҷамъият, зиёд гаштани ҷинояткорӣ мегардад.

## ҲИСОБИ ДУРУСТ ВА ҲИСОБДОРӢ

Тадбиркор бояд ҳисобҳои тезкори бухгалтерӣ, статистикиро мувофиқи талаби ҳуҷҷатгузории қонун ба роҳ монад ва инчунин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳисоботро оид ба фаъолияти худ ба идораҳои дахлдор бо тартиби муайяншуда тақдим намояд. Дар оқибати ҳисоби нодуруст бурдан ва хато нишон додани натиҷаҳои молиявии тадбиркор бо роҳи пинҳон доштани фоида кам кардани андоз бавуҷуд меояд.

## ҶАВОБГАРИИ ТАДБИРКОР

Ҷавобгарии тадбиркор дар оҷибати риоя накардан ба ҳуқуқ ва маҷбуриятҳо, иҷро накардани онҳо ба вуҷуд меояд. Вақте ки ҷавобгарии тадбиркор мегӯем ин ҳаракатест, ки тадбиркор иҷро намудани ӯҳдадориҳои шартнома, субъектҳои хоҷагӣ, ҳуқуқҳои поймолшудаи истеъмолчиён, коргарони кироя ва давлат мебошад.

**Ҷавобгарии тадбиркор** – маҷбурияти ҷавоб додан оид ба мувофиқ будани рафтору кирдори тадбиркор ба меъёрҳои қонунии муайяншуда ва қоидаҳои иҷтимоию ахлоқӣ мебошад.

Ҷавобгарии тадбиркор дар шакли мулкӣ (моддӣ), маъмурӣ, ҷиноӣ ва ахлоқӣ мебошад.

Мувофиқи субъекти қонунвайронкунӣ ҷавобгарӣ дар намудҳои ба таври якка, гурӯҳӣ ва ҷамоавӣ мешавад. Дар ҳолати ба таври якка, шахси ҷисмоние дар назар дошта мешавад, ки ӯҳдадориҳои худро иҷро накардааст. Ба ҷавобгарии гурӯҳӣ-гурӯҳи шахсони ҷисмонӣ, ба ҷавобгарии ҷамоавӣ-шахсони юридикӣ соҳиб мешаванд.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Масъулияти тадбиркорӣ чист? Он дар кадом ҳолатҳо зоҳир мегардад?
2. Ҳуқуқи тадбиркор чист? Ҳуқуқҳои асосии тадбиркорони мамлакатамонро ҳисоб кунед.
3. Ӯҳдадории тадбиркор чист? Он аз ҳуқуқҳои тадбиркор бо кадом ҷаҳат фарқ мекунад?
4. Чаро иҷрои шартнома аз тарафи тадбиркор зарур ҳисобида мешавад? Иҷро накардани шарнома ба чӣ гуна ҳолатҳо оварда мерасонад?
5. Дар вақташ напардохтани андоз ва пардохтҳои маҷбурӣ аз тарафи тадбикор ба чӣ гуна оқибатҳо сабаб мегарданд?
6. Тадбиркор музди кории зердасташро кам карда, фоидаи худро зиёд карда метавонад? Чаро?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ III

# МАБЛАҒҲОИ КОРХОНА, ХАРОҶОТҲО ВА НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВӢ

## МАВЗӮИ 16

## МАБЛАҒҲОИ КОРХОНА ВА ИСТИФОДАБАРИИ БОСАМАРИ ОН






### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Дар сурат кадом шаклҳои маблағи корхонаи барои истеҳсоли мебел махсусгузаронидашуда ифода ёфтааст?
2. Кадоме аз ин маблағҳоро ба асосӣ ва кадамеро ба маблағҳои гардиш дохил кардан мумкин? Фикри худро асоснок кунед.
3. Роҳҳои аз маблағҳои корхона самаранок истифода бурданро аз чӣ иборат медонед?

### МАБЛАҒҲОИ КОРХОНА

Оё эътибор додаед? Агар аз шахси тадбиркор ба миқдори муайян пул дода истоданашро пурсед, вай одатан; «Пулҳои ман дар гардиш», – мегӯяд. Барои ба мазмуни ин ҷавоб пурратар шинос шудан, маблағҳои корхона ва ҳаракатҳои онҳоро аз назар мегузаронем.

Шумо метавонед барои пеш бурдани фаъолияти тадбиркории худ корхона ташкил намоед.

**Корхона** – субъекти мустақили хоҷагидорӣ барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҷамъият ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ ва ба даст овардани фоида, ташкил карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои ташкили фаъолияти корхона ва коргузорӣ ба маблағ эҳтиёҷ пайдо мешавад.

**Маблағҳои корхона** – ин маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолшуда, пул ва ресурсҳои гуногун аст, ки барои ташкили фаъолияти корхона ва ба амал баровардани он хизмат мекунад Маблағҳои мазкур дар манбаҳои гуногун бо номҳои капитал, фонд, восита ҳам баён мешавад.

## ШАКЛИ МАБЛАҒҲОИ КОРХОНА

Дар амал маблағҳои корхона дар се шакл вуҷуд дорад;

Пул, ресурс ва маҳсулот. Маблағ дар шакли пул барои ба роҳ мондани фаъолияти корхона харидани ресурсҳои зарурӣ ё барои истифодаи онҳо пардохтҳоро ба амал овардан кор фармуда мешавад. Дар натиҷа маблағҳои пулӣ ба ресурсҳо ё ки маблағҳои умумӣ табдил меёбад.

**Ресурсҳо** – бино, асбобу дастгоҳҳо, ашёи хом ва материалҳо, захираҳои меҳнатӣ, қувваи барқ, об ва маблағҳои дигари дар шакли захира аст, ки барои ба амал баровардани истеҳсолот харида мешавад.

Азбаски ин ресурсҳо дар ҷараёни истеҳсолот истифода шуда, маблағҳои аз қиммати худаш зиёдеро ҳосил мекунад, онро маблағҳои умумӣ низ мегӯянд.

Маҳсулоте, ки дар ҷараёни истеҳсолот ба вуҷуд меояд, мол(товар) буда, шакли маҳсулоти барои фурӯш тайёршударо мегирад.

**Мол** – ин маҳсулот ва ё хизматҳоест, ки дар корхона истеҳсол гардида, ба фурӯш бароварда мешавад.

Пас, маблағе, ки дар дасти тадбиркор дар шакли пул вуҷуд дорад, дар давоми ҳаракати худ нахуст ба захира, пас ба мол табдил ёфта, баробари дар бозор фурӯхтан, боз дар шакли пул ба дасти тадбиркор баргашта меояд. Инро гардиши доиравии маблағи корхона (пул, ресурс, мол) меноманд.

**Гардиши даврии маблағҳои корхона** – шакли муайяни ҳаракати маблағи корхона (пул, ресурс, мол), ки зинаҳои навбатиро тай намуда, боз ба шакли аввалаи худ бармегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ГАРДИШИ МАБЛАҒҲОИ КОРХОНА

Гардиши доимии маблағҳои корхона бетанаффус такрор меёбад ва нав мегардад, Зеро тадбиркор маблағи худро як бор ба гардиш гузошта ба он қаноат нахоҳад кард. Ин чараёни бетанаффус гардиши маблағҳои корхона номида мешавад.

**Гардиши маблағҳои корхона** – навшавӣ, бетанаффус такрор шудани гардиши доиравии доимии маблағҳои корхона.

Суръати гардиши ресурсҳои гуногуни таркиби маблағҳои корхона аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, ашёи хом ва ё материалҳо пас аз гардиши доиравӣ ба шакли аввалаи худ бармегардад. Бино ва асбобу дастгоҳҳо пас аз якчанд гардиши доиравӣ ба шакли аввала бармегарданд.

Аз ин сабаб маблағҳои корхона ба ду қисм; ба маблағҳои асосӣ ва гардишкунанда чудо мешаванд.

**Маблағи асосӣ** – маблағест дар шакли ресурс, ки дар ин чараёни истеҳсолот муддати тӯлонӣ иштирок намуда, намуди моддии худро дигар намекунад.

**Маблағи гардишкунанда** – маблағ дар шакли ресурсест, ки дар чараёни истеҳсолот як маротиба иштирок карда, намуди моддии худро дигар намекунад.

Фарқи байни маблағҳои асосӣ ва гардишкунандаро ба воситаи чадвали зерин дидан мумкин аст.

| Чиҳати хусусиятнок | Маблағи асосӣ | Маблағи гардиш |
|---|---|---|
| Иштирок дар истеҳсолот | – дурудароз иштирок мекунад (масалан: дастгоҳ 10 сол, бино 50–100 сол);<br>– намуди моддии худро нигаҳ медорад. | – як бор иштирок мекунад;<br>– намуди моддии худро гум карда, намуди нав мегирад (масалан: истеҳсоли пойафзол ва чарм) |
| Арзиши худро ба арзиши маҳсулот табдил медиҳад | – дар мӯҳлати зиёд қисм-қисм ба арзиши маҳсулот мегузарад. | – дар як чараёни истеҳсолнамоӣ ба қимати маҳсулот мегузарад. |

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки маблағҳои гардишкунанда дар чараёни истеҳсолот арзиши худро ба арзиши маҳсулот пурра гуза-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ронида, пас аз фурӯш бо роҳи харидан метавонад барқарор гардад. Масалан; барои истеҳсоли як ҷуфт пойафзол 60 ҳазор сӯмина чарм сарф шавад. Арзиши чарм пурра ба арзиши пойафзол дохил мешавад. Агар пойафзол ба харидор бо нархи 120 ҳазор фурӯхта шавад, пас дар таркиби он 60 ҳазор сӯмина чарм ҳам ҷой дорад. Тадбиркор аз 120 ҳазор маблағи пойафзоли фурӯхтааш ба ивази 60 ҳазор сӯм чарм харида, маблағи гардишро аз нав ҳосил мекунад.

Аммо маблағи асосиро аз нав ҳосил кардан чандон кори осон нест. Зеро бино, иншоот, асбобу ускуна, воситаҳои меҳнат дар таркиби маблағи асосӣ ба муддати зиёд хизмат карда, бо ёрии онҳо маҳсулоти зиёде истеҳсол мегардад. Аз ин рӯ ресурсҳо дар намуди маблағҳои асосӣ муддати хизматашон дар ҷараёни истеҳсолот ба ҳисоб гирифта шуда, арзиши кӯҳнашавиашон ба арзиши маҳсулотҳои дар ин муддат истеҳсолшуда дохил карда мешавад.

**Кӯҳнашавии маблағҳои асосӣ** – ин паст шудани арзиши ибтидоии маблағи асосӣ.

Паст шудани арзиши ибтидоии маблағи асосӣ, қисми кӯҳнашудаи он ба арзиши маҳсулот гузаранда шуданаш зараровар буда, ин ҷараён амортизатсияи маблағҳои асосӣ номида мешавад.

**Амортизатсияи маблағҳои асосӣ** – ворид шудани арзиши кӯҳнашавии маблағҳои асосӣ ба хараҷотҳои истеҳсолӣ ва ба ин восита дар сурати пул онро сарпур намудан.

Хароҷоти амортизатсионӣ ($X_{аморт}$) ба воситаи нисбати арзиши маблағи асосӣ ($M_{ac}$) давраи хизматрасонии ($Д_x$) арзиши мазкур муайян карда мешавад:

$$X_{аморт} = \frac{M_{ac}}{Д_x}$$

Хароҷоти амортизатсионӣ дар асоси меъёри муайяншудаи амортизатсия ба амал меояд. Меъёри амортизатсия ($M_a$) бо арзиши маблағи асосӣ ($M_{as}$) ва давраи хизмати ($Д_x$) арзиши мазкур бо роҳи бо нисбати ҳосили зарб ва онҳоро бо фоиз ифода кардан муайян карда мешавад:

$$M_a = \frac{M_{ac}}{M_{ac} \times Д_x} \times 100\% \quad \text{ёки} \quad M_a = \frac{1}{Д_x} \times 100\%$$



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар корхона бо ин роҳи суммаи кӯҳнашавии маблағҳои асосии ҷамъшудаистодаро муайян намуда хазинаи амортизатсиониро ташкил мекунанд.

Масалан дар корхона ба маблаги 50 млн сӯм дастгоҳ ба муддати 10 сол хизмат кардани бошад, он гоҳ суммаи куҳнашавии яксолаи он 5 млн сӯм, меъёри аммортизатсиониаш 10 фоизро ташкил мекунад.

| **Солҳо** | **Арзишаш дар аввали сол** | **Кӯҳнашавӣ дар як сол** | **Арзишаш дар охири сол** | **Хазинаи аммортизатсионӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 50 000 000 | 5 000 000 | 45 000 000 | 5 000 000 |
| 2 | 45 000 000 | 5 000 000 | 40 000 000 | 10 000 000 |
| 3 | 40 000 000 | 5 000 000 | 35 000 000 | 15 000 000 |
| 4 | 35 000 000 | 5 000 000 | 30 000 000 | 20 000 000 |
| 5 | 30 000 000 | 5 000 000 | 25 000 000 | 25 000 000 |
| 6 | 25 000 000 | 5 000 000 | 20 000 000 | 30 000 000 |
| 7 | 20 000 000 | 5 000 000 | 15 000 000 | 35 000 000 |
| 8 | 15 000 000 | 5 000 000 | 10 000 000 | 40 000 000 |
| 9 | 10 000 000 | 5 000 000 | 5 000 000 | 45 000 000 |
| 10 | 5 000 000 | 5 000 000 | 0 | 50 000 000 |

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки дар корхона ҳар сол 5 млн сӯм барои кӯҳнашавии дастгоҳ ҳисоб мешавад ва ба хазинаи амортизатсия гузаронида мешавад. Дар натиҷа пас аз 10 сол арзиши дастгоҳ умуман аз байн меравад. Дар хазинаи амортизатсионӣ 50 млн. сӯм пайдо мешавад. Акнун тадбиркор метавонад дастгоҳи кӯҳнаро баровarда партояд ва ба ҷойи он навашро харад.

## САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ КОРХОНА

Барои тадбиркор баҳо гузоштан ба самаранокии истифодаи маблағҳои корхонааш муҳим аст. Барои ин ӯ аз як қатор комёбиҳо истифода бурда метавонад.

**Самаранокии маблағҳои асосӣ ($CM_{ac}$)** – ҳаҷми маҳсулоти ($ҲM$)дар корхона истеҳсолшуда ва арзиши маблағи асосиро ($M_{ac}$) ифода мекунад:

$$CM_{ac} = \frac{ҲM}{M_{ac}}$$



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бигӯем, ки дар корхона 500 млн. сӯмина маблағҳои асосӣ мавҷуд буда, дар давоми соли 2017 дар ҳаҷми 2 млрд. сӯм маҳсулот истеҳсол шуд. Дар ин ҳолат нишондоди самарадории маблағи асосии корхона 4-ро ташкил менамояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар 1 сӯм маблағи асосии корхона дар истеҳсоли маҳсулоти 4-сӯма иштирок намуд. Баланд будани нишондоди мазкур ҳолати мусбат ҳисобида мешавад.

**Ғунҷоиши маблағи асосӣ ($ҒM_{ac}$)** – баръакси самаранокии маблағи асосӣ нишондиҳандаест, ки нисбати байни ҳаҷми маҳсулоти (*ҲМ*) бо арзиши маблағи асосии дар корхона истеҳсолшуда ифода мекунад:

$$ҒM_{ac} = \frac{M_{ac}}{ҲM}$$

Мувофиқи мисоли болоӣ дида бароем, нишондиҳандаи ғунҷоиши маблағи асосии корхона 0,25-ро ташкил мекунад. Ин нишон медиҳад, ки ҳангоми дар корхона истеҳсол кардани 1 сӯмина маҳсулот 0,25 сӯмина маблағи асосӣ иштирок мекунад. Паст шудани нишондиҳандаи мазкур ҳолати мусбат ба шумор меравад.

Дар корхона аз маблағи гардишнок пурсамар истифада бурдан аз самаранокии материали маҳсулот ва ғунҷоиши материал маълум мешавад ва бо ҳамин ҳолат баҳогузорӣ мегардад.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Маблағҳои корхона чист?
2. Кадом шаклҳои маблағҳои корхона вуҷуд доранд?
3. Гардиши доиравии маблағҳои корхона чист?
4. Гардиши маблағҳои корхона аз гардиши доиравӣ ба кадом ҷиҳатҳои худ фарқ мекунад?
5. Маблағи асосӣ аз маблағи гардишкунанда чӣ фарқ дорад?
6. Расонда додани маблағҳои асосӣ чӣ маънӣ дорад?
7. Меъёри амортизатсия чӣ гуна ҳисобида мешавад?
8. Самарадории истифодаи маблағҳои корхона ба воситаи кадом нишондиҳанда баҳогузорӣ мешавад?
9. Мазмуни нишондиҳандаи самаранокии маблағи асосиро маънидод кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 17 КРЕДИТҲОИ БОНК

Бо ин мақсад бонкҳои тиҷоратӣ ва филиалҳои онҳо, вобаста ба имкониятҳои худ, ба тадбиргарон ёрии молиявӣ расониданро ба зимма мегиранд.

Кӯтоҳ карда гуем, бонкҳои моро лозим аст, ки халқамонро ба тадбиркорию корчаллонӣ раҳнамоӣ кунанд.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***






## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Дар суратҳо кадом ҷиҳатҳое ифода ёфтанд, ки ба мазмуну моҳияти кредит вобастаанд?
2. Ба фикри шумо соати дар расм тасвирёфта кадом маъноро ифода мекунад? Калкулятор чӣ? Фикри худро эзоҳ диҳед.

## КРЕДИТ ВА ТАМОИЛҲОИ ОН

Ҳар як тадбиркор барои оғоз намудани фаъолияти худ шояд ба миқдори лозимӣ маблағи молиявӣ надорад. Ё барои васеъ кардани корхона ё ин ки барои ба амал баровардани ягон лоиҳа маблағаш намерасад. Дар ин ҳолат аз банк кредит (қарз) гирифтан роҳи маъмул ва самараноки маблағи иловагӣ ба даст овардан мебошад.

**Кредити банк** – қарзи ба тадбиркорон ё шахсони дигар аз тарафи банкҳо ва муассисаҳои махсуси кредитӣ дар шакли пул додашуда мебошад.

Додани кредитро дар асоси як қатор тамоилҳо бо нақшаи зерин ифода кардан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Маълум мегардад, ки шумо ҳангоми аз банк кредит гирифтан мақсади худро маълум мекунед. Дар асоси ҳамин мақсад муддати додани кредит муайян карда мешавад ва фоизҳои пардохти кредит маълум мегардад. Шуморо лозим аст, ки барои кридити гирифтаатон ва фоизҳои онро сари вақт баргардонданатон кафолат диҳед. Дар бисёр ҳолатҳо ин гуна кафолатҳо ба воситаи таъминотҳои ба гарав гузошташудае ба амал меоянд, ки аз қиммати кредити додашуда баландтар меистад.

## ХЕЛҲОИ КРЕДИТ

Ғайр аз кредити банк шумо бояд бо хелҳои дигари кредит ошно гардед.

Агар кредити байни хоҷагиҳо барои дароз кардани пардохти молҳо ба амал бароварда шавад, **кредити тиҷоратӣ** номида мешавад.

Ба ивази ба гарав мондани мулки манқул (масалан замин, бино) ба муддати тӯлонӣ кредити дар шакли қарз додашаванда **кредити ипотека** номида мешавад.

**Кредити истеъмолӣ** – кредитест, ки ба шахсони хусусӣ барои харидани молҳои ба муддати дуру дароз истифода мешавад (масалан, мебел, автомобил, телевизор, ва ғайра) ба муҳлати муайян дода мешавад.

## СТАВКАҲОИ ФОИЗӢ

Яке аз омилҳои асосие, ки ба қарори аз кредити банк истифода бурдан ва ё истифода набурдани шумо таъсир мерасонад ин ставкаҳои фоизӣ мебошад.

**Микдори фоиз** – ифодаи фоизии микдори пардохти шахси кредитгирифта нисбати микдори кредит.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Микдори кредитро ба воситаи формулаи зерин ифода кардан мумкин:

$$r' = \frac{r}{K_{ссуда}} \times 100$$

ар ин ҷо:

$r'$ – ставкаи фоиз;

$r$ – миқдори супоридани кредит;

$K_{ссуда}$ – миқдори кредит.

Агар шумо аз банк ба шарти соле 20 млн. сӯм пардохтан100 млн кредит гирифта бошед, миқдори фоизи кредити мазкур 20%-ро ташкил мекунад. Пас маълум мешавад, ки миқдори фоизро ба муддати сол, чоряк, моҳ ва ғайра ҳисоб кардан мумкин аст.

## ДАР АМАЛИЁТ ҲИСОБ КАРДАНИ ФОИЗИ КРЕДИТ ВА ПАРДОХТИ ОН

Дар айни замон дар таҷрибаҳои бонкӣ ҳисоб кардани фоизи кредит ва пардохти он дар тамоили торафт кам шудани қарзи асосӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин ҳолат миқдори кредит бо муддати муайяншуда, яъне солҳоро ба моҳҳо баргардонда ба рақамҳои онҳо тақсим намуда ва бо ҳамин роҳ фоизи кредит ҳисоб карда мешавад. Масалан; Шумо аз банк ба миқдори 90 млн сӯм бо миқдори 20% кредити яксола гирифтед, пас шумо пардохти кредитро бо тартиби зерин ба амал мебарорад.

| Моҳ | Бақияи кредит | Миқдори асосии баргардонидани кредит | Миқдори пардохти фоиз мувофиқи кредит | Миқдори пардохти умумӣ мувофиқи кредит |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 90 000 000 | 7 500 000 | 1 800 000 | **9 300 000** |
| 2 | 82 500 000 | 7 500 000 | 1 650 000 | **9 150 000** |
| 3 | 75 000 000 | 7 500 000 | 1 500 000 | **9 000 000** |
| 4 | 67 500 000 | 7 500 000 | 1 350 000 | **8 850 000** |
| 5 | 60 000 000 | 7 500 000 | 1 200 000 | **8 700 000** |
| 6 | 52 500 000 | 7 500 000 | 1 050 000 | **8 550 000** |
| 7 | 45 000 000 | 7 500 000 | 900 000 | **8 400 000** |
| 8 | 37 500 000 | 7 500 000 | 750 000 | **8 250 000** |
| 9 | 30 000 000 | 7 500 000 | 600 000 | **8 100 000** |
| 10 | 22 500 000 | 7 500 000 | 450 000 | **7 950 000** |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 11 | 15 000 000 | 7 500 000 | 300 000 | **7 800 000** |
| 12 | 7 500 000 | 7 500 000 | 150 000 | **7 650 000** |
| | 0 | 90 000 000 | 11 700 000 | **101 700 000** |

## ТАЪМИНОТИ КРЕДИТ

Таъминоти кредит – шарти иловагиест, ки ба шахси қарз гирифта имконияти дар муддати муайян бозгардонидани қарзро медиҳад. Ҳамчун таъминоти кредитӣ ба сифати гарав молу мулк, кафолати ташкилотҳои гуногун; кафил шудани шахси сеюм ва ғайра шуда метавонад.

Масалан, ба БТСИ «Ипак йули» ҳамчу таъминоти гарав ҷиҳозҳои зерин қабул мегардад;

1) гарави молу мулк. Шакли гарав мувофиқи қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи гарав» ва «Дар бораи ипотека» ба роҳ монда шуда, дар шакли ҳуқуқи молу мулк (талабномаҳо) буда метавонад;

2) кафолати банкҳои тиҷоратӣ ё компанияҳои суғуртавӣ;

3) кафолати шахси сеюм;

4) полиси суғурта оиди ба фоидаи банк суғарта кунондани риски банк оиди баргардондани кредити гирифташуда;

5) маҳсулоти заргарӣ;

6) таъминотҳои дигари дар қонун пешниҳодшуда.

## БАҲО ДОДАН БА ЛАЁҚАТИ МИҶОЗИ КРЕДИТГИРАНДА

Пас аз он, ки барои кредит гирифтан ҳуҷҷатҳоро ба банк тақдим мекунед, банк ба лаёқати кредит гирифтани шумо баҳо мегузорад. Зеро мумкин будани ба миҷоз қарз додан ва микдори онро дуруст муайян намудан барои баргардонда шудани кредит имконият ба вуҷуд меорад.

Баҳо додан ба лаёқати кредит гирифта тавонистани миҷозро ҳар як банк ба миҷозҳои мустақилона коркардаи худ ба амал мебарорад.

Пеш аз ҳама арзиши пули шуморо, ки пас аз дар даври маълум ҳамаи қарзҳоро мепардозеду боқӣ мемонад, бо формулаи зерин муайян мекунад:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

$$ДС = Д - СД$$

дар ин ҷо:

*ДС* – даромади соф;

*Д* – даромад;

*СД* – сарфи доимӣ.

Масалан даромади шумо ғайр аз андози даромад ва корҳои дигар дар як моҳ 1 млн. сӯмро ташкил медиҳад. Миқдори сарфи доимӣ (пардохтҳои коммуналӣ, ҳаққи иҷора ва ғайра). 400.000 сӯм бошад, даромади соф 600.000 сӯмро ташкил мекунад. Мувофиқи маълумот оид ба кредит коэфитсенти лаёқати шуморо ба формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$КЛК = \frac{ДС}{ПМ}$$

дар ин ҷо:

*КЛК* – коэфетсенти лаёқати кредитгирӣ;

*ДС* – даромади соф;

*ПМ* – пардохтҳои моҳона.

Агар мувофиқи кредит пардохтҳои моҳонаатон 300.000 сӯм бошад, коэфетсенти лаёқатҳои кредитгирии шумо ба 2 баробар аст. Яъне мувофиқи кредит даромади соф пардохти моҳонаатонро 2 баробар пур мекунад, банк ин коэфетсентро ба мезони дар ин хусус муайян кардааш муқоиса мекунад ва агар натиҷа мусбат бошад, ба зинаи дигари баҳогузорӣ мегузарад.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Кредити банк чист?
2. Чӣ гуна тамоилҳои додани кредит вуҷуд дорад?
3. Кадом намудҳои кредитро медонед? Мазмуни ҳар яке аз намудро шарҳ диҳед.
4. Фарқи байни кредит ва лизинг дар чист?
5. Ставкаи фоиз чист ва он чӣ гуна ифода меёбад?
6. Дар замони имрӯза дар амалиётҳои банкӣ ҳисобкунии фоизи кредит ва пардохти он чӣ гуна ба амал бароварда мешавад?
7. Таъминоти кредитӣ чӣ зарурият дорад?
8. Лаёқати кредит гирифтани миҷозро баҳогузорӣ намудан чӣ зарурият дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 18 ХАРОҶОТИ КОРХОНА

### ХАРОҶОТИ ИСТЕҲСОЛОТ

Муваффақияти фаъолияти тадбиркорӣ ба нақшагирии дуруст ва амалисозии он вобаста аст. Масалан, шумо барои истеҳсоли ягон маҳсулот ба хариди ашёи хом, маводи асосӣ ва ёрдамчӣ, сӯзишворӣ ва энергия, амортизатсия, маош ва бадалҳои суғуртаи иҷтимоӣ, пардохти фоиз ва дигар хароҷотҳо рӯ ба рӯ омаданатон мумкин. Ҳамаи сарфҳое, ки аз рӯйи истеҳсолот ва ба истеъмолчӣ расонидани он корбаст мегардад, хароҷоти умумӣ ном дорад.

Хароҷоти умумӣ ба ду тақсим мешавад:

– хароҷоти истеҳсолот;
– хароҷоти муомила.

**Хароҷоти истеҳсолот** – сарфҳое, ки барои истеҳсоли маҳсулот карда мешавад.

Дар таркиби он маош, ашёи хом ва мавод, амортизатсия ва дигар сарфҳоро, ки дар боло зикр гардид, дохил намудан мумкин.

**Хароҷоти муомила** – сарфҳое, ки ҳангоми аз истеҳсолгар ба истеъмолчӣ расонидани маҳсулот вобастагӣ дорад.

Хароҷоти муомила ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: хароҷоти муомилаи иловагӣ ва хароҷоти муомилаи соф.

**Хароҷоти иловагии муомила** – сарфҳое, ки ба печонидан, қадоқнамоӣ, яккачинӣ, ба транспорт бор кардан, кашонидан ва нигаҳдории маҳсулот вобастагӣ дорад. Ин навъҳои хароҷоти муомила давоми хароҷоти истеҳсолот ба ҳисоб рафта, ба таркиби арзиши маҳсулот дохил мешавад ва қиматнокии онро меафзояд. Хароҷотҳо пас аз фурӯши маҳсулот аз рӯйи суммаи интиқоли пул пардохта мешавад.

**Хароҷоти муомилаи соф** – сарфҳое, ки ба маоши фурӯшанда, маркетинг, реклама ва ғайра вобаста аст. Хароҷоти муомилаи соф арзиши маҳсулотро зиёд намесозад. Онҳо аз ҳисоби фоидае, ки пас аз фурӯши маҳсулот ба даст меояд, пардохта мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ХАРОҶОТИ БУХГАЛТЕРӢ ВА ИҚТИСОДӢ

Корхона метавонад дар ҷараёни истеҳсолот аз ресурсҳои худ ё худ аз ресурсҳои ҷалбгардида истифода барад. Аз ин рӯ, хароҷот ба харҷҳои беруна ва дохилӣ тақсим мешаванд.

**Хароҷоти беруна** – хароҷотҳое, ки дар асоси ҷалб намудани пардохти беруна ресурс ва хизматҳои зарурии корхонаро ба вуҷуд меорад.

Масалан, пардохти шумо барои хариди ашёи хом ва мавод, хизмати транспорт хароҷоти беруна ҳисобида мешавад. Бо сабаби он, ки хароҷотҳои беруна бо ҳуҷҷатҳои пардохт расмӣ мегардад, хароҷоти бухгалтерӣ низ ном дорад.

**Хароҷоти дохилӣ** – хароҷотҳое, ки ба истифодабарӣ аз ресурсҳои корхона ё худ худи тадбиркор вобастагӣ дорад.

Барои чунин хароҷот пардохти пул амалӣ намегардад. Хароҷоти дохилӣ арзиши ресурсҳоро аз рӯйи қиёснамоии чунин ресурс бо нархи бозор баҳогузорӣ мешавад

Фарқнамоии хароҷотҳои дохилӣ ва беруна имконияти таҳлилнамоии қиёсии афзоиши самарадории фаъолияти корхонаро медиҳад.

## ХАРОҶОТИ ДОИМӢ ВА ДИГАРГУНШАВАНДА

Хароҷотҳо аз рӯйи таъсирбахшӣ ё худ бетаъсирӣ ба дигаргуншавии ҳаҷми истеҳсолот ба доимӣ ва дигаргуншаванда тақсим мешаванд.

**ХАРОҶОТИ УМУМӢ**

| Хароҷоти умумӣ |
| --- |
| Пардохти корхона |
| Андозҳо |
| Қисмҳои амортизатсия |
| Ҳаққи иҷора |
| Хароҷоти хизмати посбонӣ, маоши ходимон ва ғайра |

| Хароҷоти дигаргуншаванда |
| --- |
| Ашёи хом |
| Материал |
| Сӯзишворӣ |
| Хизмати транспорт |
| Музди меҳнати коргарон ва чунин хароҷотҳо |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Харочоти доимӣ** (FC-fixed cost) – харочотҳое, ки ба дигаргуншавии ҳачми истеҳсоли маҳсулот вобастагие надорад.

Масалан, ҳаққи ичораи бино, пардохт барои реклама, маоши посбон ё худ ҳаққи хизмати ходимони дигари техникӣ аз чумлаи харочоти доимист.

**Харочоти дигаргуншаванда** (VC-variable cost) – харочоти вобаста ба ҳачми истеҳсоли маҳсулот.

Масалан, ашёи хом, мавод, маоши коргарон харочоти дигаргуншаванда ба ҳисоб меравад.




Ба ҳар як дарачаи истеҳсолот чамъи харочоти доимӣ ва дигаргуншаванда харочоти **умумӣ ё худ якчоя** (TC-total cost)-ро ташкил мекунад.

Харочоти доимӣ (FC), дигаргуншаванда (VC) ва якчоя (TC)-ро аз рӯйи график ифода намудан мумкин.

## ХАРОЧОТИ УМУМӢ, МИЁНА ВА САРҲАДӢ

Тадбиркорро лозим аст, ки барои ҳисобнамоии яклухтии маҳсулот дар сарфу харочоти истеҳсолот харочоти умумии миёна, доимии миёна ва дигаргуншавандаи миёнаро донад.

**Харочоти умумии миёна** – нисбати миқдори маҳсулоти истеҳсолгардидаи харочоти умумиро ифода менамояд:

$$AC = \frac{TC}{Q}$$

Дар ин чо: $AC$ (average cost) – харочоти миёна;
$TC$ – харочоти яклухт (умумӣ);
$Q$ (quantity) – миқдори маҳсулоти истеҳсолгардида.

Харочоти доимии миёна аз рӯйи нисбати миқдори маҳсулоти истеҳсолгардидаи харочоти доимӣ муайян мегардад:

$$AFC = \frac{FC}{Q}$$

Дар ин чо: $AFC$ (average fixed cost) – харочоти умумии миёна;
$FC$ – суммаи харочоти доимӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Хароҷоти дигаргуншавандаи миёна** аз рӯйи нисбати миқдори маҳсулоти истеҳсолгардидаи хароҷоти дигаргуншаванда муайян мегардад:

$$AVC = \frac{VC}{Q}$$

Дар ин ҷо: $AVC$ (average variable cost) – хароҷоти дигаргуншавандаи миёна;
$VC$ – суммаи хароҷоти дигаргуншаванда.

Инчунин, хароҷоти дигаргуншавандаи миёнаро ба сифати ҷамъи хароҷоти доимии миёна ва дигаргуншавандаи миёна низ ифода намудан мумкин:

$$AC = AFC + AVC$$

Барои ба дараҷаи баландтарин фоида гирифтан, миқдори зарурии истеҳсоли маҳсулотро донистан лозим. Дар ин бобат аз хароҷоти сарҳадӣ истифода мебаранд.

**Хараҷати сарҳадӣ** – хароҷоти иловагии вобаста ба истеҳсоли якҷоягии маҳсулоти навбатӣ:

$$MC = \frac{\Delta TC}{\Delta Q}$$

Дар ин ҷо: $MC$ (marginal cost) – хароҷоти сарҳадӣ;
$\Delta TC$ – дигаргуншавии хароҷоти умумӣ;
$\Delta Q$ – дигаргуншавии миқдори маҳсулот.

**ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!**

1. Хароҷоти истеҳсолот чист? Дар таркиби он чиҳоро даровардан мумкин?
2. Чӣ гуна сарфҳо ба таркиби хароҷоти муомила дохил мешавад?
3. Бо кадом сабаб хароҷотҳо ба хароҷоти дохилӣ ё худ хароҷоти беруна ҷудо мешаванд?
4. Бо кадом сабаб хароҷоти беруна хароҷоти бухгалтерӣ ном дорад?
5. Ба хароҷоти доимӣ ва хароҷоти дигаргуншаванда мисолҳо оред.
6. Дар асоси маълумоти зерин катакҳои холии ҷадвалро пур намоед.

| Q | TC | FC | VC | MC | ATC | AVC | AFC |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 60 | | | | | | |
| 1 | 130 | | | | | | |
| 2 | 180 | | | | | | |
| 3 | 240 | | | | | | |
| 4 | 300 | | | | | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**МАВЗӮИ 19** | **ТАННАРХИ МАҲСУЛОТ**

## МАФҲУМИ ТАННАРХ

Тадбиркор мекӯшад, ки бо фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамудааш фоида бинад. Вале, барои ин бояд ӯ арзиши ақали маҳсулоти худро донад, яъне дар бораи таннархи он маълумот дошта бошад.

**Таннарх** – ифодаи пулии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

Яъне, аз ин бармеояд, ки барои аниқ намудани таннархи маҳсулот сарфу хароҷоти онро, ки ба истеҳсол ва фурӯш сарф гардидааст, бояду шояд хуб донад. Аммо дуруст аниқ намудани таннарх низ ҷараёни мураккаб ҳисоб меёбад. Зеро худи таннарх ба намудҳои гуногун соҳиб буда, дар ҳисобнамоии онҳо ҷиҳатҳои ба худ хосро мавриди эътибор қарор бояд дод.

## НАВЪҲОИ ТАННАРХ

Таннарх навъҳои таннархи истеҳсолӣ, таннархи пурра, таннархи сарҳадиро соҳиб аст.

Таннархи истеҳсолӣ ҷамъбандии хароҷоти вобаста ба ҷараёни истеҳсоли маҳсулот мебошад. Он ҳамаи хароҷоте, ки аз ҷараёнҳои ташкили истеҳсолот то ба анбор расонидани маҳсулоти тайёр ба вуҷуд меояд, дар дохили худ мегирад.

Таннархи пурра ҷамъбандии хароҷоти вобаста ба истеҳсоли маҳсулот ва фурӯши он мебошад. Яъне, он аз хароҷоти тиҷоратии вобаста ба таннархи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот таркиб ёфтааст.

Таннархи сарҳадӣ – ин таннархи яклухти ҳар як маҳсулоти истеҳсолгардида мебошад. Мисол, шумо барои истеҳсоли 20 дона маҳсулот дар ҳаҷми умумӣ 100000 сӯм хароҷот менамоед. Дар ин ҳолат, таннархи як маҳсулот ба 5000 сӯм рост меояд. Агар боз як дона маҳсулоти иловагӣ истеҳсол карданӣ бошед, хароҷоти умумии шумо 104000 сӯмро ташкил менамояд. Аз ин бармеояд, ки таннархи сарҳадии маҳсулотатон 4000 сӯм шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Таннархи истеҳсолӣ** – ҷамъбасти хароҷоти вобаста ба ҷараёни истеҳсоли маҳсулот.

**Таннархи пурра** – ҷамъбасти хароҷоти вобаста ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

**Таннархи сарҳадӣ** – таннархи яклухти ҳар як маҳсулоти бо навбат истеҳсолшуда.

**Хароҷоти тиҷоратӣ** – хароҷотҳои вобаста ба фурӯши маҳсулот, яъне харҷи қадоқнамоӣ, боркашӣ ва рекламаи он.

## ҲИСОБНАМОИИ ТАННАРХИ МАҲСУЛОТ

Ҳисобнамоии таннархи маҳсулот ба ибораи дигар калкулатсиянамоии таннарх низ номида мешавад.

**Калкулатсия** – аз калимаи лотинии «calculatio» гирифта шуда, маъноҳои ҳисоб, ҳисобу китобро дорад. Ин ҳисобу китоби шакли пулии хароҷоти истеҳсолотест, ки ба яклухтии маҳсулот рост меояд.

Калкулатсиянамоии таннарх имкони муайянсозии нақшаи таннархи маҳсулоте, ки истеҳсолаш ба назар гирифта шудааст, ё худ аниқ намудани таннархи ҳақиқии маҳсулоти тайёрро медиҳад.

Калкулатсиянамоӣ аз рӯйи моддаҳои хароҷоти истеҳсолот амалӣ мешавад. Дар зер баъзе моддаҳои асосии онро аз назар мегузаронем:

**1) ашёи хом ва материалҳо.** Онҳо асоси маҳсулотеро, ки истеҳсолаш ба назар гирифта шудааст, ташкил менамоянд. Ашёи хом моддаест, ки дар он ҳанӯз таъсири инсон зиёд нест, материал бошад, моддаи андаке сайқалёфта ба ҳисоб меравад. Барои мисол, дар истеҳсоли мебел чӯб ашёи хом бошад, тахтаҳое, ки аз он тайёр мешаванд, материал ба ҳисоб мераванд;

**2) партовҳои баргардонидашуда.** Арзиш, яъне қимати партовҳое, ки дар ҷараёни истеҳсолот ҳосил мегардад, муайян ва аз қимати хароҷотҳо берун карда мешавад. Масалан, дар истеҳсоли мебел арзиши тахтачаҳо, аррамайдаҳо аз таннархи маҳсулот берун мегарданд;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**3) маҳсулоти нимтайёр ва ҷиҳози харидшаванда.** Ҷиҳозе, ки аз хориҷа харид мешаванд ва барои тайёрнамоии маҳсулот кор мефармоянд. Масалан, бандакҳои ҷевон ва қулфу дастакҳое, ки ба он пайваст мешавад, аз ҳамин ҷумлаанд;

**4) сӯзишворӣ ва энергия.** Дар ҷараёни истеҳсолот аз кӯмур, нефт, бензин барин сӯзишворӣ ва аз манбаъҳои барқии электр, газ, буғ истифода бурдан мумкин аст;

**5) амортизатсияи воситаҳои асосӣ.** Дар ҷараёни истеҳсолот қисми кӯҳнашудаи воситаҳои асосӣ ба таннархи маҳсулот илова мегардад;

**6) маош ва ҳиссаи суғурта.** Маоши коргарон ва ҳиссаи суғуртае, ки нисбат ба ҳаққи меҳнат ҳисоб карда мешавад, ба таннархи маҳсулот ҳамроҳ мегардад;

**7) хароҷоти фурӯши маҳсулот.** Хароҷоти қадоқнамоӣ, боркашӣ ва рекламаи маҳсулот низ ба таннархи маҳсулот ҳамроҳ мешавад.

## ИМКОНИЯТҲОИ ПАСТНАМОИИ ТАННАРХИ МАҲСУЛОТ

Муайяннамоии таннархи маҳсулот ва таҳлил кардани таркиби он барои ёфтани имкониятҳои паст намудани таннарх ёрӣ мерасонад. Дар ҳолати умумӣ, ба сифати имкониятҳои пастнамоии таннарх бандҳои зеринро нишон додан мумкин:

– истифодабарии босамар аз капитали асосӣ;
– истифодабарии босамар аз капитали даврӣ;
– ташкили босамари истеҳсолот;
– имкониятҳои беруна.

Роҳҳои зерини истифодабарии босамар аз капитали асосӣ мавҷуд аст: Такмилдиҳии технологияҳои истеҳсолот;

Автоматигардонӣ ва механизатсиянамоии истеҳсолот;

Пурра ба кор андохтани қувваи истеҳсолот. Истифодабарии босамар аз капитали даврӣ иҷрои бандҳои зеринро тақозо мекунад: пешгирии талафи материал; онҳоро аз рӯйи нақша кор фармудан; дар асоси меъёрҳо амалӣ сохтани харҷи материал.

Ташкили босамари истеҳсолот аз чораву тадбирҳои зерин иборат буданаш мумкин: такмили ихтисоси кормандон; дар асоси илмӣ ташкил кардани меҳнат; дар асоси меъёр ташкил намудани меҳнат ва рағбатноксозии он.

Ба сифати имкониятҳои берунаи пастнамоии таннархи маҳсулот арзон кардани нархи ашёи хом ва материалҳо; сабуксозии бори ан-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

доз; ихтисосонидани истеҳсолот ва кооператсияро мисол овардан мумкин аст.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Таннарх чист? Дуруст ҳисоб намудани он чӣ аҳамият дорад?
2. Чӣ хел навъҳои таннарх мавҷуд аст?
3. Таннархи истеҳсолӣ дар доираи худ чӣ хел хароҷотҳоро мегирад?
4. Таннархи пурра аз чӣ гуна хароҷотҳо таркиб ёфтааст?
5. Таннархи сарҳадӣ чиро мефаҳмонад? Донистани он ба тадбиркор чаро лозим аст?
6. Ҳисобнамоии таннархи маҳсулот чӣ гуна амалӣ мешавад?
7. Маънои калимаи калкулатсия чист?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Аз рӯйи ҷадвали зерин, ки ҷараёни истеҳсоли мебел ҷой гирифтааст, дар асоси маълумотҳои калкулатсиянамоии таннархи маҳсулот таннархи пурраро муайян созед!

| Т/р | Таркиби хароҷотҳо | Мутаносибии арзиши яклухтии маҳсулот ба миқдори сӯм |
|---|---|---|
| 1 | Ашёи хом ва материалҳо | 1000000 |
| 2 | Партовҳои баргардонидашуда | 100000 |
| 3 | Маҳсулотҳои нимтайёр ва ҷиҳозоти харидшуда | 100000 |
| 4 | Сӯзишворӣ ва энергия | 30000 |
| 5 | Амортизатсияи корҳои асосӣ | 20000 |
| 6 | Маош ва ҳиссаи суғурта | 200000 |
| 7 | Хароҷоти фурӯши маҳсулот | 50000 |

2. Дар асоси маълумоти ҷадвали зерин катакҳои холиро пур кунед.

| Q | FC | VC | TC | AC | Таннархи сарҳадӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | 100 000 | | 180 000 | | |
| 11 | | 87 000 | | | |
| 12 | | | | 16 500 | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 20 НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА

### ДАРОМАДИ ЯКЛУХТ ВА ФОИДА

Яке аз сабабҳое, ки тадбиркорро ба ҳаракат водор месозад, ин кӯшиш ба фоида гирифтан аст. Ҳаҷми фоида чӣ қадар калон бошад, ин ба тадбиркор барои пурратар гардонидани эҳтиёҷи худ ва васеътар намудани фаъолияти хеш имкон медиҳад.

Барои муайяннамоии фоидаи тадбиркорӣ ба фарқи фаҳмиши даромади яклухт низ рафтан лозим.

**Даромади яклухт** – миқдори маблағҳои пулие, ки аз истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳосил мегардад.

Даромади яклухте, ки дар корхонаҳо аз фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ гирифта мешавад, пардохти яклухт низ номида мешавад. Даромади (пасандоз) яклухтро бо формулаи зерин ифода намудан мумкин аст:

$$TR = P \times Q$$

Дар ин ҷо: $TR$ (total revenue) – даромади яклухте, ки аз фурӯши маҳсулот гирифта мешавад;
$P$ (price) – нархи маҳсулот;
$Q$ (quantity) – миқдори маҳсулот.

Мисол, шумо дар корхонаатон дар давоми як моҳ 100 ҳазор дона дафтар истеҳсол намудед. Нархи ҳар як дафтар 1000 сӯм. Дар ҳолати ба фурӯш рафтани ҳамаи дафтарҳо, пасандози пулии якмоҳаи корхонаатон ба 100 миллион сӯм ($100000 \times 1000$) баробар мешавад.

Вале, пасандози пули корхонаҳо ба самарадории фаъолияти он баҳо дода наметавонад. Зеро ин пасандози пулӣ ба ивази кадом хароҷотҳо ба даст омадааст, акс карда наметавонад. Аз ин рӯ, қисми аз хароҷотҳо ҷудошудаи пасандози пулӣ – фоида нақши муҳим дорад. Он ба таври зайл ифода меёбад:

$$Pr = TR - TC$$

Дар ин ҷо: $Pr$ (profit) – foyda;
$TR$ (total revenue) – даромади яклухте, ки аз фурӯши маҳсулот гирифта мешавад;
$TC$ (total cost) – хароҷоти умумӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фоида** – фарқи мусбие, ки пас аз гирифта партофтани тамоми хароҷот аз даромади пулии корхона мемонад.

Дар мисоли боло тавре ки нишон дода шуд, хароҷоти моҳонаи истеҳсоли дафтар дар корхона 60 млн. сӯмро ташкил карда бошад. Дар ин ҳолат фоидаи моҳонаи корхона ба 40 млн. сӯм (100 млн. – 60 млн.) баробар мешавад.

Дар ҳамин ҷо таъкид намудан ҷоиз аст, ки барои ба фоида расидан, зиёд будани даромад аз хароҷот, яъне фарқи байни онҳо дорои аҳамияти мусбӣ бояд бошад. Чунки дар баъзе ҳолатҳо хароҷотҳо аз даромадҳои пулӣ зиёд шуда, дар натиҷа ба нишондоди манфӣ соҳиб шудан мумкин. Ин ҳолатро зарар меноманд. Масалан, дар ҳолати ҳаҷми омади пули моҳонаи корхона 100 млн. сӯм будан, хароҷотҳо 110 млн. сӯмро ташкил кунад, шумо ба ҷойи фоида 10 млн. зарар мебинед. Барои ҳамин ҳам хароҷотҳои корхонаро мунтазам назорат кардан муҳим аст.

## ТАҚСИМ КАРДАНИ ФОИДА

Натиҷаи молиявии нахустини корхонаaатон дар намуди фоидаи яклухт мешавад. **Фоидаи яклӯхт** ин фарқи хароҷотҳои истеҳсолӣ аз даромади яклухт, ёки фоидаи соф аст. Вале Шумо ҳоло фоидаи яклухтро мувофиқи ихтиёри худ пурра истифода бурда наметавонед. Барои ин, аввало, зурурияти фоидаи яклухти корхонаро тақсим кардан пайдо мешавад.




Дар навбати аввал аз фоидаи яклухт ба субъэктҳои иқтисодии дигар пардохтҳои гуногун ба амал бароварда мешавад. Ба ин пардохтҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳаққи иҷораи замин ва бинои дигарон, ки ба истифодабарӣ гирифта шудааст, фоизи маблағҳои қарз гирифташударо даровардан мумкин. Ғайр аз ин, корхонаҳо ба буҷаи идораҳои ҳокимияти маҳаллӣ андозҳо месупоранд, ба фондҳои гуногуни хайрия ва дигар маблағҳо мегузаронанд. Қисми боқимондаи маблағҳо фоидаи софи корхонаро ташкил мекунад.




Дар навбати худ фоидаи соф ҳам тақсим мешавад. Аз фоидаи соф барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва истеҳсолии корхона, инчунин, ба пасандоз (васеънамоии истеҳсолот), муҳофизаи муҳити атроф, тайёрнамоӣ ва бозомӯзии кормандон ва мақсадҳои дигар сарф менамоянд.

## ФОИДАИ ИҚТИСОДӢ ВА ФОИДАИ БУХГАЛТЕРӢ

Дар мавзӯъҳои гузашта фарқи мобайни хароҷотҳои дохила ва берунаро дида баромада будем. Аз ин бармеояд, ки фоидаи иқтисодӣ ва фоидаи бухгалтериро бояд аз ҳамдигар фарқ намоем.

**Фоидаи иқтисодӣ** – фарқи тамоми хароҷотҳои дохила ва беруна бо даромади пули яклухт.

**Фоидаи бухгалтерӣ** – фарқи хароҷотҳои беруна бо даромади пули яклухт.

Аз ҳамин сабаб фоидаи бухгалтерӣ аз фоидаи иқтисодӣ ба миқдори хароҷотҳои дохилӣ зиёдтар аст.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таркиби даромади пули умумии корхона, хароҷотҳои бухгалтерӣ ва умумӣ, инчунин фарқи фоидаашро бо воситаи тасвири зерин равшантар тасаввур менамоем.

Фоидаи иқтисодӣ = Даромади пули умумӣ − Хароҷотҳои беруна − Хароҷотҳои дохила

## РЕНТАБЕЛНОКӢ

Барои баҳогузорӣ ба натиҷаҳои фаъолияти молиявии корхонаи Шумо гирифтани фоида кофӣ нест. Чунки ҳаҷми фоидаи гирифта, дар барои доираи фаъолияти корхона маълумоти пурра дода наметавонад. Мувофиқи ин, ба мақсади гирифтани ҳаҷми фоида муқоиса намудани хароҷотҳои истеҳсолии амалишуда ба дуруст баҳо додани натиҷаҳои молиявӣ имкон медиҳад. Нишондоди мазкур рентабилнокӣ номида мешавад.

**Рентабелнокӣ** – ифодаи фоизи ҳаҷми фоида нисбати хароҷотҳои истеҳсолӣ.

Агар Шумо рентабелнокии фаъолияти корхонаатонро ҳисоб кардан хоҳед, дар он ҳолат аз формулаи зерин метавонед истифода баред:

$$R = \frac{Pr}{TC} \times 100\%$$

Дар ин ҷо: $R$ – рентабелнокӣ; $Pr$ – ҳаҷми фоида; $TC$ – хароҷотҳои истеҳсолӣ.

Бигӯем, ҳаҷми фоидаи аз истеҳсоли дафтар гирифтаи корхонаи Шумо 24 млн. сӯмро, хароҷотҳои истеҳсолӣ бошад 60 млн. сӯмро ташкил кунад, дараҷаи ретабелнокӣ 40% (24 млн. сӯм / 60 млн. сӯм ×100%) ро ташкил менамояд.

Рентабелнокӣ ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда мутаносиби роста ва ба хароҷотҳои истеҳсолот мутаносиби чаппа аст. Ба туфайли ин рентабелнокӣ нишондиҳандаи интегралии самарадории кори корхона ҳисобида мешавад.

Ба афзоиши фоида дар ҳолати дигаргун нашудани ҳаҷми умумии истеҳсолот бо ду роҳ: 1) аз ҳисоби кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ; 2) аз ҳисоби бардоштани нарх муяссар шудан мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## НУҚТАИ БЕЗАРАРИ ИСТЕҲСОЛОТ

Барои бомуваффақият пеш бурдани фаъолияти тадбиркорӣ ба нисбати миёнаи хароҷотҳои истеҳсолот ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот эътибор додан лозим аст. Барои ин нуқтаи безарари истеҳсолотро муайян кардан зарур.

**Нуқтаи безарари истеҳсолот** – ин ҳолати пурра пӯшонидани хароҷотҳои истеҳсолӣ аз даромадҳои фурӯши ин маҳсулот ба даст омада аст. Дар нуқтаи мазкур ҳаҷми фоида ба сифр баробар мешавад.

Афзоиши ҳаҷми маҳсулот аз нуқтаи безарари истеҳсолот ба фоида гирифтан, пастшавиаш бошад ба зарар дидан оварда мерасонад.

Барои муайян намудани нуқтаи безарари истеҳсолот тадбиркор ҳаҷми хароҷотҳои доимӣ ва дигаргуншавандаи худро бояд донад. Доир ба мазмуни ин хароҷотҳо Шумо дар мавзӯи 18 шинос шуда будед.

Нуқтаи безарарро бо ду ченак – натуралӣ ва арзишӣ ҳисоб кардан мумкин. Нуқтаи безарари ҳаҷми истеҳсолоти ченаки натуралӣ бо воситаи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$BEPu = \frac{FC}{P - AVC}$$

Дар ин ҷо: *BEPu* (break – even point in units) нуқтаи безарари ҳаҷми истеҳсолот дар ченаки натуралӣ;
*P* – нархи маҳсулот;
*AVC* – хароҷотҳои тағйирёбандаи ба воҳиди маҳсулот ростоянда;
*FC* – хароҷотҳои доимӣ.

Агар гӯем, ки дар корхона *FC* – 300 000 сӯмро, *AVC* – 320 сӯмро ташкил кард. Агар нархи маҳсулот 400 сӯм бошад, корхона танҳо барои хароҷотҳои худро пӯшонидан 3750 дона маҳсулот бояд истеҳсол кунад. Баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот ва фурӯши он аз ин миқдор барои гирифтани фоида имкон медиҳад.

Нуқтаи безарари ҳаҷми истеҳсолот дар ченаки арзиш бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$BEPv = \frac{TR \times FC}{TR - VC}$$



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ин ҷо: $BEP_V$ (break-even point in units) нуқтаи безарари ҳаҷми истеҳсолот дар ченаки арзиш;
$TR$ – даромади аз фурӯши маҳсулот омада;
$VC$ – хароҷотҳои тағйирёбанда.




Аз маълумотҳои мисоли боло намоён мешавад, ки нуқтаи безарари истеҳсолоти маҳсулот дар ченаки арзиш $BEP_V = 400 \times 3750 \times 300\,000/(400 \times 3750) = 1\,500\,000$ сӯмро ташкил мекунад.

## МУФЛИСШАВӢ

Агар натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаи Шумо ба таври муттасил бо зарар пӯшида шавад, дар ин ҳол ба муфлисшавӣ (банкротшавӣ) ёки ҳолати ночории иқтисодӣ омаданаш мумкин. Барои корхонаро муфлисшуда дарёфтан аломатҳои муфлисшавӣ намоён шуданаш лозим. Мувофиқи қонун, агар корхона дар муддати се моҳ қарз ва пардохтҳои маҷбуриро иҷро карда натавонад, инро аломати муфлисшавӣ гӯён эътироф мешавад.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Фоидаи корхона чӣ гуна муайян карда мешавад?
2. Фоидаи корхона чӣ гуна тақсим карда мешавад?
3. Кадом роҳҳои зиёд намудани фоидаи корхона мавҷуд аст?
4. Нуқтаи безарари истеҳсолотро чӣ гуна муайян мекунанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 21 БА АНДОЗ КАШИДАНИ ТАДБИРКОРӢ

Барои тамоми тоифаҳои тиҷорат кам кардани бори андоз ва мувофиқгардонии он, дар ҳамин асос истеҳсолнамоӣ ва базаи ба андоз кашиданро васеъ намудан зарур аст.

Ба онҳое, ки барои эҳтиёҷи худ иншоотҳо бунёд мекунанд, ба субъектҳои тадбиркории хурду миёнае, ки нав ташкил шудаанд, ҳуқуқи пардохти андозро ба муддати маълум таваққуф намуда супориданро додан даркор. Инчунин, барои корхонаҳои хурд, ба супоридани андози иловагии арзиш гузаштанро рағбатнок намудан шарт аст.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***

### АНДОЗҲО ВА ПАРДОХТҲОИ ДИГАРИ МАҶБУРӢ

Дар таҳрири нави моддаи 9-уми қонун «Дар бораи озодии фаъолияти тадбиркорӣ ва кафолати он» оиди фаъолияти субъектҳои тадбиркорӣ дар қатори маҷбуриятҳо супоридани андозҳо ва пардохтҳои маҷбурии дигар муайян шудааст. Дар кодекси андоз бошад оиди мазмуни мафҳуми андоз ва пардохтҳои дигари маҷбурӣ чунин муфассал баён карда шудааст.

Андозҳо гуфта, мувофиқи нишондоди ин Кодекс, маблағҳое маҷбурии муайяне, ки мунтазам, бознагарданда ва дорои хусусияти беғараз буда, ба буҷет равона гардидааст фаҳмида мешавад.

Пардохтҳои дигари маҷбурӣ гуфта, мувофиқи нишондоди ин Кодекс пардохтҳои пулии ба хазинаи мақсадноки давлат, пардохти боҷхона, инчунин ҳаракатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқии аз тарафи идораҳои ваколатдор ва шахсони мансабдор барои амалӣ намудани супорандагон, аз ҷумла барои гирифтани ҳуқуқҳои муайян ё литсензияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои рухсатдиҳандаро гирифтан месупоранд, боҷи давлат фаҳмида мешавад.

***Моддаи 12 уми Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пас, андоз – ин шакли ситонидани пардохтҳои маҷбурии буҷет аз шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ барои саривақт дар амал ҷорӣ намудани вазифаҳоидавлат бо мақсади ба шаклaндохтани маблағҳои молиявӣ.

## ТАРТИБИ УМУМИМУАЙЯНШУДА ВА СОДДА ГАРДОНИДАШУДАИ АНДОЗ

Ҳар як тадбиркоре, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ оғоз менамояд, бояд дар бораи ҳисоби андоз ва супоридани он ба дониши кофӣ соҳиб бошад. Зеро андозҳо мувофиқи тавсифи худ барои тадбиркор мазмуни хароҷотро дошта, ба натиҷаҳои молиявии ӯ таъсири назаррас мегузорад. Мувофиқи ин, пешакӣ ба нақша нагирифтани андозҳои супоридашаванда ба фаъолияти тадбиркор ҳам таъсири манфӣ расониданаш мумкин.

Пеш аз ҳама тадбиркор барои худ мақбулияти аз кадом тартиби андозсупор истифода бурданро бояд муайян кунад. Ба таври умумӣ гирем, субъектҳои тадбиркорӣ бо ду намуд ба андоз кашида мешавад:

1) бо тартиби умумимуайяншуда;
2) бо тартиби соддагардонида.

Тартиби аввал барои ҳисобнамоӣ ва супоридани тамоми андозҳои умумимуайяншуда истифода мешавад. Дар он мувофиқи ҳар як намуди андоз ҳисобу китоби алоҳида ба амал бароварда мешавад ва дар муддати муайяншуда маблағи андоз супорида мешавад.

Тартиби дуюм барои дастгирӣ намудан, рағбатноknамоии баъзе аз андозсупорандагон ва ба мақсади ба онҳо шарту шароитҳои муайяну имтиёзҳо муҳайё кардан истифода бурда мешавад. Дар он тамоми андозҳои умумимуайяншуда, ё ки ба ҷойи чандтои он намуди андози умумимуайяншудаи дигар ҷорӣ гардиданаш мумкин.

**Тартиби соддагардонии андозсупорӣ** – тартиби алоҳидаи пардохти андози барои баъзе андозсупорон муайяншуда ва барои ҳисобу супоридани баъзе намудҳои андозҳо, инчунин қоидаҳои махсуси ҷорӣ намудани тақдим намудани ҳисоботи андоз аз рӯйи онҳо.

*Моддаи 22-юми Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон*

Андозҳо ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ ва дар ҳар ду тартиб истифодабарии онҳоро дида мебароем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# АНДОЗҲОИ УМУМИМУАЙЯНШУДА ВА НАМУДҲОИ ДИГАРИ ПАРДОХТҲОИ МАҶБУРӢ

Дар моддаи 23-юми Кодекси андоз намудҳои андози умумимуайяншуда ва пардохтҳои дигари дар Республикаи Ӯзбекиситон амалкунанда ба ҳисоб гирифта шудааст. Аз ҷумла, ба намуди андози умумимуайяншуда инҳо даромадаанд.

**Намудҳои умуммуайяншудаи андоз**

- Фоидаи андозе, ки аз шахсони юридикӣ гирифта мешавад
- Даромади андозе, ки аз шахсони ҷисмонӣ гирифта мешавад
- Андози арзиши иловагӣ
- Андозҳои аксиз
- Андозҳо ва пардохтҳои дигар барои истифодабарандагони қаъри замин
- Андоз барои истифода аз захираҳои об
- Андози молу мулк
- Андози замин
- Андоз барои истифода аз бензин, дизел ва газ

Инчунин, намудҳои умумимуайяншудаи андози маҷбурӣ аз зеринҳо иборат буданаш муайян шудааст.

**Навъҳои пардохти маҷбурӣ**

- Пардохтҳои маҷбурӣ ба хазинаҳои бомақсади давлат
  - Пардохти ягонаи иҷтимоӣ
  - Бадали суғуртаи шаҳрвандон ба Хазинаи нафақаи аз буҷет берун
  - Ҷудонамоии маҷбурӣ ба хазинаҳои мақсадноки давлат
- Боҷи давлат
- Пардохти боҷхона
- Ҷамъоварӣ барои ҳуқуқи савдои яклухт ва хизматрасонӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шумо бо намудҳои асосии андози умумимуайяншуда ва тартиби пардохтани онҳо дар фанни «Асосҳои донишҳои иқтисодӣ» дар синфҳои 8–9 шинос шудаед.

## АНДОЗҲОИ ДАР ТАРТИБИ СОДДАГАРДОНИДА СУПОРИДАШАВАНДА

Тартиби соддагардонидаи пардохтани андоз барои баъзе тоифаҳои андозсупоранда истифода мешавад ва пардохти ягонаи андоз, андози ягонаи замин ва ҳисобномаоии андози барои баъзе намудҳои фаъолияти тадбиркорӣ муайяншуда, ҳам истифодабарии қоидаҳои махсуси пардохт, инчунин, барои андозҳои мазкур тақдим намудани ҳисоботи андоз дар назар дошта шудааст.

**Андозҳои дар тартиби соддагардонида супоридашаванда**

- Пардохти андози ягона
- Андози ягонаи замин
- Андози қатъии барои баъзе намудҳои фаъолияти тадбиркорӣ муайяншуда

Тартиби соддагардонидашудаи андозсупорӣ мувофиқи мазмуни худ барои тадбиркорон имтиёз ба ҳисоб меравад. Аммо ин тартиб барои тадбиркор дар ҳар гуна шароит ҳам як хел манфиатдор буда наметавонад. Мувофиқи ҳамин, ба тадбиркор ҳуқуқи ихтиёрии дар кадом тартиб супоридани андоз дода мешавад.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Барои чӣ барои ҳисобномаоии андозҳо ва супоридани он ба дониши мукаммал соҳиб будани ҳар як тадбиркор зарур аст?
2. Кадом намудҳои ба андоз кашидани тадбиркорӣ мавҷуд аст?
3. Тартиби умумимуайяншудаи андозсупорӣ чиро муайян мекунад?
4. Мазмуни тартиби соддагардонидашудаи андоз аз чӣ иборат аст?
5. Ба намуди андози умумимуайяншуда чиҳо медароянд?
6. Намудҳои пардохти маҷбурӣ аз чиҳо иборат аст?
7. Тартиби соддагардонидашудаи андозсупорӣ кадом намудҳои андозро ба худ мегирад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

БОБИ IV

# АСОСҲОИ МУВАФФАҚИЯТИ ТАДБИРКОРӢ

МАВЗӮИ 22

## МАРКЕТИНГ ДАР ТАДБИРКОРӢ

### МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКЕТИНГ

**Маркетинг** – дар ҳолати асосҳои талаботи бозорро омӯхтан, маҳсулот истеҳсол карда ва фурӯши онро ташкил кардан.

Консепсияи замонавии маркетинг маҳсулотҳои бозоргир ва фурӯхтанбобро ба ҳаҷми зарурӣ истеҳсол кардан ва ба тамоилҳои он нигаронида шудааст.

**Мақсади маркетинг** – бо роҳи талаби истеъмолчиёнро ба дараҷаи максимал қонеъ намудан фоидаи баланд гирифтан ва ҳаҷми баланди фурӯхтани маҳсулотро таъмин намудан.

Ба ин мақсад бо вазифаҳои зерини маркетинг сазовор шудан мумкин:

– талаби бозор ба маҳсулоту хизматҳо ва омӯхтани муаммоҳои вобаста ба қонеъгардонии он;
– омӯхтани рақобат ва рақобатчиёни бозор;
– банақшагирии истеҳсоли маҳсулот мувофиқи талабот;
– нархи маҳсулотро дуруст шакл додан;
– дар бораи маҳсулот ва хизматҳо бо ахборот таъмин кардан.

### ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГ

Вазифаи худро самаранок иҷро кардани маркетинг бо воситаи тадқиқоти маркетинг иҷро карда мешавад.

**Тадқиқоти маркетинг** – яке аз тадқиқотҳои маркетингии омӯзиши бозор буда, дар бораи истеҳсолнамоӣ ва маҳсулоти барои дар бозор фурӯхташаванда маълумот ҷамъ кардан, таҳлил кардан ва ҷораёни аз нав коркардро андаруни худ мегирад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Натиҷаҳои тадқиқоти маркетинг барои қарор қабул кардан ба роҳбари корхона ба намуди ҷадвал, нақша ва графикҳо тақдим карда мешавад.

Зарурияти тадқиқоти маркетинг ва аҳамияти он аз ҳамин иборат, ки ба тадбиркор ба кадом кор машғул шудан, мақсад ва мувофиқоии он фақат баъди иҷро гардидани он маълум мешавад. Роҳи ягона ва бовариноки пешгирии ин гуна ҳолат – гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ аст.

Тадқиқоти маркетинг барои муайян намудани талаби истеъмолгарон, афзал донистани ягон маҳсулот, хусусиятҳои ба худ хоси интихоби он ва дигар ҷиҳатҳои монанд ёрдам медиҳад.

## ЗИНАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГ

Муваффақияти тадқиқоти маркетинг ба сифати гузаронидани зинаҳои он вобаста аст. Зинаҳои асосии тадқиқоти маркетингро чунин нишон додан мумкин.




Дар бораи ҳар як зина алоҳида истода мегузарем.

## МУАЙЯН КАРДАНИ МАҚСАДИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГ ВА ГУЗОШТАНИ ВАЗИФАҲО

Аз тадқиқоти маркетинг чӣ интизорӣ меравад – инро саҳеҳ тасаввур намудан муайян кардани мақсадро тақозо мекунад. Ба мақсад нигоҳ карда, вазифаҳои ба он соҳиб шуданро муайян кардан. Дар айнан ҳамин зина ташкилкунии тадбиркорӣ ёки фаразҳо ба пеш бурда мешавад. Масалан:

– дар наздикии мактаб ташкил кардани дӯкони хӯрокҳои зудтайёршаванда фоидаи калон меорад;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– бо роҳи маҳсулотҳои тайёршударо ба синфхонаҳои хонондагон бурда фурӯхтан ҳаҷми фурӯшро барзиёд мекунад ва ҳоказо.

Дар давоми тадқиқоти маркетинг дуруст ёки нодуруст буданиин фаразҳо муайян карда мешавад.

## КОРКАРДИ НАҚШАИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГ

Дар давоми тадқиқоти маркетинг маҷмӯи муайяни ҳаракатҳои амалишаванда нақшаи онро намоён мекунад. Дар нақша, аввало ҷиҳатҳои зерин баён мешавад:

**1) муаммоҳои оиди амалинамоии тадқиқоти маркетинг.** Масалан:

– набудани маълумоти хонандагони мактаб дар бораи мавҷуд будани талаб ба маҳсулоти хӯроки тезтайёршаванда;

– муайян набудани рухсат додан ёки надодани роҳбарияти мактаб ба фурӯши маҳсулоти тайёршуда дар синфхонаҳо ва ҳоказо;

**2) гурӯҳи мақсаднок, яъне потенсиали харидорони маҳсулот.** Дар ин ҷо гурӯҳи мақсадноки Шумо хонандагони мактаби мазкур ба ҳисоб меравад. Дар ин бора фикри онҳоро омӯхтанатон лозим. Аммо барои ба ҳаммаи хонандагони як ба як сӯҳбат кардан вақти зиёд лозим. Ба ҳамин нигоҳ карда, шумо фақат бо як қисми маълуми онҳо яъне аз ҳар як синф бо якто хонанда сӯҳбат карда, фикри онҳоро донистанатон мумкин.

**3) таснифи тадқиқот.** Таснифи тадқиқот чунин шуданаш мумкин:

– шиноскунанда (вобаста ба муаммо ва ҳалли он маълумоти авvалро ғундоштан);

– таснифкунанда (рақамҳои аниқро тасдиқ кардан ёки рад кардан);

– эксперимент (дар миёни ҳодисаҳо сабаб, оқибат ва вобастагиҳоро расонида додан ва фаҳмондан. Масалан, маҳсулотро ба синфхонаҳо расондан ба ҳаҷми фурӯш чи гуна таъсир мерасонад);

**4) вобаста ба гузаронидани тадқиқоти маркетинг баҳо додани хароҷотҳо.** Одатан, ин гуна хароҷотҳоро дар намуди пул ёки вақт ифода намудан мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҶАМЪ НАМУДАНИ ХАБАРҲО ДАР БОРАИ ТАДҚИҚОТИ МАРКЕТИНГ

Ахборот дар ду намуд – якумдараҷа ва дуюмдараҷа буданаш мумкин. Ахбороти якумдараҷа ахбороти ҳоло мавҷуд набуда аст, ки онро аз манбаҳои зерин гирифтан мумкин:

– маслаҳатчӣ ёки экспертҳои ба фикри худ соҳиб, ки дар бораи ин муаммоҳо тадқиқот мегузаронанд;

– ҳаракати иштирокчиёни муаммои тадқиқшудаистодаро мушоҳида кардан;

– бо воситаи савол омӯхтан ва эксперимент.

Аз хабарҳои дуюмдараҷа бо воситаи таҳлили ахбороти гирифташуда маълумотҳо ворид мешавад.

## ТАҲЛИЛ КАРДАНИ АХБОРОТИ ГИРИФТАШУДА

Дар натиҷаи тадқиқоти маркетинг ахбороти гирифташуда таҳлил карда мешавад. Таҳлил бо усулҳои махсус ба амал бароварда, барои ба омма фаҳмо шудан дар намуди ҷадвал, диаграмма, графика ба расмият даровара мешавад.

## ТАВАССУТИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ ТАҚДИМОТ ТАЙЁР КАРДАН

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаатонро ба тарафҳои манфаатдор – роҳбарият, сармоядорон, ҳамкорони тиҷоратӣ, ходимони банк ва ба эътибори дигар мутахасисон расонидан лозим аст. Фикру хулосаатонро ба шунавандагон ба таври муайян, фаҳмо ва шавқовар расонидан – гарави муваффақияти кори саркардаатон ба ҳисоб меравад.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Дар фаолияти тадбиркорӣ ҷойи маркетингро фаҳмонида диҳед.
2. Мазмуни Консепсияи замонавии маркетинг аз чӣ иборат?
3. Мақсади маркетингро эзоҳ диҳед.
4. Чи гуна вазифаҳои маркетинг мавҷуд аст?
5. Ба ҳисоб гирифтан тамоилҳои асосии маркетинг чаро зарур аст гуфта фикр мекунед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 23 РЕКЛАМА ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТ

## РЕКЛАМА ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТ

Дар шароити иқтисодиёти бозор истеҳсоли маҳсулот муаммои асосӣ нест. Муаммои асосӣ – фурӯхтани маҳсулот ба ҳисоб меравад. Чунки дар шароити рақобат барои маҳсулотро ба дараҷаи нархи мақбул фурӯхтан дониши зиёд, маҳорат ва таҷриба лозим мешавад. Барои ин шаклҳои фурӯши маҳсулотро донистан зарур.

Агар шумо фурӯши маҳсулотро бо воситаи шӯъбаи савдои чакана ташкил кардани бошед, онро бо шаклҳои схемаи зерини нишондода-шуда истифода бурданатон мумкин.




## ШАКЛҲОИ ОДДИИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТ

Агар шумо маҳсулоти аз ҷиҳати андоза ёки техникӣ на он қадар мураккаби эҳтиёҷи ҳаррӯзаи рӯзгор фурӯхтани бошед, дар ин ҳол савдоро дар шакли **худхизматрасонӣ** ташкил карданатон мумкин. Дар он харидорон маҳсулотҳои ба пештахтаҳои махсус ҷойгиркардаро худашон дида, интихоб карда, хоҳиши онҳоро харидан пайдо шавад ва ба ҷойи ҳисоб гирифта меоранд. Тарафи мувофиқи он – ба худи ха-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ридор имконияти васеъи интихобро муҳайё карда, бо ин вақти бевоситаи хизматрасонӣ барҳам дода мешавад. Дар айни вақт дар бисёр супермаркетҳо фурӯши маҳсулотҳо ба худди ҳамин шакл ба роҳ монда шудааст.

Агар шумо доимо бо фурӯши маҳсулоти маҳдуди дар савдо набуда машғул бошед, дар ин ҳол аз мизоҷҳо **маҳсулотро аз аввал дар ҳолати бо воситаи қабули фармоиш фурӯхтан ба** роҳ монданатон мумкин. Дар ин ҳолат харидорон маҳсулотҳои ба худашон зарурро аз аввал фармоиш мекунанд. Фармоишҳо дар муддати муайяншуда аз дӯкон гирифта мешавад, ёки ба хонадон ё ҷойи кор расонида медиҳанд. Мувофиқи он: харидор маҳсулотро дар вақти худ ва кафолатнок харида мегирад; фурӯшанда ба харидори доимӣ соҳиб шуда, ба имконияти фурӯши кафолатнок соҳиб мешавад.

Роҳи босамар ва мураккаби дорои рақобати сахт дар фурӯши маҳсулот ва ба ҳурмати мизоҷ сазоворшаванда **хизматрасонии тартиби якка** мебошад. Дар ин намуд шумо фурӯши маҳсулотро дар шакли ба ҳар як харидор алоҳида хизмат расонидан ташкил мекунед. Ба харидор ба интихоби маҳсулот ёри расонида, барои аз маҳсулот чи гуна истифода бурдан маслиҳатҳо медиҳед, маҳсулотро қадоқ карда, ба харидор тақдим мекунед. Бо шаклҳои мувофиқ бо харидор ҳисобу китоб карда, баъд аз фурӯхтан, бо хоҳиши харидор ба манзил расонидан, дар ҳолатҳои баргардонидани маҳсулот қабул карданро ҳам ба роҳ мемонед.

Агар шумо воситаҳои техикӣ, маишӣ, мебел ва дигар ҷиҳозҳоро фурӯхтанӣ бошед, **ба намоиши кушод гузошта фурӯхтан** нафъовартар аст. Аз маҳсулоти ба майдончаи савдо гузошташуда харидор бо тарзи мустақил шинос шуда, мебарояд, дар ҳолатҳои зарурӣ шумо сифати маҳсулоти интихобкардаи ӯро аз назар гузаронида, маслиҳатҳо медиҳед, маҳсулотро банду баст карда, ба харидор тақдим мекунед.

## ШАКЛҲОИ МУРАККАБИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТ

Агар маҳсулоти шумо аз ҷиҳати ҳаҷм калон бошаду кашондани он душворӣ орад, дар ин ҳол аз шакли **маҳсулотро бо воситаи намуна фурӯхтан** истифода бурдан мувофиқ аст. Харидорон дар ҳоли мустақил, ёки бо фурӯшанда бо намунаҳои дар толори савдо гузошта шуда шинос шуда мебарояд. Баъди интихоб шудани маҳсулот ва пардохти маблағ шумо маҳсулотро аз анбори дӯкон ба харидор оварда медиҳед, ёки ба хонадони ӯ расонда доданатон мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳоло дар шароити ривоҷёфтаи технологияҳои алоқа **бо воситаи телефон фурӯхтан** яке аз шаклҳои самаранок ба ҳисоб меравад. Ин шакл барои маҳсулотро фурӯхтан шакли фаъолу озод буда, фурӯшанда миҷозонро бо воситаи рекламаи телефон ҷалб мекунад.

Шумо дар фурӯши маҳсулоти мураккаб ёки хизматҳо, масалан, хизматҳои инҷиниринг, сохтмон, маҳсулотҳои технологияҳои ахборот шакли **бо роҳи маслаҳат додан фурӯхтанро** интихоб карданатон дуруст мебошад. Дар ин шумо ба сифати фурӯшанда мутахассис – маслаҳатчиҳоро ҷалб карда, онҳо ба харидорон дар бораи маҳсулот маълумоти заруриро бояд расонанд.

Дар шакли бо **воситаи муҳокамаи байниҳамдигарӣ фурӯхтан** дар бораи маҳсулот фикру мулоҳазаҳо фаҳмида мешавад, якдигарро фаҳмидани фурӯшанда ва харидор, ба шаклдиҳии ҳисси нуқтаи назари умумӣ ҳаракат карда мешавад.

## ЗИНАҲОИ ФУРӮХТАНИ МАҲСУЛОТ

Шумо фурӯхтани маҳсулотро бомуваффақият ба амал овардани бошед, ба ҳар як зинаи он эътибори зиёд доданатон лозим.

**Ба мулоқот даромадан ва ба роҳ мондани алоқа.** Ҷараёни даставвали зинаи дар фурӯшбуда дар айни замон натиҷаи онро ҳам муайян карда медиҳад. Шумо, ки бо харидор ба мулоқот медароед, аз ҳама аввал боварии ӯро ҳосил карданатон зарур. Харидор аз гуфтаҳои шумо дар ҳама ҳолат ҳам шахси маҳсулоти худро фурӯхтаистодаро не, балки ҳамкори бо хоҳишу мақсади худ ба фаҳмондан ҳаракат кардаистодаро бояд тасаввур кунад. Дар акси ҳол гузаштан ба қисми дуюми ин зина – ба роҳ мондани алоқа ба амал намеояд. Дуруст, шояд харидор маҳсулоти шуморо харида гирад, аммо ӯ миҷози доимӣ ва ҳамкоратон нашуданаш мумкин.

Барои ҳамин харидорро фаҳмидан ва эҳтиёҷашро муайян кардан муҳим мебошад. Шумо ба харидор барои ба пуррагӣ ифода кардани хоҳишҳояш имкон диҳед ва бовар кунонед, ки ӯро бо диққат гӯш карда истодаед. Шояд харидор эҳтиёҷи худро бо пуррагӣ ифода карда натавонист. Шумо барои эҳтиёҷи онро ба пуррагӣ муайян кардан ҳаракат кунед.

Зинаи баъди эҳтиёҷи харидорро муайян кардан – **ба он маҳсулотҳоро намоиш додан ва далелҳо овардан** ба ҳисоб меравад. Чунки дар харидор ба намоиши маҳсулоти зарурии мувофиқи эҳтиёҷи ӯ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шубҳа буданаш мумкин. Далелҳои дар ин бора буда, барои харидорро дар ҳама ҳолат ҳам бовар кунонидан ба дуруст интихоб кардан не, балки ба эҳтиёҷи ӯ мувофиқ омадани маҳсулотро ифода карда, маълумотҳои иловагӣ додан бояд хизмат кунад.

Ба харидорон барои эътироз имконият додан лозим. Дар ин бора роҳи дуруст – **ба эътироз ҷавоб гардонидан** ҳисоб меёбад. Аммо ҷавоб ба шубҳа ва эътирози харидорро қонеъ намудан асоснок ва ҳаққонӣ буданаш лозим.

Дуруст ба роҳ мондани зинаҳои болоӣ барои ба амал баровардани зинаи охирин – **фурӯшро ба амал баровардан** имкон медиҳад. Ба роҳ мондани шаклҳои дурусти маҳсулот аз тарафи шумо ва интихоби зинаҳои дуруст нафақат ҳаҷми фурӯшро зиёд мекунад, балки доираи миҷозҳои доимиатонро ба шакл медарорад.

## ВАЗИФАҲОИ РЕКЛАМА

**Реклама** – калимаи лотинӣ буда, маънои «reclamos» – фарёд мезанамро дорад. Дар маънои васеъ бошад, саъю ҳаракатҳои бо роҳҳои гуногун ба омма эълон кардан, фаҳмондан ва диққати ҳаммаро ҷалб кардан мебошад.

Реклама **вазифаҳои маркетинг, хабар додан ва маърифӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро иҷро мекунад**.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Фурӯши маҳсулоти оддӣ аз маҳсулоти мураккаб чӣ фарқ дорад?
2. Кадом шакли фурӯши маҳсулот ба шумо маъқул буд? Боз кадом шаклҳоро дониста гирифтед?
3. Як шакли фурӯши маҳсулотро мисол оред. Дар мағозаҳое, ки шумо медонед ба кадом шакли фурӯши маҳсулот амал мекунанд?
4. Чӣ гуна зинаҳои фурӯши маҳсулот мавҷуд аст?
5. Ба фикри шумо дар растаҳои бозор ба кадом зинаи фурӯши маҳсулот кам этибор медиҳанд?
6. Реклама кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
7. Ҳоло дар Ӯзбекистон кадом вазифаҳои реклама васеъ ривоҷ ёфтааст?
8. Дар мамлакатамон кадом ширкатҳои рекламаро медонед?
9. Агар шумо фаъолияти тадбиркории худро реклама кардан хоҳед, аз кадом усул истифода мебаред?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 24 ИДОРА КАРДАНИ КОРХОНА

Тадбиркории фаол фаъолияти бизнесро бо иноватсия, яъне донишҳои замонавӣ, технологияҳои пешқадам ва дар асоси рафти идоракунӣ ташкил кардани равияҳои иқтисодӣ мебошад.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МЕНЕҶМЕНТ

Ба шумо барои тадбиркор шудан дар қатори бисёр қобилиятҳо қобилияти идоракунӣ ҳам буданаш лозим. Менеҷмент усули идоракунии замонавии тадбиркорӣ ба ҳисоб меравад.

**Менеҷмент** – маҷмӯи тамоил ва усулҳои фаъолияти корхонаро бомуваффақият идора намудан мебошад.

Мақсади асосии менеҷмент рентабелнокии фаълияти корхона ва ҳолати барқарори онро дар бозор таъмин намудан ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои зерини менеҷментро ҷудо карда нишон медиҳем:

– аз имкониятҳои корхона баромада маҳсулотҳои ба талаби бозор мосро (хизмат)ҳоро кор карда баромаданро ташкил намудан;

– ба ҷараёни истеҳсолот ходимҳои бомалакаро ҷалб намудан;

– шароити кории ҳодимонро, баробари бардоштани музди меҳати ҳодимон махсули меҳати онҳоро зиёд намудан;

– роҳҳои ривоҷ додани корхонаро дар даврҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат аниқ намудан;

– барои таъмин намудани фаъолияти самарадори корхона тарзи иҷро кардани вазифаҳои ҳар як шӯъба ва ҳар як қисми корхонаро дар таҳти назорат гирифтан.

## СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТИ МЕНЕҶМЕНТ

Барои пурратар тасаввур ҳосил намудан дар бораи менеҷмент субъект ва объекти онро ҷудо карда мегирем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Субъекти менеҷмент** – ин барои ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштаи корхона дар идоракунӣ инсони таъсир карда метавониста ё гурӯҳи одамон мебошад.

**Объекти менеҷмент** – тамоми чизҳои равона кардашудаи таъсири субъекти менеҷмент, ки аз тарафи ӯ идора карда мешавад.

Аз ин маълум мешавад, ки ба сифати субъекти корхона роҳбари корхона, мутахасисҳои ба соҳаҳои гуогун ихтисосшуда ва дигар шахсони ба идоракунӣ таъсир расонида метавонистаро ба ҳисоб гирифтан мумкин. Идоракунандагони кирояи корхона, яъне мутахасисҳои идоракунӣ, мененҷерҳо гуфта мешавад.




Объекти менеҷмент дар корхона фаъолияти шахсони ба идоранамоӣ равонакардашуда, соҳаҳо, ҷараёнҳо ва аз дигарон иборат буданаш мумкин.

## ФУНКСИЯҲОИ ИДОРАКУНӢ

Мазмуни ҳар гуна корхонаро идора кардан, бо воситаи вазифаҳои дар боло нишондодаи функсияҳои идоракунӣ айнан намоён мешавад.




Таҳлил – ин фаъолияти ҳолати корхонаро баҳо додан ва бо ҳолати корхонаҳои рақобатгар муқоиса кардан ба ҳисоб меравад. Ин гуна баҳодиҳӣ бо даврҳои гуногун, масалан бо моҳ, чоряк, сол ба амал оварда, дар ин давр ҳолати тағйироти дар корхона шударо муайян



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мекунанд. Дар чараёни таҳлил омилҳои ба фаъолияти нишонддодҳои корхона таъсиркунанда ҳам муайян карда мешавад.

Банақшагирӣ – ин муайян кардани мақсадҳои ривоҷдеҳии корхона буда, он бо натиҷаҳои аниқ намоён мешавад. Ба ин нақшаи бизнесро мисол овардан мумкин. Дуруст ва пухта ба нақша гирифтани фаъолият, гарави ба муваффақият расидан ҳисоб меёбад.

Ташкил кардан – ин ҷараёне, ки ҳаракатҳои алоҳидаи корхона ва ҳаракати ходимонро байни ҳам мувофиқ мекунад. Бо воситаи ташкил кардани сохтори таркибии муайяни корхона шакл мегирад. Баробари ин, вазифа ва ӯҳдадориятҳои ходимони дараҷаашон гуногунро бо ҳамдигар мувофиқ мегардонад.

Ҳавасманд кунонидан (мотиватсия) – ин мақсадҳое, ки аз тарафи корхона муайян карда шудааст, ҷараёни ходимони корхонаро ҳавасманд кунонидан мебошад. Маҳорати идоракунии тадбиркор, дар ходимони худро таҳти мақсади ягона ҷамъ карда тавонистанаш намоён мешавад.

Назорат кардан – ин вазифаҳои аз тарафи корхона амалӣ гардидашудаистода ба меъёрҳо мувофиқ буданашро муқоиса мекунад. Назорат ҷараёни бардавом буда, сифати кории тамоми фаъолияти корхонаро ҷустуҷӯ мекунад.

## ҚИСМИ ТАРКИБИИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНА

Маълум мешавад, ки шумо ба сифати тадбиркор тамоми вазифаҳои идоракунии корхонаро ба роҳ монда тавонистанатон лозим аст. Агар корхонаатон он қадар калон набошад, ин корҳо аз дасти як худатон ҳам меояд. Идора кардани корхонаҳои калон ҷараёни мураккаб буда, ӯро ба якчанд қисмҳои таркибӣ ҷудо кардан мумкин.




Албатта, шумо ба сифати роҳбар ҳар яки ин қисмҳоро пурра ва босифат идора карда натавонистанатон мумкин. Барои он ки ҳар яке



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

аз ин соҳаҳо дониш ва малакаи ба худ хосро талаб мекунад. Аз сабаби ҳамин ҳар як соҳаро мутахасисони соҳиби дониш ва малакаи махсус дошта дар таҳти назорат мегирад.

Масалан, чараёни бевоситаро муҳандис ва технологҳо, молияро менеҷерҳои молия, ҳисобдон ва аудиторҳо, ходимҳо – мутахасисон доир бо масъалаҳои ходимон, таъминотчиён – мутахасисон доир ба фурӯши маҳсулот, аз тарафи маркетологҳо назорат карда мешавад. Роҳбари корхона бошад фаъолияти онҳоро мувофиқ кунонида, идоракунии умумиро ба амал меорад.

## УСУЛҲОИ ИДОРАНАМОӢ

Шумо корхонаи худро барои босамар идора намудан дар бораи усулҳои он таассурот пайдо намудаатон лозим.

**Усулҳои идора кардани корхона** – дар идоракунии субъективӣ барои ба натиҷаҳои муайян расидан ба объекти идоракунӣ, маҷмӯи усулҳои таъсир расонидан мебошад.

Бо воситаи усулҳои идоранамоӣ ба чараёнҳои иқтисодии корхона таъсир мерасонад. Мувофиқи мазмуни таъсиррасонӣ усулҳои ташкилию идоранамоӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию психологии идоранамоӣ мавҷуд аст.




### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Ба қобилияти идоракунӣ соҳиб шудани тадбиркор чӣ гуна аҳамият дорад?
2. Менеҷмент чист? Мақсади асосии менеҷмент аз чӣ иборат аст?
3. Чӣ гуна вазифаҳои менеҷмент вуҷуд дорад?
4. Субъект ва объекти менеҷмент чист? Онҳо аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
5. Дар бораи ҳар яки функсияҳои идоракунӣ тавсиф диҳед?
6. Чӣ гуна қисмҳои таркибии идоракунии корхонаро медонед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 25 БА ЭКСПОРТ БАРОВАРДАНИ МАҲСУЛОТ

Бо мақсади боз ҳам рағбатноксозии экспорт сохтори аз ҷиҳати техникӣ батартибовариро ба стандартҳои байналхалқӣ мувофиқ кунонидан лозим. Яке аз мақсадҳои асосиамон – ба бозори беруна маҳсулоти босифат ва сертификатонидашударо бо номи «бренди ӯзбек» баровардан иборат аст.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***

### ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНАИ КОРХОНА

Баъзе тадбиркорон фурӯхтани маҳслоти худро дар бозори беруна мақсад мекунанд.

**Бозори беруна** – барои мамлакати муайян бозори давлатҳои хориҷӣ буда, он ба воситаи созишномаҳои байналхалқӣ ба тартиб даровардa мешавад.

Чунки иштирок дар бозори беруна ба дараҷаи баланд ривоҷ ёфтани фаъолияти тадбиркорӣ, тайёр будани ӯ ба рақобаткунӣ бо тадбиркорони хориҷиро мефаҳмонад. Ба бозори беруна баромадани тадбиркорони миллӣ барои давлат ҳам боманфиат буда, вай ба дастгирӣ намудани чунин тадбиркорон ҳаракат мекунад.

Дар ин бора дар ташкил намудани фаъолияти худ ба ду ҷиҳат эътибор додани тадбиркор ба мақсад мувофиқ аст. Якум, ӯ баъд аз ба дараҷаи барқарор ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти дохилии худ ба бозори беруна баромадани худро ба нақша гирифтанаш мумкин.

Дуюм, ӯ кори худро рӯирост аз баровардани маҳсулот ба бозори беруна сар карданаш мумкин. Дар ҳар ду ҳолат ҳам чуқур донистани фаъолияти иқтисодии берунаи корхона тақозо мегардад.

**Фаъолияти иқтисодии берунаи корхона** – интегратсия ва кооператсияи коркардабароии байналхалқӣ, экспорт ва импорти мол ва хизматҳо, соҳаи фаъолияти хоҷагии вобаста ба баромадан ба бозори беруна мебошад.

Фарқи фаъолияти иқтисодии берунаи корхона аз фаъолияти дарунии хоҷагӣ дар он аст, ки фаъолияти берунаи иқтисодӣ дар асо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

си валютаҳои қатъии конвертатсияшавандаи озод амалӣ карда шуда, тавассути воситаҳои махсуси давлат ба тартиб дароварда мешавад.

Фаъолияти иқтисодии беруна гуфта, фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонии Республикаи Ӯзбекистон барои баркарорнамоӣ ва ривоҷдиҳии алоқаҳои иқтисодии фоиданоки байниҳамдигарӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонии давлатҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ фаҳмида мешавад.

Шахсони ҳуқуқии дар Республикаи Ӯзбекистон ба рӯйхат гирифташуда, инчунин, шахсони ҷисмоние, ки дар ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон ба ҷойи зист соҳибанд ва ҳамчун тадбиркори тартиби якка ба рӯйхат гирифта шудаанд, ҳуқуқи ба фаъолияти берунии иқтисодӣ машғул шуданро доранд.

***Қонуни Республикаи Ӯзбекистон дар таҳрири нав аз 26-уми майи соли 2000 таҳти рақами 77-II «Дар бораи фаъолияти иқтисодии беруна», моддаи 3***

## САВДОИ БЕРУНА

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти иқтисодии беруна – савдои беруна ҳисоб меёбад. Савдои беруна бештар бо шартномаҳои савдои беруна ба воситаи муоҳидаи тиҷоратии бо шартномаҳои савдо расмикунонида амалӣ мегардад.

**Савдои беруна** – савдое мебошад, ки аз баровардан (экспорт) ва даровардан (импорт)-и маҳсулот ва хизматҳои байни мамлакатҳо иборат аст.

Аз ин маълум мешавад, ки савдои беруна аз экспорт ва импорти маҳсулот ва хизматҳо иборат мебошад.

**Экспорт** – ба харидорони берун аз мамлакат фурӯхтани маҳсулот ва хизматҳост.

**Импорт** – аз фурӯшандагони берун аз мамлакат харида гирифтани маҳсулот ва хизматҳост.

Дар савдои беруна иштирок кардан, хусусан, молро бо экспорт фурӯхтан тайёригариҳои махсуси аз якчанд зинаҳо иборатро талаб мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БАҲОГУЗОРИИ РАҚОБАТБАРДОРИИ МАҲСУЛОТЕ, КИ БА ЭКСПОРТ ФИРИСТОДА МЕШАВАД

Шумо ба бозори байналхалқӣ баромаданӣ шавед, ичро намудани як қатор вазифаҳои амалӣ талаб карда мешавад. Аз ҷумла, аввал бо маҳсулоти рақобаткунандагони асосӣ бояд шинос шавед, нишондиҳандаҳои техникии онҳоро таҳлил намоед. Ин барои ҷиҳатҳои беҳтар намудан ва муайян кардани камбудии маҳсулоти худатон кӯмак менамояд.



Маҳсулоти корхонаи А

- Нишондиҳандаҳои техникӣ
- Нархаш
- Хизматҳо оиди маҳсулот
- Бозорҳои асосии фурӯш



Маҳсулоти корхонаи Б

- Нишондиҳандаҳои техникӣ
- Нархаш
- Хизматҳо оиди маҳсулот
- Бозорҳои асосии фурӯш



Маҳсулоти шумо

- Нишондиҳандаҳои техникӣ
- Нархаш
- Хизматҳо оиди маҳсулот
- Бозорҳои асосии фурӯш

Таҳлил кардани нархҳои маҳсулоти рақобаткунандагон барои маҳсулоти шумо дараҷаи рақобатбардории нархи муайянгардидаро нишон медиҳад.

Омӯхтани маҷмӯи хизматҳои таклифшуда оиди маҳсулоти аз ҷониби рақобаткунандагон экспортшаванда барои баҳогузории то кадом дараҷа тайёр будани маҳсулоти шумо ёрӣ мерасонад.

Шумо ба воситаи таҳлил кардани бозорҳои асосии фурӯши рақобатчиёнатон метавонед бозори кадом мамлакат барои маҳсулоти шумо мувофиқ буданашро муайян намоед.

Натиҷаи корҳои ин марҳила истиқболи маҳсулоти корхонаи дар бозорҳои нави беруна бударо пешакӣ тасаввур кардан ҳисоб меёбад.

## МАҲСУЛОТРО БА ЭКСПОРТ ТАЙЁР КАРДАН

Ба экспорт баровардани маҳсулот ҳисоб кардани сарфу хароҷоти иловагии ба бозори беруна баромадан вобастабударо талаб мекунад. Аз ҷумла, ба ғайр аз хароҷоти асосии ба коркард ва фурӯши



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маҳсулот вобастабуда реклама, дар намоишгоҳҳо иштирок кардан, кушодани ваколатхонаҳо барин хароҷоти иловагӣ ҳам пайдо шуданаш мумкин.

**Ҳисоб кардани хароҷоти иловагӣ**

- ☐ Рекламаи беруна
- ☐ Дар намоишгоҳҳо иштирок кардан
- ☐ Кушодани ваколатхонаҳо

**Амалӣ кардани корҳои вобаста ба тайёрнамоӣ барои фурӯш**

- ☐ Ташкил кардани мулоқотҳо
- ☐ Оиди маҳсулот хабар додан
- ☐ Барои кашондани маҳсулот бо корхонаҳои нақлиётӣ шартномаҳо бастан
- ☐ Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳоро тайёр намудан
- ☐ Тартиби пардохти музд, шакли ҳисобу китобро аниқ кардан
- ☐ Паспорти маҳсулот, тавсифҳои техникӣ, дастурамалҳо оиди истифодабариро тайёр кардан

Инчунин, тайёрнамоии маҳсулоти корхона барои фурӯш ба экспорт амалинамоии ташкилкунии мулоқотҳо дар ин бора, хабар додан оиди маҳсулот, шартномаҳо бастан бо корхонаҳои нақлиётӣ барои кашондани маҳсулот, лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳоро тайёр намудан, тартиби пардохти музд, шакли ҳисобу китобро аниқ кардан, паспорти маҳсулот, тавсифҳои техникӣ, дастурамалҳо оиди истифодабариро тайёр кардан барин корҳоро тақозо менамояд.

## МУАЙЯН КАРДАНИ НАРХИ МАҲСУЛОТИ ЭКСПОРТ

Дуруст ҳисобу китоб кардан ва шаклдиҳии нархи экспорт муҳим ҳисоб меёбад. Чунки дар он ба ғайр аз коркарди маҳсулоти экспортшаванда хароҷоти зерини иловагиро ҳам ба ҳисоб гирифтан лозим:






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## АЗ РӮЙХАТИ БОҶХОНА ГУЗАРОНДАН

Барои экспорт кардани мол аз тадбиркор талаб карда мешавад, ки онро аз рӯйхати боҷхона гузаронад. Барои ин ҳуҷҷатҳои зерин зарур мешавад:

– шартнома оиди экспорти маҳсулот (созишнома, муоҳида);
– декларатсияи боҷхонаи бор;
– ҳуҷҷатҳои назораткунандаи нақлиёт ва мол.

## ТАЪҚИҚНАМОӢ ВА МАҲДУДКУНИИ ЭКСПОРТ ВА ИМПОРТИ МОЛҲО

Дар мамлакатамон таъқиқ намудани экспорт ва импорти молҳо, ҳамчунин маҳдудкунӣ муқаррар гардиданаш мумкин. Ин бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– таъминнамоии бехавфии миллӣ;
– муҳофизати ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, муҳофизати олами ҳайвонот ва растаниҳо, ҳамчунин муҳофизати муҳити атроф;
– риоянамоӣ ба ахлоқу одоби иҷтимоӣ ва ҳуқуқу тартибот;
– ҳифзи мероси маданӣ;
– нигоҳ доштани балански пардохти мамлакатамон;
– иҷрои маҷбуриятҳои байналхалқии мамлакатамон;
– пешгирии тамомшавии захираҳои табиии барқарорнашаванда.

Тибқи ҳамин, экспорт ва импорт кардани баъзе навъҳои молҳо фақат баъд аз гирифтани рухсатнома (литсензия)-и дахлдор амалӣ карда мешавад. Литсензияҳо аз тарафи органҳои ваколатдор дода мешавад.

Нисбати экспорт ва импорт кардани баъзе навъҳои молҳо муқаррар гардидани маҳдудиятҳо (квотаҳо)-и миқдорӣ мумкин. Тақсимкунии квотаҳо, ба тариқи қоида, озмун ё ки дар асоси савдои кӣ зиёд амалӣ карда мешавад.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Бозори беруна чист?
2. Ба бозорҳои беруна баромадани тадбиркорон барои кӣ манфиатнок ҳисоб меёбад?
3. Ҷиҳати ба худ хоси фаъолияти иқтисодии берунаи корхона дар чист?
4. Дар мамлакатамон бо фаъолияти иқтисодии беруна киҳо машғул шуданашон мумкин?
5. Савдои беруна чист? Он чӣ тавр амалӣ карда мешавад?
6. Фарқи экспорт ва импорт чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 26 ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИЯ

Аз ин нуқтаи назар, ба шакл даровардани барномаи давлатии навсозӣ ва инноватсионӣ, авлоди нави кадрҳои аз инноватсия ва инвеститсияҳо босамар истифодабаранда, тайёр намудани синфи нави сармоядорон дорои аҳамияти муҳим аст. Барои ин баҳри ривоҷбахшии технологии Ӯзбекистон, барои навсозии бозори дохилӣ дастури миллӣ ва ғояи миллии пурқудрат лозим. Ин дастур барои зудтар Ӯзбекистонро ба қатори мамлакатҳои тараққикарда гирифта баромадан бояд имкон муҳайё намояд.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***

### ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИЯ

Агар Шумо фаъолияти тадбиркориро ба роҳ мондан хоҳед, ба мафҳуми инвеститсиягузорӣ рӯ ба рӯ шуданатон табиӣ аст. Зеро, дар тадбиркорӣ фаъолияти инвеститсия ҷойи муҳимро соҳиб аст. Фаъолияти инвеститсия – ҷарайёни ба мақсади фоида гирифтан пул ё маблағҳои дар шакли дигар бударо ба истеҳсолнамоӣ ҷалб намудан ва аз онҳо истифода бурдан.

**Фаъолияти инвеститсия** – маҷмӯи ҳаракатҳои вобаста ба амалинамоии инвеститсияҳои субъекҳои фаъолияти инвеститсия.

***Моддаи 3-юми Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти инвеститсия» аз 9-уми декабри соли 2014 таҳти рақами ҚРӮ-380.***

Шумо, асосан, барои кадом соҳа ба инвеститсиягузорӣ машғул шуданатон мумкин?

Пеш аз ҳама барои таъмини корхона бо бинои нав, бо техника ва асбобу дастгоҳҳои навҷиҳозонидан ё мавҷуд будаашро бо навъҳои замонавӣ ва босамар иваз намудан. Ин ҷараён **модернизатсияи техникӣ ва ё технологӣ** ҳам номида мешавад.

**Модернизатсияи техникӣ ва ё технологӣ** – ивазнамоии ҷиҳоз, асбобу дастгоҳҳои нав, техника ва технологияҳои мавҷуда бо навъҳои замонавӣ ва пешқадам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Инчунин, Шумо барои васеъ намудани истеҳсолот инвеститсия ҷалб намуданатон мумкин аст. Ин ҷарайёни сохтани биноҳои иловагӣ, ба кор андохтани қувватҳои нави истеҳсолот, ҷалб намудани коргарҳои иловагиро дар бар мегирад.

Барои ҷорӣ кардани намудҳои нави фаъолият даровардани инвеститсия муҳим ҳисобида мешавад. Зеро Шумо истеҳсолотеро, ки чандин намуди фаъолиятро дар бар мегирад ташкил кардаед, дар шароити дигар шудани бозор ҳам имконияти даромад гирифтанатон васеъ мешавад. Васеънамоии намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ **диверсификатсиянамоии истеҳсолот** номида мешавад.

**Диверсификатсиянамоии истеҳсолот** – васеъ намудани навъҳои истеҳсоли маҳсулот бо мақсади зиёд намудани мувофиқоии тағйири ҳолати бозор.

Пас, кушодани корхона, ба кор даровардани он, васеънамоии фаъолият ва бо мақсадҳои боз ҳам ривоҷбахшии он сарф кардани маблағ сармоягузорӣ ба шумор меравад.

## СИЛСИЛАБАНДИИ ИНВЕСТИТСИЯҲО

Барои ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари инвеститсия дар бораи намудҳои инвеститсияҳо соҳиби маълумоти пурра буданатон зарур аст. Инвеститсия (калимаи англисии *investments*) – маблағи бо намудҳои гуногун барои ташкили истеҳсолот ё онро васеъ намудан равона гардида.

Маблағҳои ба сифати инвеститсия даровардашуда, одатан, сармоягузории устувор ҳам номида мешавад.

Асосан инвеститсияҳои реалӣ ва молиявӣ (портфел) фарқ дорад.

**Инвеститсияҳои реалӣ** – маблағгузорӣ ба сармояи ҷисмонии корхона. Барои мисол, харидани асбобу ускунаҳо, ҷиҳоз ё биною иншоотҳоро таъмири ҷорӣ намудан. Инвеститсияи реалӣ барои ба роҳ мондани истеҳсолот ва васеънамоии он таъсири бевосита мерасонад.

**Инвеститсияи молиявӣ** – харидани коғазҳои арзишдори корхона (саҳмия, облигатсия ва дигарҳо). Дар он маблағҳои пулии аз фурӯши коғазҳои арзишдори корхона ба мақсадҳои минбаъд васеъ намудани истеҳсолот сарф шуданаш мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАНБАЪҲОИ ИНВЕСТИТСИЯ

Барои дар амал татбиқ намудани фаъолияти инвеститсия, аввало манбаъҳои онро муайян кардан зарур. Дар навбати худ манбаъҳои дохила ва берунаи онро ҷудо намуда нишон доданамон мумкин.

Манбаъҳои дохилаи инвеститсия инҳо ба шумор меравапд:




Манбаҳои берунаи инвеститсия инҳо ба шумор меравапд:




## ЛОИҲАИ ИНВЕСТИТСИЯ

Ҳар доим ҳам инвеститсияи ба амал баровардаамон натиҷаи фикр кардаи моро намедиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо самараи хеле паст оварда, баъзан бошад, умуман худро сафед карда наметавонад. Чунин ҳолат таваккал (риск)и инвеститсия номида мешавад.

**Риски инвеститсия** – мувофиқи сабабҳои ғайричашмдошт эҳтимоли ҷудошавии молиявӣ, оқибати самара наовардани маблағҳои инвеститсия.

Бо мақсади кам кардани риски инвеститсия пеш аз сарф намудани маблағҳои инвеститсия ҳисобу китоби пухта кардан лозим. Ин тавассути кор кардани лоиҳаи инвеститсия амалӣ мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Лоиҳаи инвеститсия** – маҷмӯаи тадбирҳои байни худ вобастаи гирифтани фоидаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳо барои амалӣ намудани инвеститсияҳои равонашуда.

***Моддаи 6-уми Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти инвеститсия» аз 9-уми декабри соли 2014 таҳти рақами ҚРӮ-380***

Кор карда баромадани лоиҳаи инвеститсия мисли намудҳои лоиҳаҳои илмию техникӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию иқтисодӣ буда метавонад.

## ТАҲЛИЛИ ЛОИҲАИ ИНВЕСТИТСИЯ

Коркарди дурусти лоиҳаҳои инвеститсия, барои баҳодиҳии асоснок будани чораю тадбирҳои муайяншуда, онро бояд таҳлил намуд.

**Таҳлили лоиҳаи инвеститсия** – маҷмӯи ҳаракатҳо ва усулҳои муайяни имкони баҳодиҳӣ барои ба мақсад мувофиқ будани инвеститсияҳо дар амал.

Таҳлили ҳар гуна лоиҳаи инвеститсия ҷараёнҳои зеринро дар худ таҷассум менамояд:

1) интихоб ва тайёр намудани маълумоти зарурӣ;

2) аз нав коркарди маълумоти аввала ва ба шакл даровардани маълумоти таҳлилӣ;

3) талқини маълумоти таҳлилӣ;

4) тайёр кардани хулоса ва тавсияҳо.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Фаъолияти инвеститсия чиро мефаҳмонад?
2. Диверсификатсиянамоии истеҳсолот чиро мефаҳмонад?
3. Кадом намудҳои асосии инвеститсия мавҷуд аст?
4. Фарқи инвестисияҳои реалӣ ва молиявӣ (портфел) дар чист?
5. Кадом манбаъҳои ба амалбарории фаъолияти инвеститсия мавҷуд аст?
6. Ба лоиҳагирии инвестисия чист ва кадом намудҳои он мавҷуд аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 27 ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

Имрӯз мо ба роҳи равнақи инноватсионӣ, ки барои азнавсозии тамоми соҳаҳои давлат ва ҳаёти ҷамъият равона шудааст, гузашта истодаем. Ин, албатта беҷиз нест. Зеро дар ин даври ҳозира, ки замон бошиддат ривоҷ меёбад, кӣ ғолиб меояд? Давлате, ки ба фикри нав, ғояи нав, инноватсия такя мекунад, бурд мекунад.

Инноватсия – ин ояда аст. Мо ояндаи бузургамонро агар аз имрӯз оғоз карданӣ бошем, онро айнан бо ғояҳои инноватсионӣ ва такя ба инноватсия оғоз намуданамон даркор.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***






### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛГАРДОНӢ

1. Хусусияти фарқкунандаи маҳсулотҳои дар расмҳо ифодашуда аз маҳсулотҳои одатӣ дар чист?
2. Бартариҳо ва хусусиятҳои ба худ хоси ин маҳсулотҳо дар чист?
3. Шумо ҳам дар ҳолати ғайриодатӣ оиди истеҳсоли ягон маҳсулот фикр кардаед?

## ИННОВАТСИЯҲО

Ба шумо маълум аст, ки дар мамлакатамон соли 2018 «Соли тадбиркории фаъол, ғояҳои инноватсионӣ ва дастгирии технологияҳо» номида шуд. Хӯш, худи инноватсия чист?

**Инноватсия** (бо анг. «*innovation*» – навигарӣ, навоварӣ) – технологияҳои нав, намудҳои маҳсулоту хизматҳо, истеҳсолот, меҳнат, хизматрасонӣ ва дастгирии навгониҳо дар намуди раёсат.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Пас, аз ин маълум мешавад, ки агар шумо истеҳсоли маҳсулоти нави то ин вақт вуҷуд надошта ва ё хизматрасониро ба роҳ монед, дар он ҳолат инноватсияро амалӣ мегардонед.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Аввалин шуда мафҳуми инноватсияро иқтисодчии австриявӣ Й. Шумпетер ба муомила дароварда, панҷ ҷиҳати онро нишон додааст:

– истифода аз чараёни техника ва технологияи нав;
– ҷорӣ намудани маҳсулоти дорои хосиятҳои нав;
– истифода аз ашёи хоми нав;
– дигаргуниҳо дар ташкили истеҳсолот ва таъминоти моддию техникии он;
– пайдо шудани бозорҳои нави фурӯш.

## ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНА

Барои таъмини мамлакат бо баландравии иқтисодӣ ва равоҷёбӣ дар корхонаҳо ба роҳ мондани фаъолияти иннватсионӣ зарур аст.

**Фаъолияти инноватсионии корхона** – ҷамъи тадбирҳои ба ҷорӣ намудани дониш ва технологияҳои нав равонашуда.

Ин тадбирҳо дорои тавсифи илмӣ, технологӣ, молиявӣ, ва тиҷоратӣ буда метавонад. Дар натиҷаи дар корхона амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ:

– ба роҳ мондани истеҳсоли навъи нави маҳсулот ёки хизмат расонӣ;
– дар маҳсулот ё хизматҳои мавҷуда ҳосил кардани хусусиятҳои нави сифат.

Идоранамоии фаъолияти инноватсионии корхона менеҷменти инноватсионӣ номида мешавад.

## СИЛСИЛАБАНДИИ ИННОВАТСИЯҲО

Агар шумо дар фаъолияти худ инноватсияҳоро ба амал баровардани бошед, дар он вақт навъҳояшро бояд донед. Инноватсияҳо бо навъҳои зерин тафовут доранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мазмуни ҳар як навъи инноватсияро дида мебароем.




**Инноватсияҳои техникӣ** – истеҳсолнамоии маҳсулоти дорои хусусиятҳои нав ё такомулёфта. Ин ҷо шумо шояд ягон хусусияти техникии маҳсулоти худро такмил бахшидаед.

**Инноватсияҳои технологӣ** – дар истеҳсолнамоии маҳсулот усулҳои нисбатан такомулёфтаро истифода бурдан. Ин ҷо ба технологияҳои истеҳсолкунандаи маҳсулот дигаргуниҳои нав даровардан мумкин аст.

**Инноватсияҳо доир ба идоранамоии ташкилӣ** – чораёнҳои вобаста ба истеҳсолот, нақлиёт, таъминот ва фурӯшро дар ҳолати мақбул ташкил намудан. Дар корхона шумо дар мазмуни чораёни ташкилию идоранамоии мавҷуда дигаргуниҳои навро амалӣ намуданатон мумкин.

**Инноватсияҳо доир ба ахборот** – чараёнҳои вобаста ба таъмини тезкорӣ ва боварибахш гирифтани ахборот доир ба фаъолияти инноватсионии корхона. Алалхусус, дар вақти ҳозира, ки технологияҳои ахбороту коммуникатсия бо ҷадал ривоҷ меёбад ин равиш аҳамияти муҳим касб менамояд.

**Инноватсияҳои иҷтимоӣ** – чараёнҳои вобаста ба беҳтар намудани шароити меҳнат, ҳалли муаммоҳои соҳаҳои ҳифзи тандурустӣ, таълим, маданият. Ин ҷо маълум мешавад, ки дар чараёни ба хонандагон таълим додан ҷорӣ намудни технологияҳои нав ҳам инноватсия ҳисобида мешавад.

## МАНБАЪҲОИ ҒОЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

Барои он ки шумо дар фаъолияти худ инноватсияро ба амал бароред, нахуст оиди инноватсия соҳиби ғоя буданатон лозим. Ғояҳои инноватсионӣ яку якбора пайдо шуданаш ҳам ё онҳоро мувофиқи мақсад шакл бахшидан ҳам мумкин. Ҳамин гуна, манбаъҳои ғояҳои инноватсияро ҷудо карда нишон додан мувофиқи мақсад аст:

1) ҳодисаи ғайриинтизор.Дар фаъолияти шумо муваффақияте ёки ноомадие ба ғояҳои нав ва ихтироъ сабаб шуданаш мумкин;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2) номувофиқи оиди ягон чиз дар байни ҳақиқат ва тасаввуратон. Одатан тасаввур нисбати ҳолати ҳақиқӣ мусбаттар ва баландтар мешавад ва барои дигаргуниҳои тоза намудан раҳнамун мешавад;

3) навгониҳо дар асоси эҳтиёҷи ҷараён. Шумо ягон ҷараёнро аз назар гузаронида, дар он ҷо нарасидани чизеро ҳис мекунед. Пур намудани он бошад ба офаридани навигарӣ оварда мерасонад;

4) дигаргуниҳои фавқулода дар равиши фаъолиятатон ё дар бозори маҳсулот;

5) дигаргуниҳо дар дониш. Маълумоти нави гирифтаатон дар бораи ягон маҳсулот ва ё ҷараён дарҳол барои онро дар амалиёт ҷорӣ намудан роҳнамун мешавад. Ин бошад дар асоси дониши нав асос гузоштан ба маҳсулот ва хизматҳои нав оварда мерасонад.

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Аз чӣ сабаб соли 2018-ро дар мамлакатамон «Соли дастгирии ғояҳои инноватсионӣ, технологияҳо ва тадбиркории фаъол» номиданд?
2. Маънои калимаи инноватсия чист?
3. Фаъолияти инноватсионии корхона чиро мефаҳмонад?
4. Натиҷаи дар амал татбиқ намудани фаъолияти инноватсионии корхонаро чӣ хел баҳо додан мумкин?
5. Дар корхона идоранамоии фаъолияти инноватсиониро чӣ гуна ном мебаранд?
6. Инноватсия бо кадом намудҳо фарқ дорад?
7. Ғояҳои инноватсионӣ чист ва он чӣ тавр пайдо мешавад?

## СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Тадбиркори ҷавон Умеда Ёқубҷонова маҳсулоти намуди «А» истеҳсол мекунад. Ҳаҷми моҳонаи истеҳсолии ӯ 32000 дона, хароҷотҳои умумӣ 100 млн. сӯмро, даромади умумӣ бошад 120 млн. сӯмро ташкил мекунад. Тадбиркор дар корхона фаъолияти инноватсиониро амалӣ намуда, дар ҷараёни истеҳсолот технологияҳои навро ҷорӣ намуд ва маҳсулоти тайёршудаистодаро такмил дод. Дар натиҷа ӯ дар як моҳ 50000 дона маҳсулот истеҳсол намуда, ба 200 млн. сӯмина даромад муваффақ гашт. Ин ҷо хароҷотҳои истеҳсолот 125 млн. сӯмро ташкил намуд. Муайян намоед, ки натиҷаи дар корхона фаъолияти инноватсиониро ба роҳ мондан дар нишондод ва самарадорӣ чӣ дигаргуниҳо рӯй дод.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ V

# РИСК ДАР ТАДБИРКОРӢ ВА РАҚОБАТБАРДОРӢ

## МАВЗӮИ 28

## БАҲОДИҲИИ РИСКҲОИ ТАДБИРКОРӢ

### МАФҲУМИ РИСК

Фаъолияти тадбиркорӣ доимо ҳам як хел бомуваффакият амалӣ намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо тадбиркор корҳои ба нақша гирифтаашро амалӣ карда наметавонад, ё даромад ва фоидаи назардоштаро гирифта наметавонад. Зеро фаъолияти тадбиркорӣ ва натиҷаи онро пешакӣ пурра ва аниқ муайян карда намешавад. Мувофиқи ҳамин, яке аз нишонаҳои хусусияти асосии тадбиркорӣ – риск (таваккал) намудан ба ҳисоб меравад.

**Риски тадбиркорӣ** – хавфи гум кардани ресурсҳо дар оқибати мумкин будани ҳолати аз ресурсҳо пурсамар истифода бурдан берун шудан.

Риски тадбиркорӣ ба тамоми намудҳои фаъолият – истеҳсоли маҳсулот, фурӯши мол ва хизматрасонӣ, оператсияҳои молию пулӣ ва молиявӣ, тиҷорат; дар ҳолати ба амалбарории лоиҳаҳои илмию техникӣ ба вуҷуд омаданаш мумкин.

Пас, риски тадбиркорӣ эҳтимоли дидани зарар ё зиён дар ҳолати амалӣ нашудани тадбири ба накшагрифта аст. Он дар натиҷаи ба хато роҳ додан ҳангоми қабули қарори раёсат ёки дар ҳолатҳои ғайричашмдошт ҳам содир шуданаш мумкин аст.

Мафҳуми риск аҳамияти байналмилалӣ касб намуда, дар забони мо мазмуни хавф, хатар, таҳлука ва таваккалро мефаҳмонад.

### НАМУДҲОИ АСОСИИ РИСКҲО

Риски тадбиркориро ба намудҳои зиёд, масалан иқлими табиӣ, сиёсӣ, хоҷагӣ, нақлиёт ва дигарҳо тақсим намудан мумкин аст. Мо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

се навъи асосии риск – истеҳсолнамоӣ, молиявӣ ва инвеститсиониро дида мебароем.

**Риски истеҳсолнамоӣ** ба фаъолияти хоҷагидории корхона вобаста аст. Ин ҷо эҳтимоли маҷбуриятҳои худро иҷро карда натавонистани корхона фаҳмида мешавад. Масалан, иҷро карда натавонистани маҷбуриятҳои шартномавии супоришгар ё харидорро, маҳсулот ё хизматҳои худро фурӯхта натавонистани корхона, нархҳои онро дуруст муайян накардан, ба банкротшавӣ меорад.

Ҳолати сар задани тавсифи молиявӣ зарарҳои рӯйдода **риски молиявиро** ба вуҷуд меорад. Риски молиявӣ ҳангоми амалинамоии оператсияҳои коғазҳои қиматнок, дар соҳаи молияю кредит, биржаи фонд мумкин будани роҳ додани нобудшавиро ифода мекунад Ба риски молиявӣ, инчунин риски кредит, риски фоиз, риски валюта, риски бой додани натиҷаҳои молиявӣ баринҳоро дохил намудан мумкин аст.

**Риски инвеститсионӣ** дар ҷарайёни фаъолияти инвеститсионии корхона пайдо шудани нобудшавии молиявиро мефаҳмонад. Яъне, фурӯхта нашудани коғазҳои арзишдори корхона ё паст шудани даромади меовардаи онҳо, амалӣ нашудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ аз ҷумлаи онҳост.

## БАҲОГУЗОРИИ РИСКИ ФАЪОЛИЯТИ ТАДБИРКОРӢ

Бо мақсади кам намудани таъсири манфии риск дар фаъолияти тадбиркорӣ он баҳогузорӣ мешавад. Як қатор усулҳои баҳогузории риски тадбиркорӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла: усули баҳогузории статистикӣ, аналитикӣ, анологӣ ва экспертӣ.

## ҲИСОБИ ЭҲТИМОЛИИ РИСК

Асоси ҳисоб намудани риск ё таваккалнамоӣ ба мафҳуми эҳтимол вобаста аст. Олими америкоӣ Ф. Найт (1885–1972) эҳтимолро ба ду навъ ҷудо мекунад: математикӣ, яъне эҳтимоли пешакӣ муайян кардан мумкин ва эҳтимоли статистикӣ.

Агар эҳтимоли авваларо эҳтимоли объективӣ гӯем, он дар иқтисод камтар ба чашм мерасад, намуди дуюми эҳтимол эҳтимоли субъективӣ буда, хоси тиҷорат аст. Эҳтимолҳои объективию субъективӣ дар ифоданамоӣ ва интихоби дараҷаҳои таваккалнамоӣ исти-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фода мешавад. Эҳтимоли объективӣ барои муайян намудани арзиши миёна ёрдам диҳад, эҳтимоли субъективӣ барои муайян намудани мезони дигаргуншавандаи натиҷаҳои гирифтанаш мумкин ёрӣ медиҳад. Барои муайян намудани миқдори таваккалкорӣ оқибати пайгирии ягон ҳодиса ва воқеа ва донистани эҳтимоли ин оқибатҳо зарур аст.

Миқдори интизоршуда – ин қиматҳоии миёнаи ҳисобшудаи натиҷаҳои мумкинбуда. Ин ҷо эҳтимоли ҳар як натиҷа ба қимати мувофиқи басомад (частота) ё ченаки такроршавӣ аст.

$$E(X) = P_1 x_1 + P_2 x_2 + \ldots + P_n x_n$$

Ин ҷо: $x_i$ – натиҷаи мумкинбуда;
$P_i$ – эҳтимоли пайдоиши ин натиҷа:

$$P_1 + P_2 + \ldots + P_n = 1$$

Масалан, тадбиркор маҳсулоти нав истеҳсол кардан мехоҳад. Агар маҳсулоти нави тадбиркор дар бозор ба муваффақият ноил шавад, аз ҳар як воҳиди маҳсулот 10000 сӯмӣ фоида гирифтан мумкин, агар ба муваффақият ноил нашавад, барои як воҳиди маҳсулот 1000 сӯмӣ мегирад. Эҳтимоли дар бозор ба муваффақият расидани маҳсулоти корхона ба 0,6 баробар бошад, миқдори гирифтани фоида аз як воҳид маҳсулот чунин ҳисоб карда мешавад:

$$E(X) = 0{,}6 \times 10\,000 + 0{,}4 \times 1\,000 = 6\,400 \text{ сӯм}$$

Тайёрии одамон барои ба таваккалкорӣ, яъне риск аз ҳамдигар фарқ мекунад. Одамон бо тайёргарии худ барои ба риск рафтан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

– инсонҳои ба риск, яъне таваккалкорӣ моил;
– инсонҳои ба риск рафтан муқобил, яъне моил набуда;
– инсонҳои ба риск бефарқ нигаранда.

Инсони ба таваккалкорӣ муқобил гуфта, чунин одам фаҳмида мешавад, ки ҳангоми даромади назаррас гирифтан, ӯ нисбати натиҷаҳои ба таваккалкорӣ вобаста, натиҷаҳои бокафолатро боло медонад. Барои ҳамин ҳам набудани майл ба таваккалкорӣ хоси инсонҳои зиёд аст. Барои онҳо таваккалкорӣ санҷиши вазнин ҳисобида мешавад ва онҳо дар ҳолати додани компенсатсия ба таваккалкорӣ рафтанашон мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Инсони ба таваккалкорӣ бефарқ, чунин инсон ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми даромади назаррас дидан, ӯ натиҷаи кафолатдодашударо маъқул дониста, ба натиҷаҳои вобаста ба таваккалкорӣ бефарқ менигарад. Барои инсони ба таваккалкорӣ нейтрал нигаранда фоидаи миёна муҳим шуморида мешавад. Инсони ба таваккалкорӣ моил, чунин инсон ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми даромади назаррас дидан, ӯ нисбати натиҷаи кафолатдодашуда, натиҷаи вобаста ба таваккалкориро боло мегузорад.

Инсоне, ки ба таваккалкорӣ шавқ дорад аз он баҳра мегирад. Ба тоифаи чунин инсонҳое дохил мешаванд, ки барои тақдири худро санҷидан аз даромади барқарор даст мекашанд.

Чунин намудҳои камкунандаи риск мавҷуд аст: диверсификатсия, суғуртанамоӣ, тақсимнамоии таваккалкорӣ,ҷустани ахборот.

Дар усули диверсификатсия риск ба якчанд маҳсулот тақсим мешавад, яъне фурӯши (харида гирифтани) ягон маҳсулот ба риски баланд вобаста бошад, ба фурӯши (харида гирифтани) маҳсулоти дигар тақсим шавад, ба камшавии риск оварда мерасонад.

Масалан, ягон ширкат ду намуд маҳсулот истеҳсол мекунад. Маълум аст, ки эҳтимоли дар як вақт камшавии талаби ба ҳар ду маҳсулот буда, аз эҳтимоли талаби камшавӣ ба яке аз он маҳсулотҳо баланд мебошад. Бисёр мешавад, ки дар ҳолати кам шудани талабот ба як намуди маҳсулот, талаб ба маҳсулоти дуюм зиёд мешавад. Дар ҷадвали зерин даромади аз ду намуди маҳсулот ба даст омада оварда шудааст.

*Ҷадвали 1*

**Даромади аз фурӯши маҳсулот ба даст омада**

| Намуди маҳсулот | Фасли тобистон | Фасли зимистон |
|---|---|---|
| Яхмос | 600 млн. сӯм | 100 млн. сӯм |
| Торти яхмосӣ | 100 млн. сӯм | 600 млн. сӯм |

Ширкат истеҳсолоти худро диверсификатсия карда, дар фасли тобистон истеҳсоли маҳсулоти дуюмро ба роҳ монда, даромади гумшударо аз ҳисоби маҳсулоти аввала мепӯшонад. Ҳамчунин дар фасли зимистон зарарҳо аз ҳисоби маҳсулоти дуюм пӯшонда мешавад. Намоён мешавад, ки фирма бо роҳи диверсификатсия таваккалкориро кам намуд. Лекин диверсификатсия таваккалро пурра аз байн намебарад, онро танҳо кам мекунаду халос.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## СУҒУРТАНАМОИИ РИСК

**Ҷамънамоии рискҳо** – ин усул бо роҳи нобудшавиҳои иқтисодиро ба хароҷотҳои ивазнашаванда баргардонидан ба камшавии таваккалкорӣ нигаронида шудааст. Маълум, ки тороҷ шудани мулк, бемор шуда ба кор набаромадани шахс, ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ тасодуфӣ буда, онҳо хароҷотҳои зиёдеро оварданашон мумкин аст. Барои кам намудани оқиабтҳои нохуши ин ҳодисаҳо аҳамияти суғурта беқиёс аст.

Дар суғартанамоӣ самарадории ҷамъи таваккалнамоӣ бо ин муайян мешавад, ки таваккалнамоии шахсони суғурташуда ба ҳамдигар вобаста набуднаш даркор.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Риски тадбиркорӣ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Риски тадбиркориро ба кадом навъҳо ҷудо карда меомӯзанд?
3. Кадом усулҳои баҳогузории риски тадбиркориро медонед?
4. Дар асоси риски эҳтимолӣ миқдори чашмдошт чӣ гуна муайян мешавад?
5. Кадом намуди паст кардани риски тадбиркориро медонед?

### СУПОРИШ ВА МАШҚҲОИ АМАЛӢ ДОИР БА МАВЗӮЪ

1. Агар гӯем, ки дар ихтиёри тадбиркори ҷавон Нигора Абдураззоқова ду варианти зиёд намудани маблағ ҳаст. Аввало, агар ӯ 100 млн. сӯм маблағи зиёдатии дар даст доштаашро ба банк ба амонат монад, солона ба миқдори 20 фоиз намуди кафолатшудаи даромад мегирад. Дуюм, ӯ ба истеҳсолоти иловагӣ машғул шуда метавонад. Маҳсулоти истеҳсолкардаи ӯ агар дар бозор эътибор пайдо кунад, даромади иловагии тадбиркор 40 млн. сӯмро, агар мавaффақият ба даст наорад 10 млн сӯмро ташкил медиҳад. Эҳтимоли дар бозор ба муваффақият ноил шудан ба 0,4 баробар. Даромади миқдори аз истеҳсоли маҳсулот ба даст омадаро муайян кунед. Тадбиркор кадом вариантро интихоб мекунад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 29 РЕСУРСҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР КОРХОНА

## РЕСУРСҲОИ МЕҲНАТӢ

Дар ташкил намудани фаъолияти тадбиркорӣ яке аз ресурсҳои аз ҳама муҳим – ресурсҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

**Ресурсҳои меҳнатӣ** – қисми аҳолии соҳиби қобилияти ақлию ҷисмонӣ, ки барои меҳнат зарур мебошад.

Дар Ӯзбекистон ба таркиби ресурсҳои меҳнатӣ занону духтарони аз 16-сола то 55-сола ва мардони то 60 сола дохил мешаванд.

## ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Агар шумо дар асоси фаъолияти тадбиркорӣ коргаронро ба кор гирифтанӣ бошед, инро дар асоси қонун ташкил карданатон лозим. Муносибати корхона ва коргар дар мамлакатамон бо ёрии шартномаи меҳнатӣ ба шакл дароварда мешавад.

**Шартномаи меҳнатӣ** – ҳуҷҷати ҳуқуқии ба тартиб даροранда ва намоёнкунандаи муносибатҳои миёни корхонаю коргарони ба кор қабулкунада.

Дар шартномаи меҳнатӣ масъалаҳои зерини муҳим нишон дода мешавад:
– ставкаи музди меҳнат;
– ставкаи корҳои аз меъёр зиёд иҷрошуда;
– рӯзҳои истироҳат ва танаффусҳо;
– боздошти бунёдҳои нафақа ва ҳифзи тандурустӣ;
– ҳолати тағйирёбии нархҳоро ба инобат гирифта, микдори музди меҳнат ва дигар пардохтҳоро ба тартиб овардан;
– шароити меҳнат ва масъалаҳои дигар.

Инчунин, дар шартномаи меҳнатӣ масъалаҳои зарурии ташкилӣ ҳам нишон дода мешавад. Одатан, шартномаи меҳнатӣ барои якчанд сол тартиб дода мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУЗДИ МЕҲНАТ

Шакли аз ҳама асосии коргаронро рағбатмандкунанда ин музди меҳнат ба шумор меравад. Натиҷаи дуруст ба боадолатона муайян кардани музди меҳнат ба фаъолияти тадбиркорӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Музди меҳнат** – ифодаи пулии миқдори меҳнати коргару хизматчиён ҳиссаи дар фаъолияти тадбиркорӣ аз маҳсулоти офаридашуда, ба сифат ва ӯҳдадорӣ.

Музди меҳнати коргару хизматчиён ба дараҷаи кофӣ шароити зиндагиро бояд таъмин намояд. Дар ин ҷо донистани мафҳуми музди меҳнати номиналӣ ва реалӣ зарур аст.

**Музди меҳнати номиналӣ** – пул ва ё музди меҳнати дар давоми вақти маълум гирифташуда.

Барои мисол, шумо ба коргари корхонаатон моҳи январ 800 ҳазор сӯм, моҳи феврал 790 ҳазор сӯм ва моҳи март 820 ҳазор сӯм музди меҳнат додед. Инҳо музди меҳнати номиналӣ ҳисобида мешавад.

**Музди меҳнати реалӣ** – миқдори хизмат ва маҳсулоте, ки бо музди меҳнати номинал харида гирифтан мумкин.

Дигар хел карда гӯем, музди меҳнати реалӣ – ин қобилияти музди меҳнати номиналии «харид кардан» аст. Худ аз худ аён аст, ки музди меҳнат аз миқдори музди меҳнати номинал ба нархи маҳсулоти харидашаванда вобаста аст. Пас, музди меҳнати реалӣ ба музди меҳнати номиналӣ мутаносиби роста ва ба дараҷаи нархи маҳсулоти истеъмолию хизматҳо мутаносибати чаппа аст:

$$V_r = \frac{V_n}{P}$$

Ин ҷо: $V_r$ – музди меҳнати реалӣ; $V_n$ – музди меҳнати номинал; $P$ – дараҷаи нархи маҳсулоти истеъмолӣ ва хизматҳо.

Аз мисоли боло музди меҳнати номиналӣ аз тарафи шумо ба коргар моҳи феврал нисбат моҳи январ ба 98,7 фоиз, моҳи март 102,5 фоизро ташкил карда буд. Барои муайян кардани дараҷаи музди меҳнати реалӣ бошад, дар бораи нархи маҳсулоти истеъмолӣ ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хизматҳо маълумот зарур мешавад. Бигӯем, дараҷаи нарх дар моҳи феврал нисбати моҳи январ 1,08, дар моҳи март бошад, 1,2 баробар зиёд шуда бошад. Дар он ҳолат музди меҳнати реали коргар дар моҳи феврал 731 ҳазор сӯмро, моҳи мартбошад 683 ҳазор сӯмро ташкил мекунад. Музди меҳнати реалии коргари нав нисбати моҳи январ дар моҳи феврал дар дараҷаи 91,3 фоиз, моҳи март 85,3 фоиз мешавад.

## МУАЙЯН КАДАНИ МУЗДИ МЕҲНАТ

Дуруст муайян намудани музди меҳнат дар фаъолияти тадбиркорӣ аз тарафи давлат ба тартиб андохта мешавад. Он бо ёрдами сохтори муайян кардани музди меҳнат дар амал татбиқ мешавад.

**Сохтори тариф** – маҷмӯи меъёрҳои дар миқёси мамлакат, сохторҳо, намудҳои истеҳсолнамоӣ ба малакаи ходимон ва шароити меҳнати онҳо нигоҳ карда, дараҷаи музди меҳнатро ба тартиб оваранда.

Сохтори тариф ба дохили худ маълумоти малакаи тариф, ставкаи тариф, сеткаи тариф, коэффитсиентҳои гуногуни нисбати музди меҳнат истифодашавандаро мегирад:

**Сеткаи тарифи ягонаи додани музди меҳнат**

| Разриядҳои додани музди меҳнат | Коэффитсиентҳои тариф | Разриядҳои додани музди меҳнат | Коэффитсиентҳои тариф |
|---|---|---|---|
| 1 | 2,476 | 12 | 6,115 |
| 2 | 2,725 | 13 | 6,503 |
| 3 | 2,998 | 14 | 6,893 |
| 4 | 3,297 | 15 | 7,292 |
| 5 | 3,612 | 16 | 7,697 |
| 6 | 3,941 | 17 | 8,106 |
| 7 | 4,284 | 18 | 8,522 |
| 8 | 4,640 | 19 | 8,943 |
| 9 | 4,997 | 20 | 9,371 |
| 10 | 5,362 | 21 | 9,804 |
| 11 | 5,733 | 22 | 10,240 |

**Ставкаҳои тариф** миқдори музди меҳнати коргари соҳиби разрияди дахлдор бударо муайян мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## САМАРАДОРИИ МЕҲНАТ ВА ҲИСОБИ ОН

Дар корхона ба коргарон дуруст ва боадолатона тақсим кардани музди меҳнат ба самарадории меҳнати коргарон таъсир мерасонад.

**Самарадории меҳнат** – қобилияти офаридани маҳсулот дар мобайни воҳиди вақт.

Самарадории меҳнат дар байни вақти маълум ба ивази ҳар як воҳиди меҳнати коргар бо миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда муайян мешавад:

$$CM = \frac{M}{B}$$

Дар ин ҷо: *СМ* – самарадории меҳнат; *М* – маҳсулот, *В* – вақти корӣ сарфшуда.

Аз ин маълум мешавад, ки миқдори меҳнати коргар бо вақти меҳнати аз тарафи ӯ иҷрошуда, рӯзи кас, соати кас ва дигарҳо ишора мешавад.

## ОМИЛҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАДОРИИ МЕҲНАТ

Тадбиркор бояд дар корхонаи худ барои баланд бардоштани самарадории меҳнат ҳаракат намояд. Зеро баланд шудани самарадории меҳнат аз захираҳои меҳнати корхона босамар истифода бурданро мефаҳмонад. Омилҳои афзоиши самарадории меҳнат ба омилҳои ҷудонашавандаи тараққиёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию техникавӣ ҷудо карда омӯхта мешавад.

### ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Ресурсҳои меҳнат чист ва ондар дохили худ киҳоро мегирад?
2. Шартномаи меҳнатӣ барои чӣ зарур?
3. Музди меҳнат чист ва аҳамияти он дар фаъолияти тадбиркорӣ чӣ гуна аст?
4. Мафҳуми музди меҳнати номиналӣ ва реалӣ чиро мефаҳмонад?
5. Сохтори тариф чист? Он ба дохили худ кадом ҷиҳатҳои асосиро мегирад?
6. Дар хусуси сеткаи тарифи ягонаи пардохти музди меҳнат маълумот диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 30 ТАЪМИНИ РАҚОБАТНОКӢ

Ӯзбекистон дар соҳаи илму фан, солоҳияти интеллектуалӣ, кадрҳои замонавӣ, технологияҳои пуриқтидор дар миқёси дунё рақобатбардор бояд бошад.

***Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев***

### РАҚОБАТ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Ҷиҳати муҳим ва ҷудонашавандаи механизми бозор рақобат ба ҳисоб меравад.

**Рақобат** – ин мубориза иқтисодӣ дар миёни иштирокдорони бозор барои ба натиҷаи баланд ва мавқеъ соҳиб шудан.

Шумо барои фаъолияти тадбиркории худро бомуваффақият пеш бурдан, албатта, дар бораи рақобат ба дониши кофӣ бояд сазовор бошед.

Як қатор вазифаҳои асосии рақобат вуҷуд дорад.

- Шаклҳои рақобат
  - Ба тартиб даровардан
  - Ҷойгирнамоии ресурсҳо
  - Рағбатнамоии инноватсия
  - Тақсимнамоӣ
  - Назорат кардан

### ШАКЛҲОИ РАҚОБАТ

Пеш аз интихобнамоии фаъолияти тадбиркорӣ, муҳим он аст аввало бидонем, ки чӣ гуна шароити рақобат амал карда истодааст. Чор шакли муҳими рақобатро ҷудо карда нишон додан мумкин аст.

- Шаклҳои рақобат
  - Рақобати озод
  - Рақобати монополистӣ
  - Манополияи соф
  - Олигополия



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Рақобати озод** – ин рақобатест, ки дар шароити мавҷуд будани корхонаҳои аз ҳад зиёди соҳа, ки маҳсулоти якхела истеҳсол мекунанд.

**Нишонаҳои хусусияти рақобати озод:**

– маҳсулоти аз тарафи тадбиркор ва корхонаҳои алоҳида истеҳсолшуда аз ҳаҷми дар дохили умумии соҳа буда, ҳиссаи калон надоштан;

– аз болои нархи маҳсулоти худ назоратро ба роҳ монда натавонистани истеҳсолкунанда;

– озодии воридшавӣ ва хориҷгардӣ аз сохтор.

Барои мисол, Шумо ба тадбиркории истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ шуғл варзиданиед, дар ин ҳол ба Шумо лозим меояд, ки дар шароити озод бояд фаъолият баред.

**Монополияи соф** ин ҳолатест, ки дар соҳа истеҳсолкунандаи ягона мавҷуд буда, бозор ба мавқеъи яккаҳукмронӣ соҳиб аст.

**Нишонаҳои хусусияти монополияи соф:**

– истеҳсол гардидани тамоми маҳсулоти соҳа аз ҷониби корхонаи ягона;

– аз боли нархи маҳсулоти истеҳсолнамудаи худ назорати пурраро ҷорӣ намудан;

– хеле душвор будани ба соҳа даромадан ва баромадан.

**Рақобати монополистӣ** ин рақобатест, ки дар як вақт ҳам хусусияти рақобатӣ ва ҳам монополистиро соҳиб аст.

**Нишонаҳои хусусияти монополистӣ:**

– истеҳсол гардидани як намуди маҳсулоти соҳа аз ҷониби даҳҳо корхона;

– табақабандии маҳсулоти худ мувофиқи хусусиятҳои хос нисбат ба дигар маҳсулоти чунун навъдошта;

– аз боли нархи маҳсулоти истеҳсолнамудаи худ қисман назоратро ҷорӣ намудан;

– ба дараҷаи маълум душвор будани ба соҳа даромадан ва баромадан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Олигаполия** рақобатест, ки дар шароити он қадар зиёд набудани корхонаҳо ва ҳукмронӣ намудан дар соҳа.

**Нишонаҳои хусусияти олигополия:**

– истеҳсол гардидани як намуди маҳсулоти соҳа аз ҷониби якчанд корхонаҳои бузург;

– аз болои нархи маҳсулоти истеҳсолнамудаи худ ба дараҷаи назаррас назорат ҷорӣ намудан;

– душвор будани ба соҳа даромадан ва баромадан.

## УСУЛҲОИ РАҚОБАТНАМОӢ

Усулҳои бо воситаи нарх ва бенарх рақобатнамоӣ аз ҳамдигар тафовут дорад.

**Рақобатнамоӣ бо воситаи нарх** – ин рақобатест, ки бо усули нархи маҳсулотро аз нархи чунин маҳсулоти истеҳсолгари дигар истеҳсолкарда нисбатан паст намудан асос меёбад.

**Рақобатнамоии бенарх** – рақобат омили асосии мубориза буда, сифати маҳсулот, хизмати сервисӣ, обрӯю эътибори ширкати истеҳсолкунанда ба ҳисоб гирифта мешавад.

## РАҚОБАТИ БЕИНСОФОНА

Аз усулҳои ғайрииқтисодии рақобатнамоӣ истифода бурдан рақобати беинсофона номида мешавад. Ба он монанди истифодаи қувваи ҷисмонӣ, маҷбурнамоӣ, обрӯйи рақибонро резонидан, аз манбаъҳои захираҳои иқтисодӣ маҳрум кардан, мутахассисони соҳибмалакаро кашида гирифтан, якбора паст намудани нарх дохил мешавад.

## РОҲҲОИ ЗИЁД НАМУДАНИ РАҚОБАТБАРДОРИИ КОРХОНА

Дар иқтисодиёти бозор қобилияти аз рақобаткунандагон пеш гузаштан, ёки баланд омадан, яъне рақобат муҳим ба шумор меравад. Намуди ҳам рақобатӣ дар дараҷаҳо намоён шуданаш мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Барои ҳар як дарачаи рақобатбардорӣ омилҳои асосии дорои хусусиятҳои хол мавчуд аст.




Барои бомуваффақият дар амал татбиқ намудани фаъолияти тадбиркориатон таъмин намудани рақобатбардории корхонаатон зарур аст.

**Рақобатбардории корхона** – қобилияти аз ҷиҳати самарадории фаъолияти молиявӣ ва маркетинги истеҳсолоти худ муносиб истодагарӣ кардан ба корхонаҳои дигари истеҳсолкунандаи маҳсулоти навъи муайян.

Барои ин, албатта, бояд роҳҳои таъмини рақобатбардории корхонаро донистанатон зарур аст. Дар поён асоситарини онҳоро меорем:

– дар чараёни истеҳсолот мунтазам ҷорӣ намудани навгониҳо;
– аз рӯйи шакли нисбатан такомулёфтаи маҳсулот навҷӯиҳо кардан;
– таъмини мувофиқияти сифати маҳсулот ба андозаҳои миллӣ ва чаҳонӣ;
– аз ашёи хом ва маводи хушсифат истифода бурдан;
– ба таври мунтазам бозомӯзии ихтисоси ходимон;
– зиёд намудани манфиатдории моддии ходимон ва беҳтар намудани шароити меҳнат;
– дар бозор тадқиқотҳои амиқи маркетингӣ гузаронидан ва дигарҳо.

## САВОЛҲО БАРОИ МУЛОҲИЗА ВА НАЗОРАТ

1. Кадом вазифаҳои рақобат мавчуд аст?
2. Кадом шаклҳои рақобатро медонед?
3. Хусусият ва нишонаҳои рақобати озодро шарҳ диҳед.
4. Рақобат бо воситаи нарх чист? Кадом усулҳои он мавчуд аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАВЗЕҲОТ

**Агрофирма** – ширкат ё корхонае, ки маҳсулоти хоҷагии деҳоти аз ҷониби хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва шахсии ёрирасон ҳосилшударо дубора коркард мекунад ва ба муомила мебарорад.

**Бизнес-лоиҳа** – ҳуҷҷате, ки тамоми чораю тадбирҳои алоқаманд бо амалӣ сохтани ғояҳои муайяни бизнесро фаро мегирад ва ба самаранокӣ асос ёфтааст. Бизнес-лоиҳа таъйин мекунад, ки ба ин ё он лоиҳа ҷудо кардани маблағ ба мақсад мувофиқ аст ё не.

**Бизнес-план** – як навъ ҳуҷҷати ташкилӣ-иқтисодӣ, ки дар он ҷиҳатҳои муҳиме қабл аз оғози фаъолияти тадбиркорӣ, аз қабили, моҳият ва давраи фаъолият, хароҷоти эҳтимолӣ, даромади мавриди назар баён мешаванд.

**Диверсификатсиянамоии истеҳсолот** – васеъ намудани навъҳои истеҳсоли маҳсулот бо мақсади зиёд намудани мувофиқоии тағйири ҳолати бозор.

**Инноватсия** (бо анг. «*innovation*» – навигарӣ, навоварӣ) – технологияҳои нав, намудҳои маҳсулоту хизматҳо, истеҳсолот, меҳнат, хизматрасонӣ ва дастгирии навгониҳо дар намуди раёсат.

**Калкулатсия** – аз калимаи лотинии «calculatio» гирифта шуда, маъноҳои ҳисоб, ҳисобу китобро дорад. Ин ҳисобу китоби шакли пулии хароҷоти истеҳсолотест, ки ба яклухтии маҳсулот рост меояд.

**Корхонаи оилавӣ** – шакли тадбиркории оилавии дар ҳолати шахси ҳуқуқӣ ташкил гардида амалӣ мешавад.

**Маркази «Даричаи ягона»** – идораи махсусест, ки хизматҳои гуногуни давлатӣ мерасонад, аз ҷумла барои аз руйхат гузаронидани фаъолияти тадбиркорӣ машғул мешавад.

**Микрофирма** – субъекти тадбиркории хурдест, ки дар шакли шахси юридикӣ аз рӯйи соҳаи муайян, бо миқдори ками коргар кор мебарад.

**Нуқтаи безарари истеҳсолот** – ин ҳолати пурра пӯшонидани хароҷотҳои истеҳсолӣ аз даромадҳои фурӯши ин маҳсулот ба даст омада аст. Дар нуқтаи мазкур ҳаҷми фоида ба сифр баробар мешавад.

**Рақобат** – ин мубориза иқтисодӣ дар миёни иштирокдорони бозор барои ба натиҷаи баланд ва мавқеъ соҳиб шудан.

**Рақобатбардории корхона** – қобилияти аз ҷиҳати самарадории фаъолияти молиявӣ ва маркетинги истеҳсолоти худ муносиб истодагарӣ кардан ба корхонаҳои дигари истеҳсолкунандаи маҳсулоти навъи муайян.

**Риски инвеститсия** – мувофиқи сабабҳои ғайричашмдошт эҳтимоли ҷудошавии молиявӣ оқибати самара наовардани маблағҳои инвеститсия.

**Риски тадбиркорӣ** – хавфи гум кардани ресурсҳо дар оқибати мумкин будани ҳолати аз ресурсҳо пурсамар истифода бурдан берун шудан.

**Стартап** (англ. *«startup company», «startup»* – ширкати навташкил) – ширкат, фирмаи навкор ё бизнес-лоиҳаи наве, ки фаъолияти худро дар асоси ғояҳои инноватсионӣ ё технологияҳо ташкил додааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Тадбиркор** – шахсе, ки дар боби истеҳсоли ягон навъи маҳсулот, ташкили чараёни хизматрасонӣ соҳиби лаёқати тадбиркорӣ, яъне дониш, ихтисос ва таҷриба мебошад.

**Тадбиркории оилавӣ** – фаъолияти тадбиркориест, ки аз ҷониби аъзоёни оила ва хешовандони наздик ташкил мешавад.

**Тадбиркории тартиби якка** – шакли шахси ҳуқуқӣ ташкил накарда, фаъолияти тадбиркории хусусиро амалӣ намудан.

**Тадбиркории ҷавонон** – ҷараёни ба амал овардани фаъолияти тадбиркории шахсии аз 18-сола то 35-сола дар кишвар.

**Тадқиқоти маркетинг** – яке аз тадқиқотҳои маркетингии омӯзиши бозор буда, дар бораи истеҳсолнамоӣ ва маҳсулоти барои дар бозор фурӯхташаванда маълумот ҷамъ кардан, таҳлил кардан ва ҷараёни аз нав коркардро андаруни худ мегирад.

**Таннарх** – ифодаи пулии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

**Устави корхона** – ҳуҷҷати муайянкунандаи тартиб ва шартҳои фаъолияти корхона.

**Ӯҳдадории тадбиркор** – маҷмӯаи қоидаҳои ҳаракатҳои шартан иҷро намудаистодаи тадбиркор аст, ки аз тарафи давлат муайян шудааст.

**Хоҷагии деҳқонӣ** – як навъ хоҷагии оилавии амволи хурд, ки дар қитъаи замини ба соҳиби оила додашуда ташкил меёбад ва дар он аъзои хонавода бо меҳнати шахсии худ маҳсулоти хоҷагии деҳотро истеҳсол ва ба муомила мебароранд.

**Хоҷагии фермерӣ** – субъекти мустақили хоҷагидорӣ, ки дар сурати истифодаи қитъаҳои замини ба иҷора додашуда бо истеҳсоли амволи хоҷагии деҳот машғул мешавад.

**Хоҷагии шахсии ёрирасон** – як навъ хоҷагии оилавӣ, ки ба меҳнати шахсии сокинони деҳот дар боғчаи назди ҳавлии худ ва аз ҷониби онҳо истеҳсол шудани маҳсулоти деҳқонӣ асос ёфтааст.

**Ҳуқуқи тадбиркор** – маҷмӯи қоидаҳои барои истифода бурдан ба тадбиркор аз тарафи давлат муайян шудааст, ё иҷозат дода шудааст.

**Ҷавобгарии тадбиркор** – маҷбурияти ҷавоб додан оид ба мувофиқ будани рафтору кирдори тадбиркор ба меъёрҳои қонунии муайяншуда ва қоидаҳои иҷтимоию ахлоқӣ мебошад.

**Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд (ҶММ)** – аъзоёни ҷамъияти масъулияташ маҳдуд танҳо дар доираи ҳиссаи гузоштаи худ ҷавобгар буда метавонанд.

**Шартномаи таъсис** – ҳуҷҷати юридикиест, ки муассисон ҳангоми ташкили корхона ба ҳам маслиҳат карда ба як қарор омадаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНДАРИҶА

Мавзӯи 1. Мазмун ва моҳияти тадбиркорӣ ... 3
Мавзӯи 2. Намуд ва шаклҳои тадбиркорӣ ... 9
Мавзӯи 3. Тадбиркории тартиби якка ... 14
Мавзӯи 4. Тадбиркории оилавӣ ... 20
Мавзӯи 5. Микрофирма ва корхонаи хурд ... 25
Мавзӯи 6. Корхонаи хусусӣ ... 30
Мавзӯи 7. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ... 34
Мавзӯи 8. Ҷамъияти саҳҳомӣ ... 38
Мавзӯи 9. Тадбиркорӣ дар деҳот ... 43
Мавзӯи 10. Тадбиркории ҷавонон ... 49
Мавзӯи 11. Тартиб додани бизнес-план ... 53
Мавзӯи 12. Бизнес-лоиҳа ва стартапҳо ... 57
Мавзӯи 13. Ҳуҷҷатҳои таъсиси корхона ... 61
Мавзӯи 14. Аз рӯйихати давлат гузаронидани тадбиркорон ... 66
Мавзӯи 15. Масъулияти тадбиркорӣ ... 70
Мавзӯи 16. Маблағҳои корхона ва истифодабарии босамари он ... 74
Мавзӯи 17. Кредитҳои банк ... 80
Мавзӯи 18. Хароҷоти корхона ... 85
Мавзӯи 19. Таннархи маҳсулот ... 89
Мавзӯи 20. Натиҷаҳои молиявии корхона ... 93
Мавзӯи 21. Ба андоз кашидани тадбиркорӣ ... 99
Мавзӯи 22. Маркетинг дар тадбиркорӣ ... 103
Мавзӯи 23. Реклама ва фурӯши маҳсулот ... 107
Мавзӯи 24. Идора кардани корхона ... 111
Мавзӯи 25. Ба экспорт баровардани маҳсулот ... 115
Мавзӯи 26. Фаъолияти инвеститсия ... 120
Мавзӯи 27. Фаъолияти инноватсия ... 124
Мавзӯи 28. Баҳодиҳиии риски тадбиркорӣ ... 128
Мавзӯи 29. Ресурсҳои меҳнатӣ дар корхона ... 133
Мавзӯи 30. Таъмини рақобатнокӣ ... 137
Тавзеҳот ... 141



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Асосҳои тадбиркорӣ [Матн]:** китоби дарсӣ барои синфи
Т 14 11-и мактабҳои таълими миёна / У. Ғафуров, Қ. Шарипов. –
Т.: ХЭТН «O‘zbekiston», 2018. – 144 с.

ISBN 978-9943-25-610-1

**УЎК 338.22(075.32)**
**КБК 65.290-2я721**

*O‘quv nashri*

**Ubaydullo Vaxabovich G‘afurov,**
**Quvondiq Baxtiyorovich Sharipov**

# TADBIRKORLIK ASOSLARI

*Umumiy o‘rta ta’lim muassasalarining 11-sinfi uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

Original-maket «O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlangan.
100011, Toshkent, Navoiy ko‘chasi, 30.

Тарҷумон *Ш. Бобоҷонов*
Муҳаррир *А. Шукуров*
Муҳаррирони бадеӣ: *Р. Маликов, У. Сулаймонов*
Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов*
Муҳаррири хурд *Г. Ералиева*
Саҳифабанди компютерӣ *К. Голдобина*

Литсензияи нашриёт AI №158, 14.08.2009.
Ба чопаш 25 июли соли 2018 иҷозат дода шуд. Андозаи $70\times90^1/_{16}$.
Коғази офсет. Гарнитураи «Times New Roman Tj». Кегли 11,95.
Бо усули офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 11,23.
Адади нашр 7797. Супориши №199-18.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘qituvchi»-и Агентии матбуот ва ахбороти
Республикаи Ўзбекистон чоп шуд Тошканд – 206, кӯчаи Янгишаҳр, 1.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE